# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 331.556(575.3)
ТКБ: 65.5(2Т)
О - 15

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ОБИДЗОДА УМЕД ФОЗИЛ**

# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ВАЗЪИ ГЕОИҚТИСОДӢ ДАР ҶАҲОН

**Д И С С Е Р Т А ТС И Я**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ
(6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)

**Роҳбари илмӣ**:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент.
Асрорзода У.С.

**ДУШАНБЕ – 2025**

## М У Н Д А Р И Ҷ А

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ........................................................................ 3**

**МУҚАДДИМА.................................................................................................... 4**

**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТИВУ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНИҲОИ ГЕОИҚТИСОДӢ.......................................................................................... 15**

**1.1. Равишҳои назариявӣ нисбат ба омӯзиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ..................................................................................... 15**

**1.2. Ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузорӣ дар ҷаҳон ва самтҳои асосии рушди он ........................................................................................................ 36**

**1.3. Ҳамкориҳои иқтисодии байни кишварҳо дар шароити дигаргун шудани вазъи геоиқтисодӣ...................................................................................... 54**

**БОБИ 2. ВАЗЪИ КУНУНИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ . 65**

**2.1. Таҳлили динамикаи гардиши мол ва сохтори содироту воридот байни Тоҷикистон ва Хитой ........................................................................................ 65**

**2.2. Сармоягузории Хитой ба Тоҷикистон: миқёс ва самтҳои он........... 76**

**2.3. Омилҳои муҳимтарини рушди босуръати муносибатҳои тиҷоратию сармоягузории Тоҷикистону Хитой ..................................................... 98**

**БОБИ 3. ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА ХИТОЙ ДАР ҚАРИНАИ ВАЗЪИ КУНУНИИ ГЕОИҚТИСОДӢ...........................................................................................121**

**3.1. Таъсири омилҳои геоиқтисодӣ ба рушди минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Хитой ..........................................................................................121**

**3.2. Самаранокии ҳамкориҳои иқтисодии байни Тоҷикистону Хитой омилҳои баланд бардоштани он ..................................................................128**

**3.3. Самтҳои ояндадори тақвияти ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодии Тоҷикистону Хитой ..........................................................................................136**

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО ..........................................................................153**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА...................................................159**

**ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ ..................................................................................................................................176**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

| | | |
|---|---|---|
| **БУ** | – | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| **ВМКБ** | – | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| **ЗСТ** | – | Занҷири сармоягузорӣ ва такрористеҳсолкунӣ |
| **ИМА** | – | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| **ИҶШС** | – | Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ |
| **ИА** | – | Иттиҳоди Аврупо |
| **ИИАО** | – | Иттиҳоди иқтисоди АвруОсиё |
| **ИДМ** | – | Иттиҳодияи давлатҳои мустақил |
| **КВД** | – | Корхонаи воҳиди давлатӣ |
| **ММД** | – | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| **НТҶ** | – | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| **НБО** | – | Нерӯгоҳи барқии обӣ |
| **НБГ** | – | Нерӯгоҳи барқи гармидиҳӣ |
| **САҲА** | – | Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо |
| **СААД** | – | Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ |
| **СМХ** | – | Сармоягузории мустақими хориҷӣ |
| **СММ** | – | Созмони Миллали Муттаҳид |
| **СҲШ** | – | Созмони ҳамкории Шанхай |
| **СТ** | – | Сармоягузорӣ ва такрористеҳсолкунӣ |
| **СУС** | – | Созмони умумиҷаҳонии савдо |
| **СБС** | – | Созмони байналхалқии савдо |
| **ТБМ** | – | Тақсимоти байналмилалии меҳнат |
| **ТҲШ** | – | Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ |
| **ҶТ** | – | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ҶХХ** | – | Ҷумҳурии Халқии Хитой |
| **ҶСК** | – | Ҷамъияти саҳомии кушода |
| **ҶДММ** | – | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд |
| **ШФМ** | – | Ширкатҳои фаромиллӣ |
| **ШТМ** | – | Ширкатҳои трансмиллӣ |
| **ХБИБ** | – | Хатҳои баландшиддати интиқоли барқ |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҳамгироии босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва таҷдиди равандҳои геостратегӣ таҳқиқи омилҳои баландбардории рақобатпазирӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ зарурияти хосса касб менамояд. Иқтидори афзояндаи Хитой дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҷойгоҳу нақши мустақими он дар минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан дар доираи «Як камарбанд – як роҳ», таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои таъсиррасон ба равандҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратро дар байни ду кишвар талаб менамояд.

Барои Тоҷикистон, ки иқтисоди он то ҳол дар раванди ташаккул ва гуногунсозии бозорҳои содиротӣ ва пардохтӣ қарор дорад, рушди устувори иқтисодӣ бештар тавассути густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ имконпазир мебошад. Дар ин замина, омӯхтани самтҳои асосии воридоти сармояҳои Хитоӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон, аз ҷумла саноат, энергетика ва инфрасохтор, қадами муҳим ба сӯйи таҳкиму мукаммалсозии пояҳои рушди дарозмуддат маҳсуб меёбад. Илова бар ин, вусъат ёфтани ҳамкориҳо дар асоси шартномаву созишномаҳои марбута, аз ҷумла Созишномаи ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи иқтисодиву тиҷорат ва барномаҳои муштараки сармоягузории байниҳукуматӣ зарурати тадқиқоти илмиро дар ин самт боз ҳам бештар мегардонад.

Дар шароити кунунии тағйироти геоиқтисодӣ, ки бо раванди бозсозии занҷирҳои арзишофарини ҷаҳонӣ ва афзоиши рақобати байниминтақавӣ тавъам аст, нақши ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузорӣ бо Хитой барои Тоҷикистон дорои аҳаммияти хос мебошад. Дар шароите ки бозорҳои ҷаҳонӣ тағйироти зуд ва ноустуворро таҷриба мекунанд ва зарурати таъмини манфиатҳои иқтисодии миллӣ дар марҳилаҳои гузариш пеш омадааст, таҳлили амиқи хатарҳо, имкониятҳо ва паёмадҳои эҳтимолӣ ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти

калидӣ касб мекунад. Маҳз дар заминаи чунин таҳқиқоти илмӣ метавон заминаҳои устувори стратегияи мутавозини ҳамкориҳои хориҷӣ ва сиёсати самараноки сармоягузориро бунёд намуд.

Ҳамин тавр, мубрамияти таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки натиҷаву хулосаҳои асосии он метавонанд ҳамчун асоси илмию методологӣ барои ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ва бахши хусусӣ дар самти тарҳрезии барномаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва дурнамои муносибатҳои иқтисодӣ истифода шаванд. Бо назардошти он ки ҷанбаҳои байналмилалии рушди иқтисодӣ дар шароити рақобати байналмилалӣ аҳаммияти калидӣ доранд, арзёбии илман асосёфтаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории Тоҷикистону Хитой дар раванди шаклгирии рақобатпазирӣ, болоравии иқтидори содиротӣ ва ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ нақши муассир мебозанд. Дар айни замон чунин робитаҳо нисбати таҳкими мавқеи ҷумҳурӣ дар низоми мураккаби геоиқтисодии ҷаҳонӣ як қатор муаммо ва мушкилотҳоро ба вуҷуд мебиёранд. Мубрамияти мавзуи интихобгардида аз нуқтаҳои дар боло арзёфта вобастагӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Масоили рушди робитаҳои тиҷоратӣ-сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ объекти таҳқиқоти илмии олимони тахассуси гуногун, ба мисли сиёсатшиносон, иқтисодшиносон ва дигарон, ки ба рушди инфрасохтор сарукор доранд, қарор гирифтанд. Аз зумраи олимону мутахассисоне, ки мушкилиҳои рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистону Хитойро мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор додаанд, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия Парамонов В., Пейруз С., Мавлонова А.С., Сироежкин К.Л., Воробёв А., Бараев А., Ларин А.Г., Примбетов С., Строков А.В. ва дигаронро метавон номбар кард.

Мутаассифона дар асарҳои олимони номбурда бештар ба масоили умумии рушди ҳамкориҳои байни Осиёи Марказӣ ва Чин ва инчунин ҳамкориҳои байни ИИАО ва Чин таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Ба замми ин, дар як қатор асарҳо ҷиҳатҳои сиёсии рушди муносибатҳои байни Осиёи Марказӣ ва Чин авлавият доранд. Асарҳои олимони номбурда на ҳамаи

масоили алоқаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои алоҳида ва Чинро фарогир мебошанд.

Масоили рушди робитаҳои тиҷоратӣ-сармоягузорӣ дар асарҳои Абдулло Р.Г., Абдилдаев Э., Алшанов Р., Галямова В., Ҷакшенқулов А. Иманалиев М., Коукенов А., Курманова А., Мадалиев О.А., Нарибаев М.К., Оразалиев Е., Хоҷаев А., Умаров Ҳ., Асрорзода У.С., Солеҳзода А.А., Ҳофиззода Ҳ.А., Шарипов У.А., Содиқов М., Сафаров Б.Г., Портяков В.Я. ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Дар асарҳои олимони номбурда таъсири буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, таҳримҳои иқтисодӣ, ки имрӯз тамоми ҷаҳонро фарогир мебошад, нисбат ба рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар муносибатҳои Тоҷикистону Хитой пурра муайян нагардидаанд. Омилҳои мазкур муаллифи диссертатсияро водор намудаанд, ки дар раванди иҷрои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи интихобшуда ба онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ яке аз роҳҳои тақвияти вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар буда, мавзуи диссертатсионии мазкур бо роҳи таҳлилу баррасии стратегияву барномаҳои давлатии сатҳи миллӣ ва соҳавии ҶТ, ба мисли: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ғайраҳо таҳия гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** - дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин равишҳои амалии таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, мутобиқ ба шароити тағйирёбандаи геоиқтисодии ҷаҳонӣ, ифода меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда вазифаҳои зерин гузошта, иҷро гардидаанд:

1. Омӯзиши таҳқиқотҳои назариявӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории байналмилалӣ ва тарҳрезии равишҳои консептуалӣ бо назардошти тағйирёбии равандҳои геоиқтисодӣ;

2. Муайян намудани тамоюлҳои ҷаҳонии густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузорӣ ва арзёбии заминаҳои асосии рушди онҳо;

3. Арзёбӣ намудани сохтори таркибии ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории Тоҷикистону Хитой бо воситаи таҳлили пӯёии гардиши савдои хориҷӣ ва дигар масоилҳои муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ;

4. Ошкор кардани омилҳои таъсиргузори дохилӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба сатҳу сифати ҳамкориҳои иқтисодии байни Тоҷикистону Хитой таъсир мерасонанд;

5. Таҳлили механизмҳои таъсири мутақобилаи таҳаввулоти геоиқтисодӣ бо дурнамои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ-сармоягузории ду кишвар ва таҳияи заминаи назариявӣ барои пешбурди ҳамкориҳои стратегӣ;

6. Пешниҳоди роҳу усулҳои баландбардории самаранокии ҳамкориҳои байнидавлатӣ, ки иқтидори ҳамгироии тиҷоратӣ-сармоягузориро афзун намуда, ба ташаккули шароити устувори рушди иқтисодии Тоҷикистону Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи кунунии геоиқтисодӣ мусоидат мекунанд.

**Объекти таҳқиқотро** вазъи муосири робитаҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳо оид ба омӯзиши тамоюлҳои рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ баромад мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот** аз таҳлили муфассали робитаҳои устуворе таркиб ёфтааст, ки хусусияти мураккаб ва низоммандии ду давлатро инъикос мекунад. Ин таҳлил ба омӯзиши ҷанбаҳои сохторӣ ва муайян кардани қонуниятҳои ҷараёнҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой равона шудааст. Тағйирёбии носозгор ва ноҳамоҳанги равобити иқтисодӣ, махсусан дар бахшҳои тиҷорат ва сармоягузорӣ миёни

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, тақозои таҳлили махсус дорад. Аз ин рӯ, муаллиф ба аҳаммияти омилҳои институтсионалӣ ҳамчун воситаҳои самараноки ҳалли мушкилоти дучониба ишора намуда, пешниҳод мекунад, ки дар ҷараёни ташаккули ин гуна ҳамкорӣ бояд омилҳо ва манфиатҳои воқеӣ ва объективӣ ба таври ҳамаҷониба ба инобат гирифта шаванд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ дар тӯли солҳои 2022-2024 дар кафедраи «Иқтисодиёти ҷаҳони»-ии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот** аз он корҳои илмию тадқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ бармеоянд, ки масъалаҳои инкишоф ва тараққии алоқаҳои тиҷоратию сармоягузориро дар миқёси макрорегиони Осиёи Марказӣ, инчунин дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ солҳои охир ба табъ расидаанд ва инчунин маводҳои ҷамъомадҳои илмӣ, назариявӣ ва методологӣ ва ҳамзамон, натоиҷи корҳои илмии дар Тоҷикистон ва дигар давлатҳои пасошуравӣ – Чин, Ветнам, ки ба муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ бахшида шудаанд, дарбар мегиранд. Дар ин рисола ҷиҳатҳои консептуалии тамоюлҳои мухталифи алоқаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ҳамчун асоси таҳқиқот қабул шуда, хусусан ба дигаргуниҳои институтсоналие, ки робитаҳои иқтисодии байни Тоҷикистону Хитойро дарбар мегиранд дар доираи дигаргуниҳои куллии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳ гаштаанд. Ҳадаф ва вазифаҳои дар назди диссертант гузошташуда талаб менамуданд, ки як қатор методҳои мухталифи тадқиқоти илмӣ аз қабили индуксия ва дедуксия, методи системавию таркибӣ, таҳлили эконометрикӣ, усули экспертиву таҳлилӣ, иқтисодиву риёзӣ, абстраксияи илмӣ ва ғайраҳо истифода гарданд.

**Сарчашмаи маълумотро** ҳисоботҳои солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, қарорҳо ва дигар фармоишҳои созмонҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ дар пояи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2024 иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар таҳлили амиқи заминаҳои назариявӣ ва методологӣ барои омӯзиши ҳамкориҳои иқтисодию сармоягузорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, хусусан дар сатҳи ҳамкориҳои саноатӣ дар шароити тағйирёбии муҳити геоиқтисодии ҷаҳонӣ инъикос ёфтаанд. Дар доираи чунин таҳлил, муаллиф маҷмуи пешниҳодҳои илмӣ-назариявӣ ва методологиро пешниҳод намудааст, ки дорои ҷиҳатҳои муҳими таҳлилӣ ва навоварии илмӣ мебошанд:

1. Заминаҳои назариявӣ ва консептуалии густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар заминаи таҳлили илмӣ асоснок карда шудаанд. Дар раванди таҳқиқ, хулоса бароварда шудааст, ки сиёсати иқтисоди хориҷии Хитой хусусияти неолибералӣ дошта, ба принсипҳои “тиҷорати озод” такя мекунад. Ин ҳолат зарурати ворид намудани тағйироти ҷиддӣ ба механизмҳои ҳамкориҳои зикршударо тақозо менамояд. Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории ду кишвар бештар ифодагари манфиатҳои геосиёсии Хитой мебошанд. Аз ин ҷост, ки ниёз ба бознигарии равобити мазкур бо дарназардошти манфиатҳо ва эҳтиёҷоти ҳарду ҷониб ба миён меояд;

2. Дар раванди таҳқиқ муайян шудааст, ки миёни робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳамгироии мустақим вуҷуд дорад. Яке аз мушкилоти калидӣ – набудани мувозинати воқеӣ дар ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии ду кишвар мебошад. Ин масъала, бахусус, дар соҳаи муносибати воридот ва содирот намоён аст, ки дар Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси иқтисодӣ инъикоси ёфтааст. Натиҷаҳои таҳлил собит намуданд, ки ҳатто кишварҳое, ки дар муносибатҳои тиҷоратӣ бо Хитой тавозуни мусбат доранд, аз мувозинати комил дур мондаанд, зеро одироти онҳо бештар ба ашёи хом нигаронида шудааст. Бинобар ин, кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, бояд на

танҳо ба кам кардани фарқиятҳои ҳаҷмии савдо, балки ба тағйир додани сохтор ва таносуби таркибии он талош намояд. Илова бар ин, зарур аст, ки хавфҳои эҳтимолии иқтисодӣ, ки метавонад дар ҷараёни ҳамкорӣ бо Хитой ба миён ояд, зери назорати ҷиддӣ ва дар чорчӯби меъёрҳои қабулшуда қарор дошта бошанд;

3. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ собит намуд, ки бо афзоиши равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ, зарурати тавсеаи ҳамкориҳои сармоягузорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой тавассути истифодаи моделҳои гуногуни ҳамкорӣ ба миён меояд. Гуфтугӯҳои дуҷониба ва чандҷониба доир ба равандҳои ҳамгироӣ бояд бо такя ба манфиатҳои муштарак ва ҳамоҳангшуда сурат гиранд. Мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашуда рушди робитаҳои иқтисодию сармоягузорӣ дар байни Тоҷикистону Хитой аз омӯзиши инфрасохтори нақлиётӣ, инфрасохтори руйи роҳӣ, логистика, бандарҳои хушк вобастагии калон доранд. Зимни тавсеаи ин ҳамкорӣ, монеаҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ низ бештар эҳсос мегарданд. Бо дарназардошти ин, муаллиф талош намудааст роҳҳои муносибро барои таҳкими робитаҳои иқтисодию тиҷоратии миёни ду кишвар пешниҳод намояд. Таъкид мегардад, ки ин равандҳо асосан бо такмил ва рушди сохторҳои марбут ба истеҳсолот, воридот ва содирот амалӣ мешаванд;

4. Муайян шудааст, ки ояндаи рушдёбии ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ба татбиқи самараноки барномаҳои иқтисодии мавҷуда вобастагии зич дорад. Аз дидгоҳи муаллиф, ҳар ду давлат бояд шабакаҳои логистикиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ба таври самаранок ташкил намоянд. Пешрафти воқеии ин равобит танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар иқтисодҳои миллии онҳо ба тағйироти ҷиддии сохторӣ дучор шаванд. Дар ин раванд, зарур аст, ки таваҷҷуҳи бештар ба манфиати содиркунандагони ашёи хом равона гардад, бо ҳадафи он ки тадриҷан ҳаҷми содироти ашёи

хом коҳиш ёбад ва ба ҷойи он содироти маҳсулоти коркардшуда ва боарзиш афзоиш ёбад;

5. Дар ҷараёни таҳлили илмӣ муайян гардид, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой имкониятҳои васеи ҳамгироии савдо ва ҳамкориҳои истеҳсолӣ мавҷуданд. Ин захираҳоро метавон бо истифода аз таҷрибаи таърихии ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои сотсиалистӣ дар чорчӯби Шурои ёрии иқтисодии байниҳамдигарӣ, ки то замони фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ амал мекард, фаъол гардонид. Он модел ба принсипҳои махсусгардонии истеҳсолот ва тақсимоти функсионалии фаъолияти иқтисодӣ байни кишварҳо асос ёфта буд. Маҳз чунин усули ҳамкорӣ метавонад дар шароити тағйироти сохтории иқтисодӣ ба коҳиш додани ихтилофоти мавҷуда мусоидат намояд;

6. Дар натиҷаи таҳлили амиқи илмӣ, самтҳои афзалиятноки рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой муайян ва асоснок карда шудаанд. Илман собит карда шудааст, ки пешрафти устувори ин равобит ба таҷдиди назар дар принсипҳо ва консепсияҳои ҳамкории иқтисоди хориҷии кишварҳо, инчунин ба коҳиш додани таъсири манфиатҳои геосиёсии Хитой дар ин раванд, вобастагии амиқ дорад. Ҳамин тавр, тадбиқи истифодаи механизми самараноки моделҳои шарикӣ миёни бахши давлатӣ ва хусусӣ аҳамияти хос дорад, зеро онҳо метавонанд ҳамчун василаи таъмини манфиатҳои мутақобилан судманд хизмат намоянд. Мувофиқи ҷустуҷӯҳои илмӣ ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистону Хитой бояд дар таҳти таъсири омилҳои мухталифи инноватсионӣ, амалӣ гардонидани технологияҳои замонавии рақамӣ ҳамчун объектҳои муҳимтарини ҳамкорӣ роҳандозӣ гарданд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**: Ба ҳимоя нуқтаҳои зерин пешниҳод мегарданд:

– таҳқиқи амиқи принсипҳои назариявӣ ва методологӣ, ки заминаи рушди устувори мутавозинии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва

Хитойро ташкил медиҳанд, мавриди таҳлил ва асосноккунӣ қарор гирифтаанд;

– бо усули таҳлилу тарҳрезии нуқтаҳои назари илмӣ вазъи мавҷудаи равобити иқтисодӣ, зарурати гузариш ба модели самараноки (интенсивии) ҳамкории дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ илман собит карда шуд;

– мушкилоту маҳдудиятҳо дар рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар бахши муносибатҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ба таври возеҳу равшан асоснок карда шуда, бо такя ба таҷрибаи амалӣ ва нуқтаҳои назари илмӣ механизмҳои ҳалли ин мушкилоту маҳдудиятҳо пешниҳод гардидаанд.

– зарурати густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ бо назардошти тамоюли рушди босуръат дар самти муносибатҳои тиҷоративу сармоягузорӣ исботи илмии худро ёфтааст.

– имкониятҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни Тоҷикистону Хитой мушаххас гардида, роҳҳои таҳкими он дар сатҳи нишондиҳандаҳои нав ва рақобатпазир муайян гардидааст.

– самтҳои муҳими калидӣ ва афзалиятноки рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой бо дарназардошти манфиатҳои дуҷониба таҳлил ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати роҳҳои такмилдиҳии баъзе аз ҷузъиётҳои онҳо оварда шуданд.

**Аҳаммияти назариявии диссертатсия** дар таҳқиқ ва асоснок намудани ақидаҳои назариявӣ ва методии дигаргунсозиҳои қатъии робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ ифода меёбад. Маводҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот барои боз ҳам аниқтар фаҳмидани зарурияти баланд бардоштани самаранокии чунин робитаҳо шароити мусоид фароҳам меоранд. Ҷиҳати боз ҳам аниқ сохтани масоили мазкур маълумотҳои дар диссертатсия таҳқиқшударо метавон дар раванди таълимӣ

оид ба дарсҳои “Назарияи иқтисод” ва “Муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ” мавриди истифода қарор дод.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия** дар хулосаю пешниҳодҳое, ки аз таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бармеоянд, инъикос шуда, онҳо ҳамчун воситаи муҳим дар самти ташкил додани сиёсати берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ бо мақсади боз ҳам тезонидани суръати чунин робитаҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо истифода хоҳанд гардид.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз ба ҳам пайвасти усулҳои исботгардидаи илмӣ-назариявие иборат мебошанд, ки дар раванди таҳқиқот истифода шуда, аниқии иттилоот, таҳлили илмӣ-оморӣ, назариявӣ, эконометрӣ ва дақиқии натоиҷи коркард ва интишорот, инчунин кифоягии ҳаҷми иттилооти таҳлилгардида тасдиқ мегардад. Хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои диссертант дар асоси омӯзиши комёбиҳои навтарини илми иқтисод ва гирифтани натоиҷи хусусиятҳои назаривӣ ва амалидошта пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мутобиқ мебошад: III.5. – “Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рӯ ба рушд ниҳодаи хоҷагии ҷаҳонӣ, қонуниятҳои рушди ин равандҳо, баҳоиояндаи ҳамгироии иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ ва, аз ҷумла, ҳамгироии иқтисодии Авруосиё”; III.11. – “Механизмҳои танзими тиҷорати байналмилалӣ”; III.18. – “Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмилалӣ. Ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмилалӣ”; III.22. – “Инкишофи ифрасохтори байналмилалии нақлиётӣ ва телекоммуникатсияҳо, нақши онҳо дар байналмилалишавии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ”; III.25. – “Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибсозии ҳамкорӣ ва таъмини

манфиатҳои иқтисоди миллӣ. Таззодҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва равишҳои ҳалли онҳо”.

**Саҳми шахсии довталаб**. Муаллиф дар мукаммал гардидани назарияи самаранокии муносибатҳои сармоягузории байнисарҳадӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар асоси таҳқиқи вазъи гузашта ва имрӯзаи робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ муаллиф ба хулосае омадааст, ки чунин робитаҳо чандон мукаммал нестанд ва аз назари манфиатҳои кишвар устувории рушди иқтисодро таъмин карда наметавонанд. Чунин хулосабарорӣ дар таърихи омӯзиши алоқаҳои навтарини байни ду ҷониб муҳим мебошад ва нововбаста ба баъзе ноқисиҳо сазовори муҳокимаи сохторҳои баланди давлатӣ шуда метавонад. Муаллиф оид ба беҳбудии вазъият ва хусусан, суботкорона амалӣ гардонидани тағйироти қатъӣ ва ба вуҷуд овардани мақоми нави иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса ва таклифҳои шахсиро пешниҳод намудааст. Амалӣ гардонидани чунин хулосаю таклифҳо бидуни шубҳа, ба боло рафтан сатҳи ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мадад хоҳад кард.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалии илмию амалӣ ва илмию назариявӣ, инчунин дар мизҳои мудаввар мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Инчунин, маърузаҳои илмии муаллиф дар семинарҳои илмӣ ва конфронсҳои олимону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2022-2024 баррасӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 5- мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулосаю пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, 178 саҳифаи матни асосӣ, 12 ҷадвал ва 5 диаграмма иборат мебошад.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТИВУ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНИҲОИ ГЕОИҚТИСОДӢ

## 1.1. Равишҳои назариявӣ нисбат ба омӯзиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ

Ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ дар шароити инқилоби илмӣ-техникӣ, ки раванди тақсимоти ҷаҳонии меҳнат ва афзоиши қудрати иқтисодии мамолики пасошуравӣ ва пасосотсиалистиро суръат мебахшад, нақши афзоянда мебозад. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ имконият фароҳам овард, то ҳамкории иқтисодӣ дар асоси эҳтиром ба соҳибихтиёрӣ ва баробари байни кишварҳо дар амал татбиқ гардад.

Дар шароити густариши инқилоби илмию техникӣ ҳеҷ як кишвар, ҳатто кишвари пешрафта, наметавонад тамоми маҳсулоти гуногуни муосирро баробар самаранок истеҳсол кунад. Аз ин рӯ, баъзе кишварҳо ё гурӯҳҳои кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшударо нисбатан маҳдуд кунанд. Онро дар миқёси васеъ, на танҳо барои пӯшонидани эҳтиёҷоти худ, балки барои қонеъ кардани ниёзҳои дигар кишварҳо дар ивази маҳсулоте, ки ин кишварҳо ба онҳо тахассус доранд, истеҳсол кунанд. Дар заминаи ин раванд, гардиши мол дар миқёси ҷаҳонӣ афзоиш ёфта, низоми ягонаи хоҷагии умумиҷаҳонӣ шакл гирифт, ки дар он ҳар як давлат асосан ба истеҳсоли он навъи маҳсулот машғул мешавад, ки бо самаранокӣ ва арзиши камтар тавони онро дорад.

Дар байни давлатҳои муносибатҳои муштараки иқтисодӣ чунин тамоюлҳоро аз қабили рушди тиҷорати байналмилалӣ қарз ва пардохтҳо, густариши муштараки истифодаи нерӯи табиӣ, ҳамкориҳои инноватсионӣ ва технологияҳои рақамиро фаро мегирад. Чунин тамоюлҳо фурӯши литсензияҳоро оид ба тавлиди маводҳои нав ва технологияҳои нави коркард ва ҳамзамон, роҳҳои амалӣ гардонидани лоиҳаҳои миқёси калондошта,

сохтмони иншоотҳои азим ва корхонаҳои нав, корҳои пиёдасозии геологӣ ва омодасозии мутахассисони миллиро дарбар мегиранд.

Дар анъанаи сиёсӣ ва руҳии европоӣ фаҳмиши муносибатҳои байналхалқӣ бо ақидаҳои христианӣ ҳамчун идеология ва доктринаи сиёсӣ алоқаманд буд. Системаҳои қадим ва равияҳои динӣ, ки одатан ба ғояҳои бартарӣ ва интихобии як халқ ё гурӯҳ такя мекарданд, дар муқоиса бо ақидаҳои христианӣ, ки таъкид мекарданд зиндагӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ универсалӣ ва ҳамагонӣ ҳастанд, фарқ мекарданд. Ин ақидаҳо, ки ба назар ба ғояҳои «космополис» наздиктар буданд, моликияти хусусиро рад мекарданд. Бо гузашти вақт дар Аврупо ин назарияҳо ҷудо шуда, ба бахшҳои мухталиф тақсим гардиданд, ки ин ба ҷудошавии ҷомеа, сиёсат ва низоми байнидавлатӣ овард. Таъсири дин институтҳои гуногунеро дар ҳаёти иқтисодӣ ба вуҷуд овард, ки дар навбати худ фаъолияташонро васеъ карда, бо гузашти вақт аз зери таъсири дин берун шуданд. Ин раванд боиси ташаккули системаи алоҳидаи муносибатҳои байналмилалӣ дар Аврупо гардид.

Дар асрҳои XIV-XV Аврупо ба марҳалаи нав ворид шуд. Дар ин замон андешаҳои нав дар бораи ҳамкории байналмилалӣ пайдо шуданд, ки асоси онҳо монархия ва истифодаи қувваи ҳарбӣ буданд. Назарияи ягонае, ки ҳукумати дунявӣ бояд дар сиёсати дохилӣ ва робитаҳои хориҷии кишварҳои Аврупо ҳоким бошад, натиҷаҳои муҳим ба бор овард. Дар муносибатҳои байнидавлатӣ он замонҳо мунокишаҳо, масъалаҳои ҷанг ва сулҳ ҳукмрон буданд. Сиёсати мамлакатҳо бо ақидаҳои сохтори идеалии сиёсӣ асоснок гардида буд. Дар баробари ин институтҳои ҳуқуқ ба вуҷуд омаданд, ки ин сиёсатро дар сатҳи байналхалқӣ амалӣ мегардониданд.

Аз асрҳои XV сар карда, дар ақидаҳои сиёсии Аврупо, аз ҷумла дар қисмати байналхалқӣ - сиёсии он тағйироти муҳим ба вуҷуд омад. Нуқтаи назари нормативӣ, ки бо ақидаи зарурият ва имконияти мукаммалгардонии ҳақиқати иҷтимоӣ дар доираи мамлакат ва ҷаҳон асос меёбад, инкишоф ёфт.

Дар баробари ин ақидаҳо назарияҳои мухталифи ташкили низоми муносибатҳои байналмилалӣ низ ба вуҷуд омаданд. Дар поёни асри XVI, олими фаронсавӣ Жан Боден назарияи соҳибистиқлолии давлатро пешниҳод кард, ки дар он масъалаи давлат ҳамчун иштирокчии равобити байналхалқӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар поёни асрҳои XVIII афкори пешрафта аввалин маротиба дар таърих имкон доданд, ки шаҳрвандон дар маъракаҳои сиёсӣ ширкат варзанд, қонунҳоро қабул кунанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ таҳсил намоянд.

Якҷоя дигар тамоюлот низ ҷорӣ буданд, андӯхти донишҳои табиӣ-илмӣ, ки дар Аврупо баръало дида мешуд, барои ташаккули илми муосир нақши муборизро гузошт.

Аввалан, аз ҷиҳати замони пайдоиш дар аввали асри XX назарияҳои гуногуни империализм паҳн гардиданд. Онҳо, пеш аз ҳама, хоҳиши таҳлили тарафҳои иҷтимоии иқтисодии ҳодисаҳои таърихиро пеша гирифтанд. Пас аз он, ақидаи ҳаракати форматсионӣ дар таърих мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки дар он кишварҳо, миллатҳо ва башарият аз форматсияҳои оддӣ ба сатҳҳои пешрафтаро пай дар пай мегузаранд. Махсусият, шакл ва мазмуни муносибатҳои байналмилалӣ дар ҳар давра ба таъсири мутақобилаи форматсияҳои гуногун вобаста аст.

Ҳамаи назарияҳои номбаршуда бар асоси ҳамон мафҳумҳои асосӣ таҳия шудаанд ва ҳар кадом ба онҳо маънии фарқкунанда додаанд, аз ҷумла мафҳумҳои «муносибатҳои байналмилалӣ», «давлат ва давлати миллӣ» ва «манфиатҳои миллӣ». Ғайр аз ин, ҳар як назария омилҳои муҳими умумӣ ва ҳатмии таъсиррасон ба муносибатҳои байналхалқиро муайян менамояд.

Омӯзиши муносибатҳои байналхалқӣ бо истифодаи воситаҳои махсуси таҳқиқотӣ анҷом намешуд ва асосан бар таҳлилҳои фикрӣ ва назариявӣ сурат мегирифт. Омӯзиши ҳаёти байналхалқӣ ба душвориҳое дучор мегардид, ки аз набудани асоси ҳақиқӣ ва нуқтаи назари муайян бармеомад.

Дар марҳилаҳои баъдӣ дар соҳаи илм равандҳои муҳим вобаста ба қонунҳои таҳқиқотӣ пайдо шуданд. Аввалан, пояи методологӣ ва фалсафии

афкори илмӣ густариш ёфт. Дар ҳолатҳои мухталиф олимони бо ақидаҳои гуногун ва мактабҳои фикрӣ мухталиф барои таҳияи консепсияҳои нав кор карданд. Масалан, назарияи империализмро олимоне мисли С. Роде, Д. Тайсон, К. Каутский, Н. Бухарин ва В. Ленин таҳия намуданд.

Дар натиҷа назарияҳо ва консепсияҳои махсус ва алоҳида ба вуҷуд омаданд, ки таъсири назаррас ба омӯзиши муносибатҳои байналмилалӣ гузоштанд. Ҳамзамон, ҳаҷм ва мушкилоти омӯзиш дар ин соҳа рӯ ба афзоиш ниҳода, илм дар заминаи муносибатҳои байналхалқӣ ба марҳилаи нимасри дуюми асри XX ворид шуд.

Дар давраи ҷанги «сард» муносибатҳои байналмилалӣ хусусиятҳои нави худро пайдо карданд ва назарияҳо ва ақидаҳои пешина ба таҳлили дубора фаро гирифта шуданд. Аз таҷрибаи усулҳои нормативӣ ба методологияи нави позитивизм гузариш сурат гирифт.

Дар ҳамин давра илмҳои иҷтимоӣ дар саросари ҷаҳон рушд ёфта, мисли ҷамъиятшиносӣ, сиёсатшиносӣ, психология ва дигар соҳаҳо густариш ёфтанд. Ҳамзамон, чанд равияи байнифаннӣ низ шакл гирифтанд, аз ҷумла назарияи ташкилот, таҳлили муноқишаҳо ваояндабинӣ. Онҳо барои пешрафти таҳлили стратегӣ ва сиёсӣ хеле муҳим буданд. Истифода ва такмили компютерҳо имкониятҳои васеъро барои истифодаи иттилооти васеъ дар таҳқиқоти муносибатҳои байналхалқӣ ба вуҷуд овард.

Якумин маротиба дар таърихи худ таълимоти муносибатҳои байналхалқӣ бо воситаҳои зиёди муоина, моделикунонӣ ваояндабинӣ таъмин гашт. Истифодаи ин услубҳо барои пешравии таҳқиқотҳо саҳмгузорӣ менамояд.

Аз аввали солҳои 60-уми асри XX ақидаҳои гуногун ва назарияҳои муносибатҳои байналхалқӣ табдил ёфтанд. Ҳар назария пас аз озмоиши амалии ақидаҳои худ ба вуҷуд меояд. Дар солҳои 60 ва 70-ум муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун таҷрибаи муҳим барои санҷиши назарияҳо хизмат карданд.

Омӯзиши муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ аз тарафи олимон ва мутахассисон сабаби асосии ба вуҷуд омадани ақидаҳо, мактабҳо ва ҷараёнҳои мухталифи илмӣ дар сар то сари ҷаҳон гардид. Афзоиши талабот ҳам ба мутахассисони иқтисоди байналхалқӣ ва ҳам ба пажӯҳишгоҳ, ба рушди созмонҳои байналхалқӣ, торафт бештар мураккаб гардидани муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, душвориҳои нав оиди идораи рушди сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳо, дигаргун шудани созмонҳои байналхалқӣ алоқамандӣ дошт.

Дар ин марҳила мавқеи назариявӣ ва методологӣ дар омӯзиши муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсат аз назари систематикӣ ҷойи махсусро ишғол намуд. Аз ҷумла, интегратсияи аврупоӣ зери таҳқиқотии сершумор қарор гирифт. Ҷаҳон ҳамчун ягонагии том ва аз дохил зиддиятнок дида мешуд. Проблемаҳои тараққиёти ҷаҳонӣ ва бартараф намудани рушди заифи иқтисод дар маркази диққат буданд.

Дар ин давра олимон ба маҳдудиятҳо ва тамомшавии захираҳои барқарорнашавандаи Замин аҳаммияти ҷиддӣ доданд. Фаҳм шуд, ки тараққиёти баробари ҳамаи кишварҳо дар миқёси ҷаҳонӣ ғайримумкин аст ва зарари саноат ба муҳити зист ба як мушкили ҷиддӣ табдил ёфт, ки амалигардонии чораҳои умумиҷаҳонӣ дар робита ба он ҳатмист.

Дар солҳои 80-ум аксар равияҳо ва мактабҳои назариявӣ дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ ба сатҳи баробарҳуқуқӣ расиданд. Ҳар яке имконият пайдо кард, ки ақидаҳо ва консепсияҳои хоси худро муаррифӣ намуда, дар амалӣ гардонидани мақсадҳояшон нақши муҳими худро иҷро намояд. Ин давра ҳамзамон бо тағйироти куллӣ дар миқёси мавзуъ ва доираи таҳқиқоти муносибатҳои байналхалқӣ ҳамроҳ буд.

Масалан, ақидае, ки мувофиқи он муосибатҳои байналхалқӣ ҳамчун омили мустақим ба рушди сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ таъсир мерасонад ва дар навбати худ аз онҳо вобастагӣ пайдо мекунанд, дар амалия тасдиқи худро пайдо кардааст. Рушди сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ вобаста ба

дигаргуниҳои даврагӣ консепсияҳоро ба вуҷуд меорад, ки ҳар яке дорои мазмун ва самти хос мебошанд.

Солҳои 80-ум дар методологияи таҳқиқотҳои назариявии муносибатҳои байналхалқӣ тағйиротҳои муҳим ба вуҷуд омаданд. Дар ин давра воситаҳо ва усулҳои таҳқиқот аллакай марҳилаи аввали истифодаи худро аз сар гузарониданд. Онҳо ҳамчун маводи пурраи илмӣ қабул намешуданд, балки ҳамчун василаи омӯзиши мутахассисон истифода мешуданд ва дорои нуқсонҳо ва афзалиятҳои худро доштанд. Тағйироти асосии давраи мазкур чунин буданд:

– принсипи истифодаи методҳо ва назарияҳои дигар соҳаҳои илм эътироф гардид. Агар пештар ба ин аҳамият дода намешуд, дар солҳои 80-ум васеъ истифода мешуд ва мутахассисони ҷавон бо ин усулҳо дар мактабҳо шинос шуда, онҳоро пурра ба кор мегирифтанд;

– мақсадҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба гурӯҳҳо тақсим гаштанд, ки ин омили ҷудошавии илм ва самтҳои мухталифро ба вуҷуд овард;

– захираҳои рақамӣ ва нишондиҳандаҳо на танҳо васеъ гардиданд, балки имконият фароҳам оварданд, ки миқдори зиёди маълумот дар таҳқиқот истифода шавад.

Дар поёни солҳои 80-ум дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва байналмилалӣ тағйироти куллӣ рух дод, ки яке аз муҳимтарин он пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба поён расидани ҷанги «сард» буд. Ақидаҳои марксистӣ қисман мавқеи худро аз даст дода, дар муносибатҳои байналхалқӣ таъсири онҳо камтар гардид. Ҳамзамон, либерализм низ бо буҳрон рӯбарӯ гардид, зеро ҳадафҳои назариявии худро бар зидди ақидаҳои марксистӣ қарор дода буд. Таназзули зиддиятҳои сиёсӣ боиси коҳиши танишҳо гардид. Ин раванд ба илми муносибатҳои байналхалқӣ имконият дод, ки аз фишорҳои сиёсӣ озод шуда, рушд ёбад.

Албатта, чунин ҳолатҳо ба таҳкими назарияҳои нав ва пешрафти муносибатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мусоидат карданд. Дар доираи илми

иқтисоди собиқ Шуравӣ равияҳо ва самтҳои нави хусусиятҳои иқтисодиёти ҷаҳонро баназаргиранда аз ҷиҳати геосиёсӣ мукаммал роҳандозӣ шуданд. Вақте ки ҷаҳон ба моноидеология рӯ меоварад, аллакай зарурияти гуногунҳадафӣ дар илм барҳам мехӯрад, рушди илми иқтисод ба монеаҳои сангин дучор мешавад. Дар ин ҳолат илм метавонад ба ҳалли проблемаҳои тавсифи хусусидошта оид ба ҳалли проблемаҳои муҳимми тараққиёти чаҳонӣ рӯ оварад.

Тоҷикистон ва дигар кишварҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш, ки дар фазои маҳдудият қарор доранд, барои берун рафтан аз буҳрон ба захираҳои иловагӣ ниёз доранд. Вале барои пайдо кардани ин захираҳо аввал бояд ин маҳдудиятҳоро шикаст дод. Саволи асосӣ ин аст: чӣ гуна метавон ин доираи маҳдудро барҳам дод?

Гузариш аз иқтисодиёти нақшавӣ ба бозорӣ масъалаҳои зиёдеро пеши рӯи кишварҳо мегузорад. Дар байни ин масъалаҳо аввалан масъалаҳои умумӣ қарор доранд, масалан, оё роҳҳои гуногуни ислоҳоти иқтисодӣ ва натиҷаҳои онҳо аз фарқиятҳои стратегӣ, ки метавонанд ба таърихи кишвар, сатҳи тараққиёт ё таъсири тағйироти сиёсӣ вобаста бошанд, шаҳодат медиҳанд?

Дуюмин гурӯҳи масъалаҳо ба мавзуъҳои иқтисодӣ марбутанд. Масалан, дар марҳалаи ибтидоӣ оё зарур аст, ки иқтисодиёт либерализатсия ва устуворӣ пайдо кунад? Оё бе ба таври комил иҷро шудани ислоҳот ин равандҳо муваффақ мегарданд? Оё иқтисоди бозорӣ маҷбур аст, моликияти хусусиро якбора қабул кунад ё хусусигардонӣ дар солҳои аввали ислоҳот ҳатмӣ нест? Чӣ гуна бояд низоми молиявии самарабахш барқарор карда шавад? Сабаби аҳаммияти баланд доштани ҳамгироии кишварҳо ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ чист ва ин барои ҳамкорони тиҷоратӣ ва ҳаракати сармояҳо чӣ натиҷаҳо дорад? Чӣ гуна метавон кӯмакҳои хориҷиро бо самаранокии максималӣ барои кишварҳои дорои иқтисодиёти гузариш таъмин кард?

Сеюмин гурӯҳи масъалаҳо иҷтимоӣ мебошанд. Масалан, чӣ гуна фарқияти байни онҳое, ки аз ислоҳот манфиат ёфтанд ва онҳое, ки зарар диданд, муайян мешавад? Чӣ гуна сиёсати иҷтимоӣ метавонад равандҳои азнавсозиро бо таъсири камтар ба аҳолӣ пеш барад? Қадамҳои зарурӣ барои нигоҳ доштани сармояи инсонии мавҷуда ва мутобиқ кардани он ба шароити нав дар кишварҳои бо иқтисодиёти давраи гузариш чӣ гунаанд?

Чоруми гурӯҳи масъалаҳо, ки дар назди кишварҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш қарор доранд, ба соҳаи институтсионалӣ ё ташкилӣ дахл доранд. Дар ин бахш саволҳое ба миён меоянд, мисли чӣ гуна бояд меъёрҳои ҳуқуқӣ таҳия ва мустаҳкам гарданд ва чӣ гуна бояд бозсозии сохторҳои давлатӣ бо дарназардошти талаботи низоми нав амалӣ шавад?

Бо вуҷуди ин, бояд таъкид намуд, ки чунин тақсимоти масъалаҳо комилан шартӣ аст, зеро ҳамаи ин масъалаҳо бо ҳамдигар ба таври мураккаб пайвастанд ва ҳаллу фасли онҳо танҳо дар алоҳидагӣ имконпазир нест.

Дар бахши муносибатҳои иқтисоди хориҷӣ зимни гузориш диққати асосӣ ба бунёди муҳити созгор ва ҷолиби сармоягузорӣ, кам кардани монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ, ҳаллу фасли мушкилоти ҳамлу нақли молҳо ва рушди тиҷорат равона гардида буд.

Дар ин замина ҳамгироии бештари кишварамон дар чорчӯбаи созмонҳои минтақавӣ ва алалхусус, Иттиҳоди иқтисодии Авру-Осиё (ИИАО), Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) ва Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ (ТҲИ) аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки дар сурати дуруст муайян намудани афзалиятҳои ҳамкориҳои минтақавӣ, ҳаллу фасли мушкилоти ҳамлу нақл ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда метавон ба рушди бештари иқтисодӣ ноил гардид.

Зикр кардан зарур аст, ки санаи 2 марти соли 2013 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси узви пурҳуқуқ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) пазируфта шуд ва ҳамчун 159-ум кишвар ба ин созмон шомил гардид. Ин

қадами муҳим дар самти рушди стратегии кишвар арзёбӣ шуда, яке аз самтҳои калидии сиёсати иқтисодии он маҳсуб меёбад.

Ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба СУС замина фароҳам овард, то дар дохили кишвар муҳити тиҷоратие ташаккул ёбад, ки бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ буда, хусусияти шаффоф, қобили пешгӯӣ ва устувор дошта бошад. Ин узвият имкони беҳтар кардани имкониятҳои содиротӣ ва тавсеаи рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро дар бозорҳои хориҷӣ фароҳам месозад.

Дар маҷмуъ, узвият дар ин созмон ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва фаъолсозии равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ мусоидат менамояд. Он шароити мусоид барои ворид намудани маҳсулоти маҳаллӣ ба бозорҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сифату рақобатнокии онҳо, инчунин ҷалби бештари сармояи хориҷиро таъмин менамояд. Ғайр аз ин, Тоҷикистон соҳиби имкониятҳои нав дар ҳалли баҳсҳои байналмилалии тиҷоратӣ ва иштирок дар ташаккули қоидаҳои савдои ҷаҳонӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллии худ мегардад.

Бо мақсади рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис дода шудаанд ва дар минтақаҳои мазкур ҷиҳати ташкили фаъолияти соҳибкорӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд.

Фаъолияти номунтазами соҳаҳои истеҳсолот, дигаргуншавии нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ,  боқӣ мондани ҳиссаи бузурги ашёи хом дар ҳаҷми содирот имконият надод, ки савдои хориҷӣ ба таври лозимӣ рушд ёбад ва тавозуни он мусбат арзёбӣ гардад.

Ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ аз раванди рушди робитаҳои гуногуни устувори иқтисодӣ байни иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида, гурӯҳҳои кишварҳо ва субъектҳои дахлдори хоҷагидорӣ иборат мебошад. Чунин намуди ҳамкорӣ аз тақсимоти байналмилалии меҳнат бармеояд. Робитаҳои фаъоли байни кишварҳо маънои ҳамкории байналмилалии иқтисодиро доранд. Чунин ҳамкориҳо корхонаҳои истеҳкунандаи молу

хизматрасониҳо ва ширкатҳои гуногунро дарбар мегиранд. Дар сатҳи баландтар чунин ҳамкорӣ ба алоқаҳои савдои хориҷӣ, ҳамкориҳои истеҳсолӣ, ҷалби сармоя, пардохтҳои байнидавлатӣ, муносибатҳои асъорӣ ва қарз, ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоот ва муҳоҷирати меҳнатии берунмарзиро фаро мегирад.

Ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ табиати объективӣ дошта, аз раванди тақсимоти меҳнат, тахассуси байналмилалии истеҳсолот ва байналмилалигардонии ҳаёти хоҷагидорӣ бармеояд. Ташаккул ва рушди ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ бо тақвияти робита ва вобастагии байниҳамдигарии иқтисоди кишварҳои алоҳида муайян карда мешавад. Ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ ва рушди тақсимоти байналмилалии меҳнат аз омилҳои табиӣ (табиӣ, ҷуғрофӣ, демографӣ ва ғайра) ва бадастомада (истеҳсолӣ, технологӣ), инчунин шароитҳои иҷтимоӣ, этникӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ-ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Тақсимоти байналмилалии меҳнат ва равандҳои гузариш ба зинаҳои болотари он метавонад ба нақши ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ, мубрамият, таносуби шаклҳо, имкониятҳои рушд мусоидат намояд.

Ниҳоят, «навъи ягонаи ТБМ маънои тахассус пайдо карданро дар марҳилаҳои алоҳидаи истеҳсолот (гиреҳҳо, ҷузъҳо, нимфабрикатҳо ва ғайра), марҳилаҳои давраи технологӣ (тақсимот), инчунин дар доираи таҳияҳои илмӣ-техникӣ, лоиҳакашӣ-конструкторӣ ва технологӣ ва ҳатто дар раванди сармоягузориро дорад. Бо ин роҳ заминаҳои афзоиши босуръати иқтидори бозори байналмилалӣ, васеъшавии устувори тақсимоти байналмилалии меҳнат фароҳам оварда мешаванд»[51].

Дар таҳқиқоти илмии соҳаи иқтисод, бахусус: «иқтисоди ҷаҳонӣ, мафҳуми «шакли ҳамкории иқтисодии байнидавлатӣ» ба таври алоҳида зикр мегардад. Ин мафҳум аз муносибатҳои байналмилалӣ дар доираи равандҳо ва навъҳои муайяни фаъолиятҳо ҳамчун таҷассум ва ифодаи амалии он равандҳо баромад мекунад. Муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ аз тиҷорати байналмилалӣ сарчашма мегиранд. Таърихан он аввалин шакли

муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад. Ин раванд аз мубодилаи оддии тиҷорати берунӣ оғоз ёфта, то ба сатҳи баланди ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ тавсеа меёбад, ки дар он ширкатҳои байналмилалӣ дар доираи ҳамкориҳои истеҳсолӣ фаъолият мебаранд»[79].

Пешрафти намуди нав ва соҳаҳои истеҳсолӣ, ҳамроҳ бо азхудкунии самаранокии баландтар дар меҳнат, имконияти фурӯши маҳсулоти истеҳсолшударо зиёдтар кард. Дар баробари ин, талабот ба ашёи хом аз ҷониби як қатор кишварҳо ба таври назаррас афзуд. Ба сурати ҳамзамон, рушди воситаҳои нақлиёти босамар роҳи интиқоли молро ба масофаҳои дур ва дар ҳаҷми бузург фароҳам овард. Ҳамаи ин омилҳо якҷоя боиси рушди босуръати тиҷорати байналмилалӣ ва густариши муносибатҳои иқтисодӣ гардиданд. Аз нуқтаи назари муосир, савдои байналмилалӣ як бахши робитаҳои пулӣ-иқтисодӣ мебошад, ки ҳама муомилоти хориҷиро дар сатҳи ҷаҳонӣ дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, ин раванд мубодилаи маҳсулот (мол ва хизматрасонӣ) байни харидорони кишварҳои гуногун аст. “Тиҷорати хориҷӣ” бошад, ин ва бозориёбии молу хизматрасониҳо байни иқтисодиёти миллии як кишвар мебошад. Дар ин замина, ҳамкории иқтисодии байналмилалӣ миллиро ба низоми ягонаи бозори ҷаҳонӣ пайваст мекунад. Бозори ҷаҳонӣ ба бозорҳои миллӣ, ки дар доираи як давлати мустақил фаъолият мекунанд, аз ҷиҳати зерин фарқҳои амиқ дорад:

1. Танҳо молу маҳсулоти дорои қобилияти рақобатпазирӣ ба бозори ҷаҳонӣ роҳ меёбанд;

2. Дар ин бозор нархҳо бо асоси арзиши байналмилалӣ муайян мешаванд;

3. Миқёси монополия ва консентратсия дар бозори ҷаҳонӣ бештар ба назар мерасад;

4. Омилҳои сиёсӣ, аз қабили сиёсати давлатҳо ё эмбаргоҳо, метавонанд таъсири муҳиме ба раванди рушди бозор дошта бошанд;

5. Ҳисоббаробарӣ одатан бо истифода аз асъори озоди табдилёбанда ва воҳидҳои ҳисоббаробаркунии байналмилалӣ амалӣ мегардад.

Тавре ки маълум аст: «вобаста аз пайдоиш ва таъиноти мол содирот ва воридот намудҳои гуногун доранд. Дар шароити муосири интернатсионализатсияи савдо муҳити истеҳсолии иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамчун яке аз субъектҳои муҳимтарини савдои байналмилалӣ ширкатҳои трансмиллӣ (ШТМ) - ро пешбарӣ мекунад»[46].

«Ҳиссаи ШТМ дар савдои байналмилалӣ, тибқи ҳисобҳои иқтисоддонҳои гуногун ва ташкилотҳои байналмилалӣ, аз нисфи он зиёд аст ва дар содирот ва воридоти кишварҳои пешрафтаи олам то 80% мерасад»[118].

Истеҳсоли байналмилалӣ бевосита бо низомҳои дахлдори «таъмини ҳаёт", бо маҳсулоти байналмилалӣ аз рӯйи хусусияти худ ташкил карда мешавад, ки ба он танҳо шарти тамғаи «made in USA» ё «made in Japan» гузошта мешавад. Пайвастшавии ҷудогонаи занҷирҳои технологӣ дар кишварҳои қафомонда, ки пештар аз саноат маҳрум буданд, таъсис меёбад ва ба равандҳои саноатикунонӣ ҳамроҳии рушдҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳо мусоидат мекунад.

Одатан, дар кишварҳои рӯ ба рушди иқтисодӣ занҷирҳои технологӣ бо равандҳои «низоӣ» – яъне пайвастагиҳои зичи технологӣ омехта мешаванд. Бо вуҷуди ин, хусусиятҳои истисмории тиҷоратӣ ва иқтисодии ин кишварҳо то ҳол бартараф нашудааст. Дар ҳамин ҳол, аввалин кишварҳое, ки аз камбизоатӣ берун шуданд ва имрӯз ҳамчун кишварҳои нави саноатӣ шинохта мешаванд, ин гузаришро асосан бо пайвастшавӣ ба технологияи «Шимоли саноатӣ» ё бо истифодаи захираҳои табиии бой, мисли Мексика ва Бразилия, ҳамзамон бо истифодаи технологияҳои меҳнатталаб ва коргарони оддӣ (асосан занон) дар занҷирҳои истеҳсолӣ (масалан, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур ва Гонконг) ба анҷом расониданд. Рушди равандҳои байналмилалӣ иштироки гурӯҳҳои минтақавии байналмилалиро (масалан, Иттиҳоди Аврупо) ҳамчун субъектҳои тиҷорати байналмилалӣ муайян мекунад. Ҳамчун объектҳои тиҷорати байналмилалӣ маҳсулоти меҳнати инсон – молҳо ва хидматҳо, ҷудо карда мешаванд.

Мубодилаи молу маҳсулоти тиҷорати хориҷӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини ҳамкории иқтисодии байнидавлатӣ маҳсуб меёбад. Ҳолати гардиши тиҷорати хориҷиро метавон бо нишондиҳандаҳои гуногун, мисли нисбати арзиши содирот ба арзиши умумии маҳсулоти дохилӣ ва ҳаҷми содирот ба ҳар нафар аз аҳолӣ муайян кард. Ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳанд, ки дараҷаи робита ва ҳамгироии кишвар бо иқтисоди ҷаҳониро ва инчунин дараҷаи «кушодагии» низоми иқтисодии он баҳои дуруст дода шавад.

Яке аз шаклҳои асосии ҳамкории иқтисодӣ корхонаҳои муштарак мебошанд, ки моликияти он ба соҳибони ду ё зиёда давлат тааллуқ дорад. Ин корхонаҳо шакли байналмилалӣ ва мушаххаси ташкили фаъолияти иқтисодиро ифода мекунанд, ки бо сармояи муттаҳидаи ширкатҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ таъсис меёбанд. Корхонаҳои муштарак имконият медиҳанд, ки маблағгузорӣ ва дигар захираҳо аз манбаъҳои гуногун якҷоя карда шуда, фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ дар қаламрави як кишвар амалӣ гардад.

Дар ин намуди корхонаҳо амвол ва сармояи муштарак вуҷуд дошта, ҳар як иштирокчӣ ҳуқуқи идора кардани фаъолияти ширкатро дорад. Даромад ва хавфҳое, ки бо фаъолияти муштарак алоқамананданд, одатан ба миқдори саҳмияҳои ҳар як тараф тақсим мегарданд. Манфиатҳои тарафҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар таъсиси чунин корхонаҳо аксар вақт фарқ мекунанд. Барои соҳибкорони хориҷӣ ин шакли ҳамкорӣ имконияти ворид шудан ба бозорҳои хориҷиро фароҳам меорад. Аз тарафи дигар, давлатҳои мизбон бештар ба ҷалби таҷрибаҳои техникию иқтисодӣ, азхудкунии технологияҳои муосир, истифодаи усулҳои нави идоракунӣ, афзоиши ҳаҷми содирот ва коҳиш додани воридот таваҷҷуҳ мекунанд.

Дар ҳоли мавҷуд будани манфиатҳои гуногун, фаъолияти муштарак барои тарафҳои ширкаткунанда фоидаҳои мутақобиларо таъмин мекунад. Ин шакл имкон медиҳад, ки хавфҳои молиявӣ ва сиёсӣ байни тарафҳо тақсим карда шуда, мавқеи онҳоро бо муттаҳид кардани захираҳои молиявӣ, технологӣ ва таҷрибаи идоракунӣ тақвият бахшад.

Дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии соҳибкории муштараки байналмилалӣ метавон ширкатҳои хусусӣ, саҳҳомӣ ва ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдудро номбар кард. Дар ибтидои раванди ҳамкории иқтисодӣ, шаклҳои сохторӣ асосан дар шакли ширкатҳои пайи маъмул буданд. Дар даҳсолаи охир шаклҳои наве, монанди таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави кишварҳо, паҳн гардиданд. Ин намуди минтақаҳо дар таҷрибаи ҷаҳонӣ аллакай муддати тулонӣ маълуманд.

Барои минтақаҳои озоди иқтисодӣ низомҳои махсуси сабуки гумрукӣ ва тиҷоратӣ мавҷуданд, ки ҳаракати сармоя, мол ва мутахассисонро бо озодӣ таъмин мекунанд. Ҳамчунин, барои ширкатҳо низоми андозбандии имтиёзнок муайян карда шудааст, ки ба рушди ин минтақаҳо кумак мерасонад. Бо назардошти самти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, мақсадҳои таъсис ва сатҳи озодии додашуда, намудҳои минтақаҳои иқтисодиро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- ✓ минтақаҳои озоди гумрукӣ;
- ✓ минтақаҳои саноати содиротӣ;
- ✓ минтақаҳои озоди тиҷорат;
- ✓ минтақаҳои соҳибкории муштарак;
- ✓ минтақаҳои озоди "кушода";
- ✓ минтақаҳои технологӣ;
- ✓ минтақаҳои мураккаб.

Минтақаҳои озоди гумрукӣ бо мақсади озод кардани молҳо аз пардохти боҷи гумрукӣ дар равандҳои воридот ва содирот ташкил меёбанд. Минтақаҳои саноатии содиротӣ барои ташаккул ва рушди истеҳсолоти молҳои содиротӣ таъсис дода мешаванд. Минтақаҳои савдои озод бо лағви маҳдудиятҳо дар равандҳои тиҷорат шинохта мешаванд. Минтақаҳои соҳибкории муштарак барои амалӣ намудани фаъолиятҳои тиҷоратӣ бо иштироки соҳибкорони кишварҳои гуногун таъсис меёбанд. Минтақаҳои кушода бо сатҳи баланди дастрасӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ ба фаъолияти иқтисодӣ тавсиф мешаванд. Минтақаҳои технологӣ дар рушди

технологияҳои нав ва пешрафта равона шудаанд. Минтақаҳои мураккаб хусусиятҳои номбаршудаи минтақаҳои дигарро муттаҳид месозанд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки «минтақаҳои хурди истеҳсолии молҳои содиротӣ ва минтақаҳои озоди гумрукӣ, ки шароити мусоиди иқтисодӣ ва ҷуғрофӣ доранд, дар рушди иқтисоди минтақа нақши муҳим доранд. Ин намуди минтақаҳо аксар вақт дар наздикии бандарҳои калони баҳрӣ, фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ ташкил мегарданд ва ба сармоягузории бузург ниёз надоранд. Онҳо рушди робитаҳои иқтисодии байналмилалиро беҳтар мекунанд. Аз тарафи дигар, минтақаҳои калонтарини озоди иқтисодӣ, бо назардошти ҳаҷми қаламрав ва талаботи инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, сармоягузории калони молиявӣ ва моддӣ мехоҳанд. Аз ин сабаб, баргардонии сармояҳои воридшуда ба ин минтақаҳо баъди муддати тулонӣ сурат мегирад» [108].

Бо таъсиси муносибатҳои дипломатӣ 34 сол пеш Хитой ва Тоҷикистон дар таърихи дӯстии чандинасра боби нав кушоданд. Аз он вақт инҷониб тули 34 сол муносибатҳои Хитой ва Тоҷикистон, ки ба озмоиши ноорамиҳои вазъи байналмилалӣ тоб овардаанд, ба таври афзоянда рушд мекунанд ва аз ҳамсоягии нек ба шарикии стратегӣ ва аз он то ба шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ табдил меёбанд. Мақсади эълоннамудаи мо ҷиҳати ба таври муштарак ташаккул додани робитаҳои тиҷоратию иқтисодии Хитой ва Тоҷикистон зимни бунёди муносибатҳои байни кишварҳои ҳамсоя намунаи ибрат мебошад.

Муайян кардани самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ба Тоҷикистон имкон дод, ки роҳҳои худро барои ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳия намояд. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро беш аз 130 кишвари ҷаҳон расман эътироф намудаанд ва тақрибан 90-тои онҳо бо кишвари мо муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда, 44 давлат дар Тоҷикистон сафирони доимӣ доранд.

Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқ ба ҳайати созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ шомил буда, робитаҳои дӯстонаро бо даҳҳо

кишвар дар тамоми қитъаҳо мустаҳкам намудааст ва бо бузургтарин ширкатҳои бонкӣ ва молиявӣ ҳамкории зич дорад.

Дар ҷумҳурӣ 67 намояндагии хориҷӣ, аз ҷумла 20 ташкилоти байниҳукуматӣ ва 18 ташкилоти ғайриҳукуматӣ аккредитатсия шудаанд. Дар робитаҳои Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамкориҳои бисёрҷониба дар доираи созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла СММ, Иттиҳоди Аврупо, САҲА, ИДМ, Созмони Ҳамкории Шанхай ва СААД, ба роҳ монда шудаанд. Дар тули солҳои гузашта ҷумҳурӣ ба 170 конвенсияи муҳимтарини байналмилалӣ ҳамроҳ шуд. Ҳамкории ҳамаҷониба бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон комилан мувофиқат мекунад. Имрӯз он дар ҳама соҳаҳое, ки манфиатҳои муштарак доранд – сиёсат ва амният, иқтисод ва савдо, илм ва техника, фарҳанг ва маориф рушд мекунад. Калиди муваффақият дар ҳамкории ду кишвар омилҳои зерин мебошанд:

A. Ҳар ду давлат миёни худ сатҳи баланди эътимоди сиёсӣ доранд. Раисони ҳар ду кишвар борҳо таъкид кардаанд, ки муносибатҳои Тоҷикистону Хитой хосияти дӯстона ва ҳамкории судманд доранд. Ду кишвар дар масъалаҳои асосӣ якдигарро дастгирӣ мекунанд;

B. Ҳукумати Хитой бо эҳтироми анъанаҳои хуби ҳамсоягӣ беғаразӣ ва кумакҳои аҳднокро ба Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

C. Хитой Тоҷикистонро ҳамчун шарики баробарҳуқуқ қабул мекунад ва ҳеҷ гоҳ мавқеи худи фавқулодаи сиёсӣ ё иқтисодиро барои фишор овардан ё манфиатҳои худ истифода намекунад;

D. Ҳар ду ҷониб роҳи рушди интихобкардаи худро, ки бо таърих, фарҳанг, анъана ва сатҳи рушд дар ҳар як кишвар мувофиқ аст, ба пуррагӣ қадр мекунанд.

Дар солҳои 90-уми асри XX сохтори илмии муосири муносибатҳои байналхалқӣ шакли муайяни худро гирифт. Ин сохтор, гарчанде ки мураккаб мебошад, аз ҷиҳати мантиқӣ комилан дуруст аст. Таъсиси назарияи ягонаи муносибатҳои байналхалқӣ асосан ба тағйироти зерин такя мекунад:

- ✓ Ба поён расидани системаи илмию назариявӣ, ки аввали асри XX се равияи асосӣ дошт: христианӣ-нормативӣ, атеистӣ-марксистӣ ва христианӣ-позитивистӣ. Ҳар яке аз ин равияҳо саҳми назаррас дар рушди илм доштанд, вале бо гузашти вақт хусусияти ҳамдигарфаҳмиашон кам ва ба самти ягонагӣ ҳаракат карданд;
- ✓ Фаҳмида шуд, ки ҳеҷ як назарияи иҷтимоӣ наметавонад, новобаста аз тафовутҳои қавмӣ, динӣ ва фарҳангӣ, тараққиёти ҳаётро бе ҳисоб гирифтани ҳама ҷанбаҳо пеш барад (масалан, рад кардани иқтисодиёти ниҳонӣ як нуқтаи назарияи нормативӣ аст);
- ✓ Омӯзиши босамари равандҳои технологӣ ва сиёсӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва паҳншавии онҳо ба низоми умумии башарӣ мушкилоти муҳимми илмӣ-амалӣ пеш меоранд: оё гузариш ба шаклҳои нави тараққиёти пурзӯр имконпазир аст ва агар чунин бошад, он кадом шаклҳои сиёсиро талаб мекунад; чӣ гуна маҳдудиятҳои захираҳо ва масъалаҳои экологӣ ба устувории кишварҳои пешрафта таъсир мерасонанд; вазифаҳои муносибатҳои байналхалқӣ дар шароити ҷаҳони ягона чӣ гунаанд ва масъалаҳои дигари марбут.

Илми муосир, ки ба омӯзиши ҳамкориҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ машғул аст, сохтори хоси худро дорад, ки аз қисмҳои зерин иборат аст:

- таҳлили макроии муносибатҳои байналхалқӣ бо назари таърихӣ ва иҷтимоӣ, ки бо истифода аз фалсафа ва усулҳои гуногун, аз қабили иқтисоди сиёсӣ, системанависӣ, геосиёсат ва назарияи рушд дар сатҳи ҷаҳонӣ анҷом дода мешавад;
- баррасии ҳамкориҳои муваққат ва чандҷонибаи доираи маҳдуд, ки назарияҳои ихтилофот, музокирот ва дигар равандҳоро дар бар мегирад;
- омӯхтани шаклҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ, ки назарияҳои тиҷорат ва интегратсияро дар бар мегирад;

- муайян намудани субъектҳо ва намудҳои равобити сиёсӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла мувофиқи мақом ва мазмуни “ҷомеаи ҷаҳонӣ” тақсим намудани субъектҳои муносибатҳои байналхалқи иқтисодӣ;
- фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ ва тартиби таҳияи қарорҳои сиёсӣба тамоюлҳои инкишоф ва рафтори субъектҳои чунин муносибатҳо асос меёбанд.

Дар ҳар яке аз самтҳои номбаршуда қисматҳои алоҳидаи назариявӣ ва методологӣ вуҷуд доранд. Дар соҳаи илми муносибатҳои байналмилалӣ дар даҳаи 90-уми асри гузашта фаҳмиши умумии объект ва предмети ин фан шакл гирифт, саволҳои асосӣ рӯшан шуданд ва мақоми илмӣ муайян гардид. Ин ҳама нишонаи тағйироти ҷиддӣ буд.

Аввалан, дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ мафҳуми объект, предмет ва ҳадафҳои фан равшан гардид. Пештар ин илм масъалаи ҷанг ва сулҳро маркази диққат қарор медод, вале баъдан маълум шуд, ки ин мушкилот бевосита ба равандҳо ва равияҳои гуногун рабт дорад. Таҳқиқот нишон доданд, ки давлат ягона иштирокчии муносибатҳо нест. Бахусус, пас аз ҷанг равандҳои муносибатҳои байналмилалии ғайридавлатӣ зиёд шуданд.

Давлат дар шароити имрӯза ҳамчун объекти асосии муносибатҳои байналхалқӣ ва институти муҳимтарин шинохта шудааст. Сол аз сол объекти ва предмети муносибатҳои байналхалқӣ мураккабтар мешаванд ва талаботи онҳо ба таҳлили назариявӣ-методологӣ бештар мегардад.

Хеле муҳим аст, ки дар таркиби муносибатҳои байналхалқӣ низомҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ҳам омехта нашаванд ва ҳамчун намудҳои гуногуни ҷомеа сабт гарданд ва ин суханон аз назарияҳои иқтисоди ҷаҳонӣ бармояд.

Дуюм, диққат боз ба омӯзиши таърихии равандҳои тараққиёти ҷаҳонӣ равона гардид. Аз аввали солҳои 80-ум баҳсҳо дар атрофи назарияи форматсионӣ шуруъ шуданд. Аввалан, он бештар хусусияти фалсафавию методологӣ дошт, вале бо гузашти вақт мазмуни он таҳаввул ёфт. Пошхӯрии

Иттиҳоди Шуравӣ ниёз ба баррасии навини нуқтаи назари форматсионӣ ба миён овард.

Дар солҳои 90-ум сохти сармоядорӣ рушд ёфта, дар аксар кишварҳо ба таври фаъол таъсис мeёфт. Бо ин сабаб, тағйироти минбаъдаи ин сохтор дар сатҳи глобалӣ таъсиргузор хоҳад буд, аммо то ҳоло аз лиҳози илмӣ ин масъала комилан омӯхта нашудааст. Консепсияи форматсионӣ тадриҷан аз ақидаҳои анъанавӣ фарқ мекунад.

Сеюм, масъалаи робитаи назарияи муносибатҳои байналмилалӣ бо рушди ҷаҳонӣ ҳанӯз пурра равшан нест ва назарияҳои комил дар ин мавзуъ вуҷуд надоранд. Аз ҳамин сабаб, фикру ақидаҳои мухталиф дар бораи сохтиояндаи назарияҳои муносибатҳои байналмилалӣ вуҷуд доранд.

Дар заминаи методология ду нуқтаи назар оид ба имконпазирии сохтани метаназарияи муносибатҳои байналмилалӣ вуҷуд дорад. Гурӯҳи аввал бовар доранд, ки метавонад назарияи умумиҷаҳонии муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди ҷаҳонӣ шакл гирад, ки дар он мактабҳо, равияҳо ва фикру андешаҳои гуногун муттаҳид мешаванд. Гурӯҳи дигар инро шубҳанок меҳисобанд ва бештар ба таҳқиқоти таҷрибавӣ аҳаммият медиҳанд. Ҳар ду равия комилан ҳамдигарро такмил медиҳанд.

Дар натиҷаи маҷмуи таҳқиқотҳои муносибатҳои байналхалқӣ образи тараққиёти ҷаҳонӣ намудор мегардад, ки мисоли хатти морпеч мебошад. Қисми поёниаш дар гузашта часпида, қисми болоиаш кушода аст ва он ба пеш равона аст. Ин низом ба худ зернизомҳои мураккаби давлатҳо, минтақаҳо ва дигар сохторҳоро дар бар мегирад, ки дар рафти тараққиёти ҷаҳонӣ тағйир меёбанд.

Аз аввали солҳои 80-ум баррасии ҷиддии назарияҳо оид ба ҷуғрофия ва геосиёсат оғоз ёфт. Тафовути асосии “геосиёсати нав” нисбат ба фарзияҳои пештара дар он аст, ки давлатро ҳамчун ниҳоди манфӣ ва ба ҷомеа зараррасон мешуморад. Дар чунин назарияҳо диққат ба ҳалли мушкилоти камбизоатӣ, суръати сусттари рушди кишварҳо, ҳифзи муҳити

зист, сарфакорона истифода бурдани захираҳои табиӣ ва таҳдидҳои ҷангҳо тавассути геосиёсат дода мешавад.

Аз нуқтаи назар методологӣ низ тағйирот ба амал омад. Давлат мисли пештара асоси сохтори сиёсати ҷаҳонӣ ҳисобида мешавад, аммо таваҷҷуҳ ба ягонагии ҷаҳон ҳамчун системаи геосиёсии муттаҳид зоҳир мегардад. Агар макони зиндагӣ ва иқомати одамон ягона бошад, пас геосиёсат низ бояд муттаҳид ва ягона бошад.

Бо ин назари систематикӣ, ки вобастагӣ ва ҳамбастагии равандҳои ҷаҳониро таъкид мекунад, муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун як ҷузъи муҳимми равандҳои тараққиёти ҷаҳонӣ шинохта мешаванд. Ин муносибатҳо таҳқиқгаронро водор мекунанд, ки сабабҳо ва омилҳои аслии пешбарандаи пешрафти ҷаҳониро муайян созанд.

Чорум, дар ҳамин замина нуқтаи назари нормативӣ эҳё шуда, масъалаҳои одоб ва ахлоқро ба маркази диққат баргардонд. Ин раванд чанд марҳиларо паси сар кард ва дар ҳар марҳила масоили ахлоқӣ дар алоҳидагӣ рушд ёфтанд. Аввалан, масоили ҷанг ва таври амиқтар баррасӣ шуданд. Ҳоло масъалаҳои муҳими муносибатҳои байналхалқӣ, монанди ҳуқуқи инсон, ҳифзи гурӯҳҳои хурди ҷамъиятӣ ва нигоҳ доштани баробарии экологӣ ба миён омада, метавонанд дар доираи назарияҳои одобӣ ҳаллу фасл шаванд.

Панҷум, маълум гардид, ки бо рӯйи кор омадани таҳаввулоти ҷаҳонӣ ҳадафҳои муносибатҳои байналмилалӣ низ тағйир меёбанд ва мушкилот низ нав мегарданд. Ҳоло маълум аст, ки барои ҳалли онҳо назарияҳои муносибатҳои байналмилалӣ нақши муассир доранд. Пас аз пошхӯрии низоми сотсиалистӣ назарияҳои муносибатҳои байналхалқӣ вазифаҳои навро қабул карданд, ки саволҳои муҳимеро ба миён мегузоранд: кай ва чӣ гуна тағйиротҳои ҷиддӣ рух медиҳанд, кадом нишондиҳандаҳо онро муайян мекунанд, ва дар ин раванди тағйирот ҷойгоҳи кишварҳои пешрафта ва рушдёбанда чӣ гуна аст.

Аз ҳамин рӯ, вазифаи дигаре, ки дар назарияи муносибатҳои байналхалқӣ вуҷуд дорад, ба миён меояд. Дар адабиёти илмӣ ин зарурияти гузариш аз сиёсат ба идоракунии муназзам ва пайдарпайи муносибатҳои байналхалқӣ ҳисобида мешавад. Яъне, роҳи рушди ҷаҳонӣ бояд бо идораи самаранок ва мақсаднок пеш бурда шавад.

Аз ин рӯ, мафҳуми назарияи муносибатҳои байналхалқӣ ва ҳамкории иқтисодии ҷаҳонӣ дар нимасри охир тағйир ёфтааст ва имрӯзҳо он на танҳо ҳамчун як метаназарияи ягона дарк мешавад, балки усулҳо ва роҳҳои таҳқиқи ин соҳа васеъ ва мураккабтар гардидаанд. Миқёси масъалаҳо дар ин назария васеъ шудааст ва саволҳои зиёде, ки қаблан ба миён омада буданд, то ҳол посуххҳои дақиқ нагирифтаанд.

Баояндаи муносибатҳои Тоҷикистону Хитой нигариста, бо итминон метавон гуфт, ки он минбаъд низ рушди устувор хоҳад дошт. Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки Хитой дар доираи СҲШ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дарозмуддати стратегӣ барқарор намудааст. Ба ақидаи мо, нақши Пекин дар минтақа тадриҷан ба суст шудани нуфузи Русия дар ин ҷо афзоиш хоҳад ёфт. Дар дурнамои оянда таҳкими мавқеи Хитой ба шарофати ҳамкорӣ бо давлатҳои аъзои СҲШ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бароиояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои Осиёи Марказӣ оқибатҳои васеи мусбат хоҳад дошт. Ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар чаҳорчӯбаи Созмони Ҳамкории Шанхай бешак на танҳо дар сатҳи минтақавӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ ҳамчун як созмони калидӣ ва таъсиргузор шинохта хоҳад шуд.

Бо талошҳои муштараки роҳбарони сатҳи олӣ иқтисодиёти Тоҷикистон ва Хитой ба ҳамдигар хеле наздик гардиданд. То чанд сол пеш мо тасаввур карда наметавонистем, ки марзи якуним миллиардро дар тиҷорати мутақобила убур кунем. Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки гардиши мол байни кишварҳои мо қариб ба 4 миллиард доллар расидааст. Хитой ҳамчун бузургтарин сармоягузор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шинохта мешавад. Дар даҳ соли охир бо маблағи беш аз 4 миллиард доллари амрикоӣ

аз тарафи Ҷумҳурии Халқии Хитой ба иқтисоди Тоҷикистон ворид шудааст, ки аз ин маблағи зикрёфта ҳудуди 1,5 миллиард доллар сармояи мустақим мебошад.

Дар хотир бояд дошт, ки шароити умумии рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байни Тоҷикистон ва Хитой хеле гуногун мебошад ва сабаби асосии он мухталиф будани манфиатҳои ба ҳисоб меравад. Барои Тоҷикистон хеле муҳим аст, ки тавассути шарикони берунмарзӣ раванди саноатикунонии иқтисод бо миқёси васеъ ва бо суръати баланд рушд ёбад. Худи консепсияи саноатикунонӣ дар назар дорад, ки сатҳи шуғлнокии аҳолӣ баланд бардошта шавад ва мардум тавассути ихтисоси баланд ва касбҳои замонавӣ соҳиби музди кори сазовор гардад. Ин нукта маънои онро дорад, ки дар Тоҷикистон бештар барои рушди соҳаҳои меҳнатталаб ва илмталаб таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. ҶХХ бошад, бештар ба захираҳои зеризаминии Тоҷикистон ва хусусан ба металлҳои қиматбаҳо ва нодир иштирок дорад. Аз ин ҷо, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки манфиатҳо доир ба рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар байни ду давлат ба манфиатҳое асос меёбанд, ки самтҳои мухталиф доранд. Аз ин рӯ, олимоне, ки ба омӯзиш муносибатҳои иқтисодӣ-байналхалқӣ аз ду тараф шуғл меварзанд, бояд кӯшиш намоянд, ки манфиатҳои бологуфтаро ба ҳамдигар мувофиқ кунонанд, ки ин чандон кори осон нест ва талаб менамояд, ки тағйиротҳои сохтории ҷиддӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии Чину Тоҷикистон роҳандозӣ карда шаванд.

## 1.2. Ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузорӣ дар ҷаҳон ва самтҳои асосии рушди он

Торафт афзудани тақсимоти байналхалқии меҳнат байни мамлакатҳо, зиёд шудани фарқиятҳо дар муҳити сиёсиву иқтисодии ҷаҳон ҳамчун натиҷаи такомули равандҳои ҷаҳонишавӣ боиси амалӣ гардидани тағйироти куллӣ дар идоракунии давлатӣ шуданд. Чунин тамоюлҳо зимни ҷустуҷӯ ва

истифодаи усулҳои нави таъсиррасонӣ ба иқтисод ва хусусан барои барҳам додани душвориҳои афзоиши сатҳи рақобатпазирӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ татбиқ мешуданд. Робитаҳои иқтисодӣ байни кишварҳо ва хусусан рушди муносибатҳои тиҷоратӣ-сармоягузорӣ барои ҳамдигарфаҳмӣ ва пеш бурдани тиҷорати байналхалқӣ ва сармоягузориҳо асоси устуворро ба вуҷуд меоранд ва ин барои ҳар як давлат аҳаммияти басо муҳим дорад.

Ба ақидаи мо, дар шароити муосир робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ҳамчун шакли асосии муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ хизмат менамоянд ва дар натиҷаи рушди илм ва техника кам гардидани монеаҳо дар тиҷорат ва сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва ҳамчунин вусъат ёфтани шабакаҳои истеҳсолӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ акси худро пайдо мекунанд.

Агарчанде ки мафҳуми ҳамкории “тиҷоратию сармоягузорӣ” дар ададбиёти махсус ба таври васеъ ба чашм мерасад, то ба ҳол ягон таърифи мушаххас, ки фарогири моҳияти он бошад, дида намешавад.

Дар байни роҳу усулҳои мавҷуда ягонтои онҳо ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории байни кишварҳоро комилан арзёбӣ карда наметавонанд ва чунин вазъият аҳаммияти мавзуъро бештар мегардонад. Мафҳуми “ҳамкорӣ” аз лотинии “cooperation” маънои фаъолияти якҷоя доштан, якҷоя амал намудан ва иҷрои онро ба манофеи ҷонибҳо мефаҳмонад. Худи мафҳуми муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ маънои онро дорад, ки дар байни кишварҳои гуногун ҳамкориҳои доимӣ ва вобастагиҳои байниҳамдигарӣ вуҷуд доранд ва бо ин сабаб ҳамкориҳои байналхалқии иқтисодӣ торафт вусъат пайдо мекунад.

«Ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ маҷмуи амалҳои мувофиқшудаи давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалиро дарбар мегирад, ки бо ҳадафи тақвият додани равобити устувори иқтисодии ҷаҳонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва такмили механизмҳои ҳуқуқии ҳамкории дуҷониба ва мутақобилан судманд амалӣ мешаванд» [20].

Ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ дар шаклҳои гуногун роҳандозӣ мегарданд ва ба таркиби онҳо тиҷорати байналхалқӣ, сармоягузориҳои байналхалқӣ, робитаҳои илмию техникӣ, ҳамкориҳои истеҳсолӣ, алоқаҳои асъорӣ, молиявӣ ва қарзӣ дохил мешаванд. Мафҳуми ҳамкории тиҷоратию сармоягузорӣ асосан тиҷорат ва сармоягузориро ҳамчун мазмуни ду қисми асосии робитаҳои иқтисодии байнидавлатӣ дар назар доранд. Тиҷорати байналхалқӣ гуфта фурӯши молу маҳсулотро дар шаклҳои моддӣ, хизматгузорӣ ва моликияти зеҳнӣ, ки байни харидорон, фурӯшандагон ва миёнаравҳо, ки аз кишварҳои гуногун мебошанд, меноманд. Аз тарафи дигар, «сармоягузорӣ дар сатҳи байналмилалӣ ба маънои ворид кардани маблағҳои субъектҳои иқтисодӣ аз як давлат ба дороиҳои моддӣ, ғайримоддӣ ва молиявии давлатҳои дигар мебошад, ки ҳадафаш афзоиши даромад мебошад» [146].

Мақсадҳо, объектҳои фаъолият, сабабҳои пайдоиш ва усулҳои тадбиқи ин ду навъи ҳамкорӣ дорои фарқиятҳои ҷиддӣ мебошанд (ҷадвали 1.2.1.). Вобаста ба ин фарқиятҳо дар сармоягузории байналмилалӣ назарияҳое паҳн шудаанд, ки дар асоси онҳо олимон метавонанд тиҷорати ҷаҳониро таҳлил намоянд. Таърихи рушди афкори иқтисодӣ нишон медиҳад, ки мактабҳои неоклассикӣ, неокейнсионӣ, марксистӣ ва ғайра ҳар яке аз тарафи худ ин назарияҳоро такмил додаанд.

**Ҷадвали 1.2.1. - Тафовутҳои аслӣ дар миёни тиҷорат ва сармоягузории байналмилалӣ**

| Нишонаҳо | Тиҷорати байналхалқӣ | Сармоягузории байналмилалӣ |
|---|---|---|
| **Мақсад** | Нуқсонҳои ба истифодаи манбаъҳои захираҳои миллӣ дахлдошта барҳам дода шаванд;<br>Қудрати бозори дохилӣ (миллӣ) баланд бардошта, алоқааш бо бозори ҷаҳонӣ устувор гардонида шавад;<br>Хароҷоти истеҳсолоти миллӣ коста гардад ва бо ин роҳ дар бозори ҷаҳонӣ даромади иловагӣ ба даст оварда шавад; | Сармоягузорӣ барои корхонаҳо боиси афзоиши фоида, васеъ гардонидани масоҳати тиҷоратӣ, тақсимоти пурсамари захираҳои моддию молиявӣ ва ғайра мебошад;<br>Рушдёбии кишварҳо бошад, дар натиҷаи сармоягузориҳо болоравии суръати иҷтимоӣ-иқтисодӣ шуда метавонад. |

| | | |
|---|---|---|
| | Қобилияти истеҳсолии кишварҳо такмил ёфта, рушди технологии истеҳсолот тезонида ва бо ин роҳ сатҳи самаранокии истифодаи захираҳои истеҳсолот баланд бардошта шавад. | |
| **Сабабҳои пайдошавӣ** | Захираҳои иқтисодӣ байни кишварҳо бо тақсимоти нобаробар ҷудо шудаанд;<br>Дар истифодаи захираҳо ва технологияҳо дараҷаи самаранокӣ низ дар кишварҳо гуногун мебошад. | Иловаи нисбӣ ва ҷамъшавии сармоя дар кишвар;<br>Миқдори гуногуни ҳадди сармоя, ки бо фоиз муайян карда мешавад;<br>Ҳузури монеаҳои гумрукӣ, ки воридоти молро маҳдуд карда, ба таъминкунандагони хориҷӣ барои ворид шудан ба бозор душворӣ меофаранд;<br>Муносибати мусбӣ ва иродаи қавии ширкатҳо нисбати тақсимот ва рушди истеҳсолот аз назари ҷуғрофӣ;<br>Ҳаргунагии талабот ва пешниҳодот нисбати сармояи дохилӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод ;<br>Мавҷудияти имкониятҳои бештар дар бозори маҳаллӣ барои монополияҳо;<br>Мавҷудияти сармояи арзон нисбати ашёи хом ва қувваи корӣ барои кишварҳои воридкунанда;<br>Дифои сиёсӣ ва ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои сармоягузорӣ. |
| **Объектҳо** | Маводҳо ва хизматҳое, ки ҳамчун воситаи самаранок истифода шудани омилҳои истеҳсолот хизмат мекунанд | Захираҳои табиӣ, технологияҳои замонавӣ, амволи манқул ва ғайриманқул, васоити молиявӣ, қоғазҳои қимматнок ва ғайра. |
| **Шакли ташкил** | Хариду фурӯш | Аз сифр амалӣ гардонидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ. Баҳамомезӣ ва бакорандозӣ;<br>Методҳои гуногуни сармоягузорӣ дар корхонаҳои амалкунанда (масалан, зеҳни сунъӣ) |

**Сарчашма.** Таҳияи муаллиф

Олимони варзида Ҷ. Кэйнс, Э. Ҳекшер, Б. Олин, Р. Манделл, К. Маркс, Р. Коуз, Э. Пенроуз, К. Эрроу, П. Бакли, М. Кэссон, А. Рагмен, Киндлебергер, Р. Вернон, У. Корден, Т. Хорст, С. Хирш, Ҷ. Даннинг, Ҷ. Мюккюэлли ва дигарон ин ақидаро дар бораи алтернативаи ҷараёни молҳо ва сармоя асоснок кардаанд.

Аз назарияи марҳилаҳои ҳаёти маҳсулот бармеояд, ки «дар зинаҳои стандартизатсия ва комёбӣ татбиқи сармоягузории мустақими хориҷӣ (яъне таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ дар кишварҳои хориҷӣ) нисбат ба содирот имконият медиҳад, ки хароҷоти тағйирёбанда бо гузариш аз монеаҳои гумрукӣ коҳиш ёбад» [5].

Дар назарияи эклектикии Ҷ. Даннинг таъкид мешавад, ки: «ширкат дар муқоиса бо дигар ширкатҳои ҳамон кишвар дорои бартариҳои хоси соҳибмулк мебошад (афзалиятҳои соҳиби мол). Истифодаи мустақили ин бартариҳо аз ҷониби ширкат бештар судманд аст, нисбат ба он ки тавассути миёнаравҳои тиҷоратӣ амал кунад (афзалиятҳои байналмилалисатсия). Ҳамчунин, ширкат метавонад дар хориҷ захираҳои истеҳсолиро бо самаранокии баландтар нисбат ба кишвари худ ба кор гирад (афзалиятҳои макон). Дар ҳолати набудани чунин шароитҳо, ширкат бояд молҳояшро танҳо ба он кишвар содирот намояд» [6].

Ҷ. Милл, Ф. Махлуп, Р.Харрод, К. Акамасу, Т. Озава ва Ҷ. Маркузе «постулатро дар бораи комплементарӣ будани савдои байналмилалӣ ва ҷараёни ПИИ асоснок кардаанд. Ҷ. Милл бар ин назар аст, ки содироти сармоя ба такмили тахассуси истеҳсолии кишварҳо мусоидат мекунад ва рушди тиҷоратро пеш мебарад» [3].

Ҷ. Маркузе бар он ақида аст, ки: «савдои молҳо ва ҳаракати омилҳои истеҳсолот ҳамеша муқобил ё алтернатифӣ нестанд, балки бештар пурракунандаи ҳамдигар ба ҳисоб меравад. Ин масъала вобаста ба тарзи ташкили робитаҳо байни омилҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ аст» [ниг. ба 4].

Р. Нурксе, Л. Хакансон, П. Диккен, К. Кожима ва П. Кругман: «андешаҳоро дар бораи робитаи мураккаби байни савдо ва сармоягузорӣ ба таври муассир таҳким бахшиданд. Ба хусус, иқтисоддони ҷопонӣ К. Кожима дар доираи назарияи макроиқтисодии худ нишон дод, ки сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ (СМХ) метавонанд вобаста ба навъи ширкатҳо ва бахшҳои иқтисодӣ, ки ин сармоягузориҳо аз он ҷо иҷро мешаванд, ба

тақсимоти меҳнат ва рушди тиҷорати байниҳамдигарии шарикон таъсири мухталиф дошта бошанд» [6].

Иқтисоддони амрикоӣ П. Кругман таъкид мекунад, ки «афзоиши амудии СМХ боиси рушди тиҷорати дохилии ширкатҳои фаромиллӣ мегардад ва ин раванд ба тавсеаи навовариҳои технологӣ ва институтсионӣ мусоидат мекунад. Ин боиси пайдоиши бартариҳои рақобатӣ шуда, рушди ҳамзамони тиҷорат ва сармоягузории байналмилалиро тез мекунад» [3].

Ҳанӯз аз аввали солҳои 90-ум дар Чин масоили алоқаҳои тиҷорати байналхалқӣ ва сармоягузориҳо мавриди таваҷҷуҳи олимон қарор гирифта буданд. Олимони ин давлат ба ақидаеанд, ки савдои хориҷӣ ва сармояи байналмилалӣ дар доираи ШФМ ба ҳамдигар таъсири синергетикӣ мерасонанд. Масалан, Чжу Тинсзюн ва Чжу Тун қайд мекунанд, ки: «амиқ шудани ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ба ҳамоҳангсозии ҷараёнҳои байналмилалии сармоя ва ҷараёнҳои тиҷоратӣ оварда расонид. Аз ин рӯ, барои ШФМ масъала акнун на дар он аст, ки оё савдо ба сармоягузорӣ оварда мерасонад (ё сармоягузорӣ ба савдо оварда мерасонад) ва оё савдо сармоягузориро иваз мекунад (ё сармоягузорӣ савдоро иваз мекунад) ва ҳатто дар он нест, ки савдо ва сармоягузорӣ якдигарро пурра мекунанд, балки чӣ гуна ширкатҳо метавонанд захираҳоро дар миқёси ҷаҳонӣ зуд ба даст оранд ва ба таври оптималӣ тақсим кунанд» [3].

Масалан дар Ҷумҳурии Беларус масъалаи таҳқиқи робитаҳои тиҷорати байналмилалӣ ва сармоягузории байналмилалӣ дар замони охир ва асосан аз нуқтаи назари кишварҳои мизбон ба роҳ монда шуд. Дар ҳамин раванд Н.С. Шалупаева «таҳқиқоти назариявӣ ва амалии таъсири савдои хориҷии ширкатҳои калонро дар кишварҳои қабулкунанда систематик намуд ва усулҳои баҳогузории таъсири ширкатҳои калон ба савдои хориҷӣ ва ҷалбияти кишварҳо барои содироти онҳо таҳия кард» [51].

Дар солҳои охир, чанд созмони байналмилалии иқтисодӣ, аз ҷумла: «Конфронси СММ оид ба савдо ва рушд, Хазинаи байналмилалии асъор, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд ва Созмони ҷаҳонии савдо, таҳқиқоти

амалии худро дар самти робитаҳои байни ширкатҳои фаромиллӣ ва савдо ба анҷом расонданд. Тамоюлҳои нави ҷаҳонишавӣ ва густариши тиҷорати байналмилалӣ, бахусус дар шаклгирии ширкатҳои фаромиллӣ, ба таври возеҳ дида мешаванд. Дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ нақши ин ширкатҳо хеле муҳим аст, зеро гардиши дохилии онҳо тақрибан сесад ҳиссаи содироти молу хидматҳои байналмилалиро фаро мегирад ва боиси такомули ҳамкории тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ мегардад» [11].

Дар доираи робитаҳои иқтисодии байналхалқӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии тиҷорат ва сармоягузорӣ асосан дар шаклҳои ҳамзинагӣ ва вобастагии дутарафа худро нишон медиҳанд:

1. Тиҷорати байналмилалӣ зимни рушди худ дигаргуниҳои воқеии тақозоро дар муддатҳои муайян ифода намуда, ба фаъолияти сармоягузорӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, яъне маводҳое, ки мавқеашон устувор мебошад ва дар соҳаи тиҷорат ҷойгоҳ доранд, ба самти сармоягузорӣ ҷалб мешаванд;

2. Васеъшавии фаъолиятҳои сармоягузории кишварҳои ҳамкор ҳамчун нерӯи аслии пешбарандаи ташаккул ва рушдёбии шабакаҳои глобалии истеҳсол ва фурӯш амал намуда, равандҳои динамика ва сохтори ҷуғрофии тиҷоратро муайян мекунад.

Пас аз таҳлили равандҳои рушди ҳамкории тиҷорат ва сармоягузорӣ, мафҳуми «ҳамкории савдо ва сармоягузорӣ» ҳамчун маҷмуи амалҳои ҳамоҳангшудаи субъектҳои кишварҳои мухталиф муайян мешавад, ки ба тақвияти робитаҳо байни тиҷорат ва сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии онҳо равона шудааст. Дар чаҳорчӯби ин низом, ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои субъектҳо бо мақсад ва сатҳҳои мушаххас бояд дар назар гирифта шавад (ҷадвали 1.2.2.).

**Ҷадвали 1.2.2. - Низоми ҳамоҳангсозии равандҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ**

| Сатҳ | Субъект | Мақсад | Самт |
|---|---|---|---|
| Макросатҳ | Давлат | Расондани манфиатҳои кишвар ба сатҳи беҳтарин ва максималӣ | Телекоммуникатсияҳо, инфрасохтори нақлиёт ва назди роҳӣ, тавлиди васоити боркашонӣ, рушди саноати химия ва нефтехимия, комплекси агросаноатӣ, металлургияи сиёҳ ва ранга, коркарди комплексии чӯб, биотехнологияҳо ва истеҳсоли доруворӣ, рушди экологияи саноатӣ ва ғайраҳо |
| Микросатҳ | Корхона (ШФМ) | Ташаккул ва пешрафти шабакаҳои истеҳсолӣ ва фурӯш дар сатҳи байналмилалӣ бо мақсади ба даст овардани даромади назаррас | |
| Сатҳи фавқулмиллӣ | Иттиҳодияҳои байналмилалии ҳамгироии иқтисодӣ | Иштирокчиёни иттиҳодияҳои байналхалқӣ бо шароити устувори амнияти иқтисодӣ таъмин мегарданд ва барояшон иҷрои манфиатҳои иқтисодӣ кафолат дода мешавад | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, сатҳи макро сатҳи баландтарин эътироф гардидааст ва имконияти қонунии таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияҳои гуногуни давлатӣ, тасдиқи шартномаҳо, ҳуҷҷатҳои гуногуни ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузориро дар арсаи ҷаҳонӣ ва рушди фаъолияти иқтисодии бурунмарзиро барои бештар ҳифз намудани манфиатҳои миллӣ амалӣ мегардонад. Сатҳи микро бошад, корхонаҳо, ширкатҳо ва аз ҷумла ширкатҳои фаромиллиро низ дарбар мегирад ва имконияти коркарди захираҳои дохилӣ ва хориҷии истеҳсолот ва фурӯшро дар доираи стратегияи иқтисодии хориҷиаш рушд медиҳад. Иттиҳодияҳои байналмилалии ҳамгироӣ бошанд, таҳия ва амалӣ гардонидани стратегияи ягонаи ин иттиҳодияҳоро ба дӯши хеш гирифта, амнияти иқтисодии давлатҳои аъзои иттиҳодияҳоро таъмин менамоянд ва зимни ҳамкорӣ бо кишварҳои сеюм нақшаҳое месозанд, ки барои рушди аъзоёни иттиҳодия мусоидат кунад.

Бидуни шубҳа низоми ҳамоҳангсозии равандҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ аз сатҳи фавқулмиллӣ, яъне иттиҳодияҳои байнадхалқии интегратсионӣ-иқтисодӣ берун омада, ба сатҳи ҷаҳонӣ дакка мехӯранд. Дар ин самт чунин ҳамоҳангсозӣ ба истеҳсол ва тақсимоти озуқа, васоити инноватсионӣ, технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ ва истеҳсоли ҳарбӣ дахл дорад. Ҳамоҳангсозӣ дар ин сатҳ чандон кори осон нест ва истифода бурдани як қатор ниҳодҳои байналмилалӣ аз қабили СММ, СБС, БУ ва ғайраро талаб менамояд. Баъзе аз намудҳои истеҳсоле, ки дар ин сатҳ амал менамоянд ҳатто ба қарорҳои СММ ва дигар ташкилотҳои барӯманди байналмилалӣ итоат намекунанд. Масалан, истеҳсоли моҳвораҳо бидуни ҳаргуна ҳамоҳангсозӣ мебошад. Дар натиҷа вазъе ба амал омадааст, ки кайҳон пур аз моҳвораҳои низомӣ гардидааст ва онҳо ба омили боз ҳам шадид гардидани вазъи байналхалқӣ шуда истодаанд. Чунин муаммоҳо тақозо менамоянд, ки ҷиҳатҳои назариявии ҳамоҳангсозии равандҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ торафт бештар таҳти назорати СММ ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ қарор гиранд.

Ба ғайр аз ин, ба самтҳои ҳамкории тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ва хусусан ба мувофиқ намудани сохтори соҳаҳои аъзоёни иттиҳодияҳо ва аз тарафи давлат дастгирӣ кардани сиёсати онҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Чӣ тавре ки дар ҷадвали 1.2.2. нишон дода шуд, соҳаҳои ба фаъолияти тиҷоратию сармоягузорӣ байни кишварҳо воридгардида инҳоянд – энергетика, мошинсозӣ, телекоммуникатсияҳо, комплекси аграрӣ-саноатӣ ва аз ҷумла озуқаворӣ, коркарди чӯб, металлургияи сиёҳу ранга, биотехнологияҳо, истеҳсоли доруворӣ ва ғайра.

Системаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ба сатҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҳар як мамлакат тавассути стратегияҳои гуногуни рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташаккули омилҳои истеҳсол ва бо баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсири мусбӣ мерасонад.

Барои арзёбии ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни кишварҳое, ки ба методологияҳои илмӣ асос мебанданд, мо як равияи

мукаммалро тахия кардем. Ин равия дар асоси усулҳои таҳлили вазъи ҳамкориҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва нақши ИДМ дар тағйирёбии нишондиҳандаҳои рушди тиҷорати хориҷии кишварҳои қабулкунанда сохта шудааст.

Муаллиф равандҳои зеринро ҳамчун давраҳои асосӣ пешбинӣ намуда, онҳоро гурӯҳбандӣ кардааст.

**Давраи аввал**: Баҳо додан ба вазъи тиҷорати байниҳамдигарӣ ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар байни кишварҳо – аъзоёни ИДМ. Дар давраи аввал ва таҳлили чунин нишондиҳандаҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад: ҳаҷм ва таркиби содирот ва воридот; вазни қиёсии содирот ва воридот дар ҳаҷми умумии тиҷорат; меъёри шадидии тиҷорат; меъёри интегратсионии тиҷорат; ҳаҷми умумии сармоягузории мустақим бо назардошти ҳаракати дутарафаи сармоягузориҳо (хусусан, андӯхти умумии сармогузориҳо); вазни қиёсии сармоягузории мустақим дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мутақобила; таркиби ҷуғрофӣ ва соҳавии сармогузориҳо.

Ин омилҳо бояд мавриди таҳлил қарор гиранд, зеро дар асоси он душвориҳо ва монеаҳои рушди тиҷорат ва сармоягузориҳо мушаххас мегардад ва имконияти ба сатҳи комили тиҷорат расидан арзёбӣ мешавад; дар мувофиқа бо вазъи иқтидорҳои илмӣ, техникӣ ва инноватсионӣ сатҳи таркибии оптималии тиҷорат ва сармоягузориҳо муайян мешаванд. Инчунин, аз назари илмӣ сатҳ ва иқтидори маҳсулоти тиҷоратӣ мушаххас мегардад (аз ҷумла, исбот кардан зарур аст, ки таркиби соҳаҳои сармоягузорӣ ба таркиби соҳаҳои тиҷоратӣ мувофиқат мекунад); ангезаҳои сармоягузорӣ вобаста ба муҳитҳои мухталиф мавзуи таҳлил қарор мегиранд.

**Давраи дуюм**: Баҳо додан ба таъсири савдои байниҳамдигарӣ ва маблағгузории байни давлатҳо. Дурустии назария оид ба алоқаи байни ҳаҷми савдои байниҳамдигарӣ ва ҳаҷми маблағгузории мустақим аз назари миқдорӣ, инчунин, мушаххасгардонии яке аз намудҳои он алтернативӣ, комплементарӣ ё комплексӣ, одатан тадқиқоти эконометрикӣ мегузаронанд. Дар тахти таъсири бухрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ, ки солҳои 2008-

2009 ва 2014-2016 ба вуқӯъ павйастанд, инчунин пандемияи Covid-19 ва инчунин таҳримҳои зидди Русия, ки аз ҷониби ИМА ва ИА гузаронида мешуданд, зарурияти роҳандозӣ намудани ҳамгироиҳо дар кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии Аврупо, инчунин барқарорсозӣ ва пешравии иқтисоди Русия, Беларус, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Арманистон ҳамкориҳои бисёрҷониба вусъат ёфтанд. Дар навбати худ Хитой кӯшиш менамояд, ки ба таври ҷудогона бар ҳар як давлатҳои ба Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳамсоябуда алоқаҳои устувор барқарор намояд. Хитой шарики стратегии тамоми иттиҳодияи ҳамгироии Иттиҳоди иқтисодии Аврупо мебошад.

Ҳамкории сармоягузории Хитой ва кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии Аврупо самти яктарафа дорад. Тибқи маълумоти маркази таҳқиқоти интегратсионии Бонки рушди Авруосиё (ИА ЕАБР), Хитой аз рӯйи ҳаҷми СМХ-и ҷамъшуда дар ИИАО миёни сармоягузорони Осиё пешсаф аст. Тибқи маълумоти Вазорати тиҷорати Хитой, ҳаҷми умумии сармоягузории мустақими Хитой дар кишварҳои Осиёи Марказӣ байни солҳои 2016-2024 ба 80,3 миллиард доллари ИМА расид. Дар айни замон Хитой ҳамчун бузургтарин харидори энержӣ боқӣ мемонад, зеро истеъмоли дохилии захираҳои энергия, аз ҷумла нафт, ангишт ва газ, пайваста афзоиш меёбад. Дар кишварҳои Иттиҳоди Осиёи Марказӣ сармоягузориҳои мустақими Хитой асосан дар Қазоқистон, Узбекистон ва Қирғизистон мутамарказ шудаанд. Мувофиқи маълумоти соли 2024, ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими Чин дар ин се давлат ба 80,3 миллиард доллари ИМА расидааст, ки ин 93,2% аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими Хитой дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Ғайр аз ин, сармоягузорони чинӣ дар Беларус фаъолона фаъолият доранд: то поёни соли 2023 ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими онҳо дар иқтисоди ин кишвар 1,5 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод.

Дар давраи мазкур ҳаҷми маблағгузории ҶХХ ба иқтисоди Тоҷикистон ба 3,8 млрд. доллари ИМА расид.

«Соҳаҳои мошинсозӣ, сайёҳӣ ва сохтмон барои сармоягузорони чинӣ майдонҳои ҷолиб ва афзалиятнок мебошанд. Дар ҳоле ки Арманистон бо қудрати иқтисодии нисбатан кам ва муноқишаҳои геополитикӣ бо дигар кишварҳои Қафқоз рӯбарӯ аст, сармоягузории Чин дар ин кишвар ҳаҷми нисбатан ночиз дорад» [11].

Ба самтҳои асосии ҳамкории тиҷоратию сармоягузорӣ байни кишварҳо ҳоло биотехнология, дорусозӣ, тиб, тандурустӣ, металлургия, саноати коркарди чӯб, маҷмааи агросаноатӣ, саноати кимиё, нефтехимия, инфрасохтор, энергетика ва автомобилсозӣ дохил мешаванд.

Дар рафти таҳқиқот ду шакли асосии ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ – савдо ва сармоягузорӣ муайян гардид.

Бояд дар назар дошт, ки ҷорӣ намудани технологияҳои баланд, рушди истеҳсолоти пурмаҳсул тадриҷан ҳамчун омилҳои муҳимтарини таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ амал мекунанд.

Дар ҷаҳони имрӯза давлатҳои хурд ва аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф бе кумаки шарикони байналмилалӣ рушд карда наметавонанд. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки муносибатҳои тиҷоратии Русия ва Тоҷикистон ба таври гуногун рушд мекунанд. Сохтори онҳо бо яктарафагӣ ва самти ашёи хом доштан фарқ мекунад.

Содирот аз Русия бартарӣ дорад, маҳсулоти Русия дар гардиши умумии тиҷоратии Тоҷикистон пайваста дар ҷойи аввал меистад, дар ҳоле ки молҳои содиротии Тоҷикистон дар Русия он қадар талабот надоранд ва ҳиссаи онҳо дар гардиши умумии молҳои Русия ночиз аст. Фаъолияти сармоягузории Русия, ки дар солҳои сифрӣ дар асри XXI фаъол буд, тадриҷан мавқеи худро аз даст медиҳад, ки ба ин омили дохилӣ, аз ҷумла бад шудани шадиди фазои сармоягузорӣ барои сармоягузорони Русия мусоидат мекунад. Аммо иқтидори ҳамкории бомуваффақияти тиҷоративу сармоягузории Русия ва Тоҷикистон доираи хеле васеъ дорад. Меваву сабзавоти тару тозаи экологӣ тоза ва бо сифати баланд, инчунин меваҳои

хушк, ки дар ҳолатҳои муайян аз Тоҷикистон ба бозори Русия пешниҳод гарданд, метавонанд саҳми назаррас дар ғанӣ гардонидани бозори кишоварзӣ дошта бошанд. Аз ҷониби дигар, иқтисоди Тоҷикистон барои такмили соҳаҳои телекоммуникатсия, кишоварзӣ ва рақамигардонии бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, инчунин барои дастгирӣ дар сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ, хатҳои интиқоли барқ, роҳҳои автомобилӣ ва роҳи оҳан ниёзи зиёд дорад.

Дар заминаи дастгирии кишварҳои бузург иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар ҳолати вобаста ба кумаки байналмилалии донорӣ ва интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ қарор дорад. Дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли муносибати «пешпардохткунанда ва қабулкунанда» устувор гардид. Бо шумораи зиёди давлатҳо тиҷорат барпо мешавад, вале тавозуни тиҷоратӣ дар ҳолати манфӣ қарор дорад. Тоҷикистон нисбат ба содирот аз воридот бештар вобастагӣ дорад. Содироти кишвар асосан аз якчанд намуди ашёи хом ва маводҳои нимтайёр аз ҷумла, арзизи аввалин, пахта ва ҳаҷми начандон калони маводи кишоварзӣ – сабзавот ва меваҳо иборат мебошад. Солҳои охир дар таркиби содироти Тоҷикистон семент ва нерӯи барқ ба мамлакатҳои ҳамсоя бо суръати баланд зиёд шуда истодааст.

Оид ба рушди савдои байналхалқӣ ва назди сарҳадӣ, инчунин оид ба маблағгузории байниҳамдигарӣ ва дигаргун гардидани тиҷорати ҷаҳонӣ тадқиқоти умумие ба сомон расидааст, ки он акси худро дар монографияи коллективие, ки бо роҳбарии В.П. Оболенский таҳия гардидааст. Он барои мушаххас гардидани омилҳои таъсиргузор ва аз ҷумла, робитаҳои савдо дар байни давлатҳои калон ва хурд ҳисси ҷиддӣ гузоштааст. Дар асарҳои илмии А.Ю. Кнобел ва М.Б. Пойкер муносибатҳои савдо ва иқтисодии байни Тоҷикистон, Молдова, Арманистон бо Русия аз назари рақобатпазирӣ баррасӣ гардидаанд.

Тоҷикистон захираҳои фаровони маъданҳои фоиданокро дорост, ки ба монанди маъданҳои нодири сурма, сурб, синк ва стронсий, инчунин

намакҳои ошӣ ба ҳисоб мераванд. Ин захираҳо имкон медиҳанд, ки рушди иқтисодии кишвар бо истифода аз иқтидорҳои зеризаминӣ густариш ёбад. Иқлими гарму муътадил шароити мусоид барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро фароҳам меорад. Захираҳои гидроэнергетикӣ низ дар дарёҳои кӯҳӣ ба таври назаррас мавҷуданд. Агарчанде дар Тоҷикистон қувваи кории арзон ва камихтисос зиёд мебошад, он ба душвориҳои иқтисодӣ бевосита қобилияти рӯбарӯ шудан надорад ва рушди минбаъдаи иқтисоди ҷумҳурӣ талаб менамояд, ки сармоягузорӣ ва тайёркунии кадрҳо ботаҷриба суръати баланд дошта бошад [37].

Дар Тоҷикистон зимни сармоягузорӣ фазои нав пайдо гардид, аммо гузариш ба давраи нави рушди бозор маблағгузориҳои иловагиро талаб менамуд ва Тоҷикистон аз уҳдаи ҷалб намудани онҳо баромада наметонист. Ба ҳар ҳол ҳукумати кишвар афзоиши маблағгузориро ҳамчун асоси ҳаллу фасли душвориҳои рушди иқтисод баррасӣ менамуд. Дар байни солҳои 1997-2023 сармоягузориҳои мустақим 293 маротиба зиёд шуданд ва дар ҳамин давра сармоягузориҳои дигар беш аз 300 маротиба афзуданд. Агар соли 1997 маблағгузориҳо ба 3,3 миллион доллар мерасиданд, пас дар соли 2023 ҳаҷми онҳо ба 1,1 млрд. долл. расиданд. Дар ҳамин давра қисмати портфелии сармоягузориҳо низ босуръат меафзудан (ҷадвали 1.2.3.)

Дар оғози давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон, Русия фаъолона ба лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ дар кишвар саҳм гузошт. Дар бахши сохтмон дастовардҳои назаррас ба назар мерасиданд ва соли 2004 бо кумаки Федератсияи Россия кори сохтмони маҷмааи манзилии «Пойтахт-80» (бо сармояи ҶДММ «Жилкапинвест») шуруъ шуд. Маблағи сармоягузории мустақими Русия барои ин лоиҳа тақрибан 40-45 миллион доллари амрикоӣ буд.

Дар ҳамин замина, ширкати холдингии «Элементи Асосӣ» беш аз 150 миллион доллар барои сохтмони меҳмонхонаи Hyatt Regency Dushanbe ва маркази калони тиҷоратӣ сармоягузорӣ кард. Бо гузашти вақт, ин сармоягузор бо сабаби мушкилоти андозбандии ношаффоф, афзоиши

рақобат аз ҷониби сармоягузорони чинӣ ва паст шудани талабот ба хизматрасониҳои дараҷаи баланд тадриҷан бозори Тоҷикистонро тарк мекунад.

Дар натиҷаи бухрони молиявии ҷаҳони солҳои 2008-2009 ҳаҷми умумии сармоягузории Русия хеле паст шуд, аммо аз соли 2010 сар карда сармоягузориҳо ба ин кишвар хеле суръати зиёд айдо карданд. Аз соли 2010 то соли 2024 сармоягузори бурунмарзӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди Тоҷикистон тақрибан дар ҳаҷми 9 млрд. долл. маблағгузорӣ намуданд.

То имрӯз дар байни маблағгузорони калидӣ ба иқтисоди Тоҷикистон Русия мавқеи аввалро ишғол мекунад. Ба ҳаҷм ва суръати чуни маблағгузориҳо чунин омилҳо аз қабили дигаргуншавии қурби асъор бухронҳо ва таҳримҳои умумиҷаҳонӣ нобаробарвазнии нархи маводи содиротӣ ва омилҳои дохилии кишварҳо, ҳамчунин пасту баланд шудани суръатҳои рушди иқтисодии Русия, мураккаб гардидани шароити сармоягузорӣ дар Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ расониданд. Чӣ тавре ки Е. Ионова мегӯяд: «Русия тавассути робитаҳои мустаҳками тиҷоратӣ, фароҳам овардани ҷойҳои корӣ барои муҳоҷирони тоҷик, ҳамкориҳои низомӣ дар доираи Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ва муносибатҳои дуҷониба, инчунин таҳкими равобити гуманитарӣ дар ҷумҳурӣ нуфузи худро нигоҳ медорад. Аммо, агар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои Русияро бо Хитой муқоиса кунем, Русия дар мақоми поёнтар қарор дорад (Ионова, 2019). Маблағи ҷамъшудаи сармоягузориҳои Русия то соли 2023 тақрибан 1,67 миллиард доллари ИМАро ташкил додааст, ки аз он 925 миллион доллар сармоягузории мустақим мебошад» [70].

«Дар айни замон, дар бахшҳои калидии рушди иқтисодии ҷумҳурӣ, аз қабили кишоварзӣ, саноати вазнин, истеҳсоли автомобил ва саноати маъдан, ҳеҷ гуна ширкатҳои калони муштараки байни Тоҷикистон ва Русия амалан фаъол нестанд»[48].

«Аввалан, кам шудани шумораи иҷозатномаҳо барои корҳои тадқиқотӣ ва геологӣ ба ширкати русии «Газпром», ки аз соли 2008 дар

Тоҷикистон ба фаъолиятҳои ҷустуҷӯиву геологӣ машғул буд, таъсир гузошт»[126].

Дар давраи номбурда фаъолияти маблағгузории Русия дар Тоҷикистон коста гардид ва сабаби асосии он печдарпеч гардидани шароити савдо ва тез-тез тағйир ворид намудани дигаргуниҳо ба Кодекси андози кишвар мебошад. Ҳамзамон, фасод ва пардохтҳои ғайрирасмӣ, ки барои корхонаҳо заруранд, сармоягузоронро аз бозор дур мекунад. Дар натиҷа, теъдоди муайяни ширкатҳои русӣ бозори Тоҷикистонро тарк намуданд. Монеаи дигаре барои равобити иқтисодии хориҷӣ назорати сахти асъор ва маҳдудиятҳои маъмурии пардохтҳои валюта мебошад. Олимон ва мутахассисини тоҷик доимо ба он ақида ҳастанд, ки Тоҷикистон ба Русия пеш аз ҳама лоиҳаҳои ҷолиби сармоягузорӣ ва баъдан кафолатҳои бовариноки бозгашти чунин маблағҳоро пешниҳод намояд, ки онҳо бояд як сатҳи муайяни фоидаро барои сармоягузорон таъмин намуда тавонанд. Бо мақсади хеле афзун гардонидани содироти молҳо ва хизматрасониҳо ва ин бобат ба даст овардани дастгириҳо аз тарафи Русия соли 2017-ум намояндагии Маркази содиротии Русия дар Душанбе ташкил карда шуд. Ин маънои онро дошт, ки Тоҷикистон аз тарафи Русия ҳамчун воридкунандаи молҳои истеҳсоли миллӣ эътироф гардид. То ҳол беш аз 20 лоиҳаи муштарак, ки арзишашон аз 33 млн. долл. зиёд аст, мувофиқа гардидаанд.

Дар соли 2023 ҳаҷми сармоягузории Русия бо Тоҷикистон афзуд ва аллакай 876,1 миллион долларро ташкил дод, ки ин мақоми аввал буд. Аммо сармоягузорони чинӣ аз ҳаҷми умумии 450,9 миллион доллар дар байни хориҷиён дубора ба ҷойи дуюм баромаданд. Сармоягузории хориҷӣ ва иқтисодии Тоҷикистон 2783,9 миллион долларро ташкил дод. Дар маҷмуъ, ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷӣ тамоюли афзоиш дорад. Миёни сармоягузорони асосӣ дар ҷойи аввал Руссия ва Хитой дар ҷойи дуюм меистад. Коршиносони тоҷик бар ин назаранд, ки Русияро метавон ба ҳамкории наздиктар дар соҳаи энергетикаи атомӣ барои истихроҷ ва коркарди урани тоҷикӣ ҷалб кард.

Умуман, мувофиқи маълумоти оморӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ бо суръати баланд афзуда истодаанд. Чунин динамикаи сармоягузорӣ натиҷаи фаъолияти сектори хусусӣ ва давлатии иқтисоди ҷумҳурӣ оид ба ҷалб намудани намудҳои гуногуни сармоя ба Тоҷикистон мебошад. Яке аз хусусиятҳои сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон он аст, ки дар қатори сармоягузории мустақим сармоягузориҳои ғайримустақим низ торафт мавқеи муҳимро касб менамоянд. Инро аз ҷадвали 1.2.3. дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 1.2.3. - Динамикаи воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009-2023, млн, долл. ИМА**

| Солҳо | Сармоягузориҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Мустақим | Ғайримустақим | Дигар | Ҳамагӣ |
| 2009 | 89,4 | 0 | 293,8 | 383,2 |
| 2010 | 230,9 | 0 | 228,2 | 459,1 |
| 2011 | 161,4 | 0,05 | 164 | 325,45 |
| 2012 | 391,3 | 0,1 | 355 | 746,4 |
| 2013 | 341,1 | 0,2 | 670,6 | 1011,9 |
| 2014 | 377,4 | 1,4 | 530,4 | 909,2 |
| 2015 | 470,9 | 0,04 | 06,9 | 977,84 |
| 2016 | 234 | 0,1 | 408,4 | 842,7 |
| 2017 | 354,5 | 500 | 245,9 | 1100,4 |
| 2018 | 326,8 | 1,3 | 317,7 | 645,8 |
| 2019 | 346 | 73 | --- | 419 |
| 2020 | 162,5 | | | 607,1 |
| 2021 | 378,9 | 502,6 | 2310,7 | 3192,2 |
| 2022 | 618,4 | 0,2 | 1958,2 | 2576,8 |
| 2023 | 284,1 | 0,1 | 2499,8 | 2783,9 |

***Манбаъ:*** Analytical data on FDI inflow to the Republic of Tajikistan in 2018. (In Russ.) Retrieved August 12, 2019, from http://investcom.tj/ru/invest/investicionnaja-dejatelnost/107-statistikainostrannyh-investicij.html, Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2024, саҳ. 247

Дар давраи зикргардида сармоягузории мустақим беш аз 3,3 маротиба ва сармоягузориҳои дигар ва ғайримустақим бошад, қариб 9 маротиба афзудаанд. Бо вуҷуди ин ба назар мерасад, ки байни ин солҳо рушди сармоягузориҳои хориҷӣ хусусияти устувор надошт ва калавишҳои зиёде ба чашм мерасиданд. Солҳои 2014, 2016, 2018, 2019 ва 2020 ҳаҷми маблағгузориҳои хориҷӣ хеле паст фаромада, аз нав баланду паст мегардид.

Чунин хусусияти сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили манфии рушди устувори иқтисоди Тоҷикистон баромад намуда, боиси пурра истифода нагардидани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар баъзе солҳо мегардад.

Барои он ки ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бештар гардад, иқтисодшиносони тоҷик таклиф менамоянд, ки муҳити сармоягузорӣ ба маротибҳо такмил дода шавад. Аз ин рӯ, онҳо ба пешравии бозори дуюмдараҷаи қоғазҳои қиматнок ва беҳбуди фаъолияти меҳнатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд (Хоҷаев, Нуруллоев, 2019). Солҳои 2019-2020 пандемияи COVID-19 ба муносибатҳои тиҷоратии Тоҷикистону Хитой таъсири манфӣ расонид. Кам шудани боркашониҳо дар байни ду давлат барои гарон шудани арзиши маводи ғизоӣ ва маҳсулоти асосии саноатӣ сабаб шуд. Дар айни замон, интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии бурунмарзӣ бо сабаби ба ватан баргаштани як қисми онҳо ва мушкилиҳои нави чораҳои карантинии Чин хеле кам шуданд.

Коршиносон ба ин ақида мебошанд, ки дар Бонки миллӣ захираҳои молиявии мавҷуда аз назари таъмини амнияти иқтисоди миллӣ замоне, ки буҳрони молиявӣ шадид мегардид, кофӣ нестанд. Чорабиниҳо оид ба сабук гардонидани гаронии андоз бо роҳи ба иқтисод ва аҳолӣ додани қарзҳои имтиёзнок, инчунин зиёд намудани муҳлати пардохти андозҳо, субсидия додан ба соҳаҳо ва минтақаҳои осебдида, таъмин намудани дастгирии ҳақиқии соҳибкории хурду миёна дар давраи пандемия барои рушди соҳибкории тоҷик мавқеи калон доштанд. Дар оянда, Тоҷикистон ва Хитой вазифадоранд равобити иқтисодии минтақавиро густариш дода, гардиши молро тавассути афзоиши ҳаҷми содирот мустаҳкам намоянд. Сухан дар бораи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти худмухтори Синзяну Уйғури ҶХХ меравад. Аз назари географӣ вилояти Синзяну Уйғур бо Тоҷикистон марзи дуру дарозе дорад. Решаҳои таърихии муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни тоҷикону уйғурҳо низ якчанд ҳазорсолаҳоро дарбар мегирад. Бояд зикр кард, ки ҳам Тоҷикистон ва ҳам вилояти Синзяну Уйғури Чин ба раванди саноатикунонӣ шуруъ

карданд ва ин бобат ҳамкории муштараки онҳо натиҷаҳои хеле хуб ба бор меоварад. Зимни гуфтушунидҳои расмӣ ҳайати вакилони вилояти номбаргардида тақозои Тоҷикистонро хеле хуб мефаҳманд ва чӣ тавре ки таҷрибаи гузашта нишон медиҳад, кӯшиш мекунанд, ки барои қонеъ гардонидани талаботи Тоҷикистон ба он сармоягузориеҳое, ки ба манфиатҳои Тоҷикистон бештар мувофиқ мебошанд, замина гузоранд.

## 1.3. Ҳамкориҳои иқтисодии байни кишварҳо дар шароити дигаргун шудани вазъи геоиқтисодӣ

Сабаби асосии пайдоиш ва рушди ҳамкориҳои иқтисодии ҷаҳонӣ фарқиятҳо дар кишварҳои алоҳида бо омилҳои истеҳсолот (захираҳои иқтисодӣ) мебошад, ки, аз як тараф, ба тақсимоти байналмилалии меҳнат ва аз тарафи дигар ба ҳаракати ин омилҳо байни кишварҳо оварда мерасонад. Ҳангоми омӯзиши назарияҳои тиҷорати байналмилалӣ ҳамчун шакли асосии ҳамкории байнидавлатӣ мо кӯшиш намудем бифаҳмем, ки самтҳои ҷараёни савдо бо чӣ муайян карда мешаванд? Аз таҳлилхо бармеояд, ки манфиатҳои субъектҳои муошировати ҷаҳонии иқтисодӣ ҷараёни байналмилалии молро пеш мебаранд. Аммо агар ин тавр бошад, пас, чаро ҷаҳонишавӣ бо қонеъ кардани манфиатҳои ҳар ду ҷониб ба поляризатсияи ҷомеаи ҷаҳонӣ оварда мерасонад?

Моҳияти содирот дар он аст, ки кишвар бо сабаби як қатор афзалиятҳо, мисли қувваи кории арзон ва хароҷоти камтар барои истихроҷи маъдан, дар муқоиса бо худ молҳои бештар истеҳсол мекунад ва миқдори зиёдатии онро ба бозорҳои хориҷӣ мефурӯшад. Аммо вақте ки муносибатҳои бозорӣ аз ҷониби субординаторҳо бартарӣ пайдо мекунанд ва ин омил ба «кашидани» маҷбурии захираҳо аз кишвар оварда мерасонанд, таваҷҷуҳи мутақобилан судманд аз байн меравад. Ҳатто агар мо вазъияти мубодилаи мутақобилан судмандро ҳамчун асос қабул кунем, пас, сохтор дигар мешавад. Масалан, дар охири солҳои 1960 сохтори ҷаҳонии тақсимоти

меҳнат шакл гирифт, ки кишварҳоро ба се навъ истеҳсолкунанда ҷудо намуд: онҳое, ки маҳсулоти технологияи пешрафта истеҳсол мекунанд, онҳое, ки маҳсулоти саноати истихроҷ ва коркардро таъмин мекунанд ва онҳое, ки ашёи хомро пешниҳод мекунанд. Манфиати кишварҳои рӯ ба инкишоф он қадар қонеъ карда мешавад, ки содироти ашёи хом ба буҷети миллӣ ворид гардидани даромади иловагиро таъмин карда метавонад, аммо чунин қонеъгардонии манфиатҳо шакли пурра надоранд.

Манфиати кишварҳои пешрафта низ қонеъ карда мешавад, зеро равандҳои такрористеҳсолкунӣ бо захираҳои зарурӣ таъмин гарданд. Ба назар чунин мерасад, ки ҳама чиз мантиқӣ аст, аммо ин манфиатҳо дар сатҳҳои гуногуни (параллелии) пирамидаи технологӣ ҷойгиранд: дар кишварҳои пешрафта дар сатҳи модели сармоягузорӣ ва такрористеҳсолкунӣ, дар кишварҳои рӯ ба инкишоф дар сатҳи савдои ибтидоӣ. Ба унвони мисол, истифодаи захираҳои табиии ШФМ, ки тавассути интиқол ё савдои содиротию воридотӣ бо нархҳои пасттар аз кишварҳои дигар сурат мегирад, бояд ҳамчун шакли «муҳаррики» ғайримутаносиб ва ноодилонаи истифодаи онҳо аз ҷониби кишварҳои канории «ҷаҳон-низом» (мафҳуми Э.Валлерстайн) баррасӣ шавад. Ин таҷриба дар воқеъ ҳамчун «таъминоти» механизми такрористеҳсолии ҷаҳонӣ мебошад, ки берун аз доираи ҳудуди миллӣ идора мешавад ва дар натиҷа ин кишварҳо аз таъсири стратегӣ бархӯрдор намегарданд. Дар сатҳҳои гуногун манфиатҳои аъзои он ба ҳар як иттиҳодияи ҳамгироӣ – Иттиҳоди Аврупо ва СҲШ, хос аст. Аз ин рӯ, ҳалли мушкилоти ҳамкории мутақобилан судманд (инро танҳо дар асоси тавозуни манфиатҳои тарафҳо анҷом додан мумкин аст) ба таври анъанавӣ кор нахоҳад кард. Тақлиди “пирамидаҳои технологӣ” низ, ки бештар ба кишварҳои мутараққӣ мавқеи худро мустаҳкам намудаанд, дар шароити давлатҳои рӯ ба тараққӣ натиҷаи дилхоҳ нахоҳад дод.

Аз ин ҷо хулосае бармеояд, ки дар иқтисоди ҷаҳонӣ бояд як навъи дигари тақсимот ҷустуҷӯ карда шавад. Ҳамон тавре ки дар математика

фазоҳое мавҷуданд, ки параллелҳо бо ҳам мепайванданд (сатҳи Риман), дар иқтисодиёт низ фазое мавҷуд аст, ки дар асоси принсипҳои нав ҳамкории иқтисодии ҷаҳонро (аз ҷумла субъектҳое, ки дар ошёнаҳои гуногуни пирамидаи технологӣ ҷойгиранд) ҳамоҳанг кардан мумкин аст. Номи он фазои ҷаҳонии геоиқтисодӣ аст. Дар чунин фазо илова ба тақсимоти байналмилалии меҳнат тақсимоти нави меҳнат пайдо мешавад. Ин тақсимоти байни занҷирҳои такрористеҳсоли байналмилалӣ (минбаъд низомҳои САИ) мебошад, ки дар доираи онҳо номгӯи нави мол сохта мешавад ва онҳо ҳамчун анклавҳо, консорсиумҳо, агломератҳои истеҳсолӣ-тиҷоратӣ ва корпорасияҳо институтсионалӣ тартиб дода шудаанд. Аз ин рӯ, тақсимоти меҳнат миёни онҳо ҳамчун байнианклавӣ ё байнишиtoday ифода карда мешавад. Ин истилоҳ вақтҳои охир дар адабиёт хеле маъмул аст ва ҳамчун «тахассуси субъектҳои хоҷагидор, ки дар асоси трансмиллӣ ҳамчун ядроҳои такрористеҳсоли байналмилалӣ ташаккул ёфтаанд» ифода мегардад.

Геоиқтисодиёт як усули нав дар фаҳмиши равандҳои ҷаҳонӣ ва таъсис додани фазои геоиқтисодии байналмилалӣ аст, ки онро метавон бо як низоми сохторӣ тавсиф намуд ва ҷузъҳои он чунинанд:

а) ҷойгиршавии мавқеи афзалиятнок дар он инъикос мегардад, ки алоқаҳои иқтисодии хориҷӣ мувофиқи моделҳои исботгардидаи сармоягузорӣ ва такрористеҳсолӣ таҳия мегарданд, ки ин талаботи сифатан нави фазои геоиқтисодӣ мебошад;

б) дар шароити нав сарҳадҳои маъмурии минтақавию миллӣ мавқеи худро гум мекунанд ва ба ҷойи онҳо занҷирҳои истеҳсолии байналхалқӣ роҳандозӣ мегарданд, ки ин талаботи фазои нави геоиқтисодӣ буда, дорои методологияи махсус низ мебошад.

Ҳар қадаре мо дар бораи тарҳи нави ҷаҳон ҳарф занем, манбаи ҳама гуна истеҳсолот захираҳо мебошанд. Аз ин рӯ, барои сохтани модел ва механизми ҳамкории геоиқтисодӣ дар доираи СҲШ ба ҷанбаи захиравии масъалаи баррасишаванда, яъне байналмилалигардонии захираҳо диққати махсус додан лозим аст. Консепсияи муаллифӣ дар бораи

байналмилалгардонии захираҳо асосан ба муттаҳидсозии захираҳое нигаронида шудааст, ки дар хориҷ аз кишварҳои аслӣ қарор доранд ва дар асоси созишномаҳои тарафайн барои ҳаллу фасли мушкилоти миллии онҳо истифода мешаванд. Ин муттаҳидшавӣ, ки ҳамчун ҳамгироии геоиқтисодӣ маъруф аст, бо муқаррароти методологӣ таҳким ёфта ба ҳамаи навъҳои захираҳо дахл доранд ва хусусиятҳои онҳоро тавассути пайвандҳои сармоягузорӣ ва равандҳои такрористеҳсолӣ муайян мекунанд.

1. Дар замони муосир иқтисодиёт ба истеҳсоли намудҳои наву гуногуни маҳсулот, аз ҷумла молҳое, ки ҳамчун объект ё барнома дар лоиҳаҳои тиҷорати ҷаҳонӣ сохта мешаванд, гузашт кардааст. Тавлиди ин молҳо фақат дар занҷирҳои тавлиди дарозмуддат имконпазир аст, ки захираҳои гуногуни ҷаҳонӣ дар онҳо истифода мешаванд. Ин бо шаклҳои кӯтоҳи занҷири истеҳсол, ки дар доираи иқтисоди миллӣ амал мекунанд ва аз тақсимоти байналмилалии меҳнат таъсир мегиранд, фарқ мекунад.

2. Муттаҳидсозии захираҳо дар муҳити занҷирҳои такрористеҳсоли байналмилалӣ заминаи беҳтар намудани рақобатпазирӣ ба шумор меравад.

3. Рушди инноватсионӣ асосан аз сатҳи табдили захираҳо ва дараҷаи пайвастшавии онҳо дар занҷири сармоягузорӣ ва истеҳсолӣ, ки ҳамчун «занҷири СТ» маъруф аст, вобаста аст. Захираҳо бояд на танҳо бо навъҳояшон, балки бо асоси сатҳи технологӣ ва ҷойгиршавии онҳо дар ин ҳуҷраи технологӣ (аз сатҳи содда то метатехнологӣ) тасниф карда шаванд.

4. Ҷаҳонишавӣ имкон медиҳад, ки самти ашёи хом дар иқтисоди миллӣ ба шакли рақобатпазир ва ҳамгиро дар низоми технологияи ашёи хом табдил ёбад.

5. Маънои истилоҳи “интегратсияи захираҳо” дар системаи «integration into» ин аст, ки ширкатҳо ва субъектҳои комилҳуқуқи занҷири истеҳсол ба он ворид мешаванд. Принсипи асосии ҳамкории геоиқтисодии субъектҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, махсусан дар истифодаи захираҳо, принсипи ҳамкории муштарак - истеҳсол ва фурӯши якҷоя мебошад, ки ин худро дар зерпринсипҳои зерин нишон медиҳад:

– эътирофи арзиши тамоми захираҳои воридшуда ба занҷир;
– иштироки баробарҳуқуқ дар тақсими даромадҳои умумии ҷаҳонӣ.

Парадигмаи пешниҳодшудаи геоиқтисодии ҳамгироии захираҳо дар асоси муттаҳидсозии захираҳои миллӣ ва байналмилалӣ бо созишномаҳои тарафайн барои ҳалли масъалаҳои миллӣ равона шудааст ва барои ҳар як иштироккунанда имконияти дастёбӣ ба таъсири стратегиро фароҳам меорад. Хусусияти дигари геоиқтисодиёт, ки табиати иқтисодии ҳамгироии сармоягузорӣ ва такрористеҳсолкуниро шарҳ медиҳад, фаромарзӣ аст. Табиати ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ дар мавҷудияти ҷараёнҳои фаромарзӣ зоҳир мешавад. Фаҳмиши табиати глобалии ин ҷараёнҳо маънои пешгӯии траекторияи онҳо ва тайёр кардани «истеҳлокҳо» барои ҳамвор кардани унсурҳоро дорад. Ин марҳилаи аввали донистани ҷараёнҳои трансмарзӣ аст ва марҳилаи дуюм пайвастани низомҳои миллии худро ба ин ҷараёнҳои трансмарзӣ бо мақсади ба даст овардани таъсири стратегӣ (даромади ҷаҳонӣ) пешбинӣ мекунад.

Фаромарзӣ дар шароити модели геоиқтисодии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ мафҳуми мураккабест, ки моҳияти он табиати иқтисодии ҳамгироии сармоягузорӣ ва такрористеҳсолиро дар доираи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат шарҳ медиҳад:

– ҳамбастагӣ, ҳамбастагии диффузии модулҳо (ва дигар сохторҳо) дар марзи қисмҳои байналмилалигардондашуда, ки ба низомҳои гуногуни иқтисодӣ мансубанд, онҳоро ба сохторҳои ягонагии монолитии низоми САИ табдил медиҳанд;

– ҳамзамон, мансубияти такрористеҳсолкунӣ ба занҷирҳо ва маҳсулоти тайёри дар доираи он истеҳсолшуда ба кишварҳои гуногун;

– мансубияти як унсур ба кишварҳои гуногун вобаста ба мундариҷаи хусусиятҳои ба он хосбуда.

Ин равишро метавон ҳамчун асоси методологии муайян кардани пайванди (модули) ҳамкорӣ дар тамоми занҷири дарозшудаи такрористеҳсолӣ, ки тавозуни максималии манфиатҳои иштирокчиёни онро таъмин мекунад, ҳамчун дастгоҳи методологии мувофиқ барои қабули қарори стратегӣ дар қисми ҷамъоварии интегратсионӣ баррасӣ кард.

Моҳияти рақобат, агар онро аз нуқтаи назари фазои геоиқтисодӣ баррасӣ кунем, чунин аст:

Якум, бо назардошти он ки воҳиди аслии низоми иқтисоди ҷаҳонӣ равандҳои байналмилалӣ мебошанд ва дар доираи онҳо лоиҳаҳои тиҷорати ҷаҳонӣ амалӣ мешаванд, сохторҳои миллӣ талош меварзанд, ки ба ин равандҳо ворид шаванд.

Моҳияти рақобат аз он иборат аст, ки ба равандҳои МСО дар сатҳи ҳар як пайванд барои дастрасӣ ба даромади ҷаҳонӣ ворид карда шавад.

Дуюм, ҳангоми таҳияи модели низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мо ду сатҳро ҷудо мекунем: якум сатҳи беруна, яъне сатҳи лоиҳаҳои тиҷоратии шабакавии глобалӣ; дуюм, дохилӣ ё маҳаллӣ, яъне сатҳи ҳамгироии сохторҳои гуногун ба ташкилотҳои маҳаллӣ (равиши неокластерӣ). Ин сохторҳои маҳаллӣ ба сатҳи болоӣ ҳамгиро шудан мехоҳанд.

Азбаски решаи лоиҳаҳои тиҷорати ҷаҳонӣ дар равандҳои густардаи сармоягузорӣ ва такрористеҳсолкунии байналмилалӣ қарор дорад, рақобат маънои қобилияти субъектҳои маҳаллӣ бо шаклҳои мухталифи институтсионӣ барои муттаҳид шудан ба ин равандҳоро дорад. Ҳамзамон, ҳамкорӣ дар ҳамоҳангсозии захираҳои миллӣ барои амалӣ сохтани ин лоиҳаҳои тиҷорӣ ва иштироки мувофиқ дар тақсимоти даромади ҷаҳонӣ ифода меёбад.

Ҳамин тариқ, илова кардани назарияи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бо номгӯи нави он – тақсимоти корпоративии (байниҳамдигарии) меҳнат имкон медиҳад, ки масоили ҳамкории мутақобилан судманд ҳал карда шавад. Муҳимтарин унсурҳои ин масъалаҳоро метавон чунин номид:

а) ворид шудани сохторҳои гуногуни корхонаӣ ва институтсионалӣ бо шаклҳои мухталиф ба низоми МСО бо мақсади ҳамгироии мутақобилан манфиатдор;

б) истифодаи ҳадафмандона ва самараноки бартариҳои хусусии кишварҳои рушди камдошта (аз тариқи ин сохторҳо) бо эътирофи баробарҳуқуқи иштирокчиён дар раванд;

в) таъмини дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонии маҳсулоти ниҳоӣ ва иштироки фаъол дар тақсимоти даромади ҷаҳонӣ бо воридшавӣ ба низомҳои глобалии геоиқтисодӣ;

г) ҳамоҳанг сохтани манфиатҳои субъектҳои гуногуни ҳамкории иқтисодии ҷаҳонӣ дар муҳити ҳамгироӣ;

д) табдили тахассуси тавлиди ашёи хом бо назардошти бартарии он дар сохтори «ашёи хом - технологияи ҳамгироӣ, ба равандҳои такрористеҳсоли ҷаҳонӣ».

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ пайваст шудааст. Модели муносибатҳои иқтисодие, ки аз ин созмон бармеояд аз доктринае иборат мебошад, ки 3 ҷиҳат дорад – ҳамкории тиҷоратӣ, истеҳсоли инноватсионӣ ва сармоягузорӣ. Чунин моделро дар амалиёти ИИАО низ дидан мумкин аст. СҲШ дар ибтидои ташкил шуданаш ҳамчун созмоне амал мекард, ки бештар хусусияти сиёсӣ дошт. Баъдтар қадам ба қадам у хусусияти иқтисодӣ пайдо кардан гирифт, ки ин бобат мавқеи ҶХХ хеле калон аст. Чунин вазъият имконият медиҳад, ки байни ҳамаи давлатҳое, ки аъзо ё мушоҳидачии ин созмон ҳастанд сол аз сол ҳамкории тиҷоратӣ истеҳсолию инноватсионӣ ва сармоягузорӣ торафт бештар рушд кардан гирад. Худи созмон бояд бештар ба он зуҳуроте таваҷҷуҳ намояд, ки дар байни давлатҳои байни худ муносибати сиёсии муътадил надошта тиҷорат ва ҳамкории истеҳсоли бо суръати баланд рушд гирад ва он дар доираи дигаргуниҳои позитивии геоиқтисодӣ бошад. Чунин амалия дар доираи ИИАО бештар ба чашм мерасад, аммо нисбат ба Шурои ёрии байниҳамдигарии иқтисодӣ, ки замони сотсиализм амал мекард, дар ҳар ду созмони номбурда баъзе нуқсонҳо то ҳоло вуҷуд доранд. Яке аз ин нуқсонҳо набудани механизмҳои баробаркунии сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои аъзои чунин иттиҳодияҳо мебошад. Дар давраи сотсилизм як қатор механизмҳое амал мекарданд, ки онҳо барои баробаршавии сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои гуногуне, ки аъзои блоки иқтисодӣ буданд мусоидат менамуданд. Дар доираи чунин механизмҳо дар Булғория саноати дорусозӣ, косметика ва парфюмерия ҳамчун соҳаҳои тахассуси миллӣ ба кор даромаданд, дар

Муғулистон истеҳсоли гӯшт, шир, пашм ва ғайра торафт бештар барои тавлиди маводи ниҳоӣ роҳандозӣ мегардиданд. Хеле хуб мешуд агар дар доираи блокҳои сиёсию иқтисодӣ ва ё иқтисодии имрӯза чунин ташаббусҳо ҷомаи амал мепӯшиданд.

Дар айни замон дастрасӣ ба даромади ҷаҳонӣ ва нақши фаъол дар тақсимоти он, ки мушкили асосии кишварҳое мебошад, ки ба ядрои системаи ҷаҳонӣ шомил нашудаанд, тавассути модели сармоягузорӣ ва таҷдиди сохтори иқтисодӣ (геоиқтисодӣ) ҳалли худро меёбад. Дар сохтори содироти Тоҷикистон ашёи хом аҳаммияти калон дорад, ки ин ҳолат дар моделҳои тиҷоратии робитаҳои хориҷии иқтисодӣ як нуқс шумурда мешавад. Бо ин вуҷуд, дар шароити имрӯза нақши захираҳои нодир, энергетикӣ ва барқарорнашаванда босуръат афзоиш меёбад. Кишварҳое, ки имкониятҳои васеъ доранд, метавонанд мақомашонро аз «истеҳсолкунандаи ашёи хом» ва «мустамликаи иқтисодӣ» ба иштирокчии фаъоли раванди такрористеҳсоли байналмилалӣ табдил диҳанд. Вале барои таъмини бартарии рақобатӣ, захираҳо бояд ба равандҳои сармоягузорӣ ва такрористеҳсолкунии ҷаҳонӣ ҳамроҳ шаванд. Ҳамчун самтҳои афзалиятноки ҳамкории геоиқтисодии кишварҳои СҲШ мо чунин пешниҳодҳо дорем:

1. Рушди ширкатҳои фаромиллӣ дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва табдили онҳо ба сохторҳои байналмилалии коркарди молу маҳсулот ҳамчун сутуни асосии иқтисоди ин минтақа;

2. Иҷрои истеҳсоли маҳсулоти тайёр бо дараҷаи баланди коркарди саноатӣ дар кишварҳои СҲШ тавассути муттаҳидсозии захираҳо дар доираи занҷирҳои дарозмуддати ҳамкории тиҷоратӣ;

3. Эҷоди сохторҳои нав дар сатҳи маҳаллӣ, аз ҷумла низомҳои геоиқтисодӣ бо самтҳои гуногун, мисли энергетика ва инноватсия-саноат;

4. Танзими сохтори ташкилӣ ва фаъолияти муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ бо дарназардошти талаботи модели тиҷоратии ҳамкории иқтисодии глобалӣ, ки дар асоси муҳити ҷаҳонии сармоягузорӣ ва такрористеҳсолкунӣ, аз ҷумла таъсиси институтҳои нав бо вазифаҳои геоиқтисодӣ қарор гирифтааст;

5. Барпо намудани марказҳои иттилоотии муосир барои идоракунии иқтисоди ҷаҳонӣ дар доираи СҲШ, қабули қарорҳои стратегӣ, таҳия ва дастгирии ташаббусҳои байналмилалӣ, ҳамгироии дониш ва таҷриба дар сатҳи ҷаҳонӣ.

Бо ин роҳ, парадигмаи геоиқтисодии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ шароити ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷиро бо асоси баробарҳуқуқӣ ва иштироки ҳама ҷонибҳо дар тақсимоти адолатии даромадҳои ҷаҳонӣ фароҳам меорад.

## ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Аз гуфтаҳои боло чунин хулосагирӣ намудан мумкин аст:

1. Масоили геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ҳанӯз аз замони Шӯравӣ аз тарафи олимони соҳаи гуманитарӣ дар Тоҷикистон мавриди тадқиқот қарор гирифта буданд. Олимони тоҷик тавонистанд, ки мавқеи кишварро дар муносибатҳои байни давлатӣ аз назари манфиатҳои миллӣ асоснок намоянд ва инчунин онҳо эҳсос намуданд, ки олимони Ғарб зимни тадқиқоти маосили геоиқтисодӣ ва геосиёсӣ манфиатҳои давлатҳои пешқадами капиталистиро ҳимоя менамуданд. Вобаста ба ин, олимони Чин аз олимони Аврупо ва Амрико тафовут доранд ва асосан бар он ақидаанд, ки робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ дар асоси манфиатҳои тарафайн ташкил карда шаванд.

2. Зимни ташкили муносибатҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ Чин кушиш ба харҷ медиҳад, ки манфиатҳои худро бо манфиатҳои Тоҷикистон пайваст намояд. Бо вуҷуди ин, баъзе номутаносубиҳои ин масъала вуҷуд доранд. Чин кушиш менамояд, ки бештар ба азхуднамоии сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон сармоягузорӣ намояд, ки ин боиси ноустувориҳо дар дигаргуншавии таркиби соҳавӣ, технологӣ ва иҷтимоии истеҳсолоти моддии Тоҷикистон мегардад. Зарур аст, то дар солҳои наздик манфиатҳои Тоҷикистон ба манфиатҳои Чин ба таври оқилона бо ҳам пайваст гарданд.

3. Ҳоло зарурияти таҳияи модели миллии ҳамкории иқтисодӣ бо назардошти хусусиятҳои геоиқтисодӣ ва геосиёсӣ, азхуднамоии иқтидорҳои дохилӣ ва имкониятҳои глобалӣ аҳамияти рузафзун пайдо менамояд ва талаб менамояд, ки дар таркиби тадқиқотҳои илмӣ ин масоил ҳамчун самти афзалиятнок эътироф карда шавад.

4. Дар рушди алоқаҳои байниҳамдигарии Чин ва Тоҷикистон лоиҳаи “Як камарбанд як роҳ” соҳиби мавқеи бағоят калон мегарданд. Ин лоиҳа торафт бештар ба шакли уфуқии рушди консентратсияи истеҳсолот ва ҳамгироии иқтисодии Чину Тоҷикистон табдил меёбад. Амалигардонии ин лоиҳа имконият медиҳад, то комёбиҳои илмӣ, инноватсионӣ ва инфрасохтории Чин барои рушди иқтисоди Тоҷикистон пурсамартар истифода бурда шаванд.

5. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки занҷирҳои байналмиалии истеҳсолӣ, барои баланд бардоштани сатҳи коркарди маҳсулот ва ба даст овардани натиҷаҳои баланди ниҳоӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Бояд кушиш ба харҷ дод, то солҳои наздик миёни Тоҷикистону Чин чунин занҷираҳо амали воқеии худро пайдо намоянд. Барои Тоҷикистон ин маънои баланд бардоштани сатҳи коркарди ашёи хом ва боло рафтани вазни қиёсии маҳсулоти иловагиро дорад.

6. Тоҷикистон ҳамчун истеҳсолкунандаи ашёи хом манфиатдор аст, ки сатҳи рақобатпазирии истеҳсол ва содироти он ба маротиб баланд бардошта шавад. Вобаста ба ин ширкатҳои Чинӣ метавонанд ба Тоҷикистон ёрии амалӣ ва миқёсан васеъ расонанд. Чунин ёрӣ бештар ба коркарди пахта, коркарди пусти ҳайвонот, коркарди пашм, сабзавот ва мева дахл дорад. Бартарии ёрии техникии Чин нисбат ба маводи номбурда дар асоси технологияи оддикардашуда амалӣ мегардад, ки ин ба сатҳи имрузаи қувваи коргарии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

7. Тоҷикистон бояд робитаҳои тиҷоратию сармоягузориро бо Чин барои ҳаллу фасли масоили муҳими иҷтимоӣ аз қабили паст кардани сатҳи

камбизоатӣ, то ба сатҳи меъёрӣ фаровардани миқёси бекорӣ, тезонидани суръати рушди минтақаҳое, ки ба қафомонӣ роҳ медиҳанд, устувор намояд. Муносибатҳои иқтисодии миёни Чину Тоҷикистон бояд мавқеи Тоҷикистонро дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мушаххастар гардонад ва ин талаб менамояд, ки дар шароити нав, ки мазмуни сиёсиаш соҳибистиқлолӣ мебошад, зихираҳои бузурги истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва табиии Тоҷикистон аз назари рушди рушди устувор ва амалигардонидании самти иқтисоди сабз, самаранок ва ба тарзи устувор истифода гардад.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ КУНУНИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ

## 2.1. Таҳлили динамикаи гардиши мол ва сохтори содироту воридот байни Тоҷикистон ва Хитой

Дар шароити муосир ҷаҳонишавӣ яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи ҳаёти рӯзмарраи мардумро ташкил дода, он заминаи муҳимро дар ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ барои ҳар як кишвар гузоштааст. Аз ин хотир, ҳоло бе ташкили ҳамкориҳо байни кишварҳои ҷаҳон оид ба рушду тараққиёти кишварҳои алоҳида сухан рондан ғайриимкон аст, зеро айни замон танҳо дастгирӣ ва таҳкими муносибатҳои байни кишварҳо дар самти таъмини сулҳу субот, шукуфоӣ ва ҳалли мушкилиҳои миллию ҷаҳонӣ омили асосӣ мебошад. Дар ин асос Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ то инҷониб бо як қатор кишварҳои ҷаҳон ҳамкориҳои гуногуни судмандро ба роҳ мондааст. Ба сифати яке аз шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Халқии Хитой баромад намуда, тақвият ва рушди муносибатҳои дуҷонибаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ин кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Халқии Хитой яке аз аввалин давлатҳо ба шумор меравад, ки истиқлолияти Тоҷикистонро расман пазируфта, равобити дипломатӣ бо ин кишварро оғоз кардааст. Дар ин асос, мувофиқи нишондодҳои таърихӣ, муносибатҳои дипломатӣ миёни ин ду кишвари дӯсту ҳамсоя 4 январи соли 1992 барқарор шуданд. Бо мақсади мусоидат ба тақвияти муносибатҳои кишварҳои мазкур санаи 13-уми марти соли 1992 дар шаҳри Душанбе Сафоратхонаи Ҷумҳурии Халқии Хитой ва санаи 7-уми апрели соли 1997 дар шаҳри Пекин Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой барои расидан ба якчанд ҳадафҳои стратегӣ дар доираи татбиқи ташаббуси “Як камарбанд ва Як роҳ” ҳамкорӣ менамояд. Барои амалӣ гардонидани ташаббус дар байни Тоҷикистону Чин бештар аз 200 санадҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ мавриди имзо қарор гирифтанд, ки ҳоло онҳо асоси такмили алоқаҳои савдо ва иқтисодии ду давлатро ташкил додаанд.

Мувофиқ таҳлилҳои гузаронидашуда дар давраи аввали рушди алоқаҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни ҶХХ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мо ба монанди давлатҳои дигари пасошӯравӣ аз тарафи Чин ҳамчун бозори фурӯши маҳсулоти тайёр эътироф мегардид. Солҳои баъдина бошад, ин тамоюл тадриҷан тағйир ёфтан гирифт ва дар тамоми бахшҳои иқтисод ҶХХ Тоҷикистонро ҳамчун шарики боваринок мешинохт. Дар замони ҳозира рушди босуръати иқтисоди Тоҷикистон исбот менамояд, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисоду иҷтимоии кишвар ҶХХ нақши калон мебозад ва муносибатҳои тиҷоратию иқтисодие, ки байни ҶХХ ва ҶТ вуҷуд доранд, торафт вусъат пайдо мекунад. Аз чунин ҳамкориҳо на танҳо Тоҷикистон балки Хитой низ бурд мекунад. Сабаб дар он мебошад, ки қаламрави Тоҷикистон ҳамчун сарзамини транзитӣ барои ба бозорҳои Авруосиё расонидани молҳои хитоӣ хизмат менамояд.

Санаи 4-уми январи соли 2024 аз оғози ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой 32 сол сипарӣ гардид. Таҳқиқотҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ин муддат Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар тамоми самтҳо, аз ҷумла тиҷорат, молия, энергетика, маориф ва ғайраҳо ҳамкориҳои судмандро анҷом дода, ояндаи наздик имконияти тақвияти маблағгузорӣ дар самтҳои мазкур дар назар дошта шудааст.

Масалан, «дар соли 2023 мувофиқи маълумотҳои мақомоти гумруки Хитой гардиши савдои тиҷоратии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ба 1,5 млрд. доллари ИМА баробар гардида, он дар 9 моҳи аввали соли 2024 10 % афзоиш ёфта, 1,75 млрд. доллари ИМА-ро фаро гирифтааст»[36].

Аз соли 1993, ки оғози робитаи мустақими тиҷоратии Тоҷикистону Хитой маҳсуб мешавад, то инҷониб тамоюл ва сохтори муомилоти молӣ миёни ин ду кишвар тағйироти зиёдеро паси сар карда, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Бар асоси омори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Тоҷикистон, гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Хитой дар соли 2022 назар ба солҳои гузашта тағйир ёфта, афзоиш ёфтааст. Аз соли 2015 то 2023 ин нишондиҳанда 89,5% зиёд гардидааст (диаграммаи 2.1.1.).

**Диаграммаи 2.1.1. – Тамоюли гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой (бо млн. доллари ИМА)**




**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 – с. 316-326

Мувофиқи маълумотҳои диаграммаи 2.1.1. дар соли 2023 ҳаҷми гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой 1503,2 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода, аз он 20,9% ҳаҷми содирот ва 79,1%-и дигар аз ҳаҷми воридот иборат мебошад. Таҳлили таркибии сохтори содироту воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой нишон медиҳад, ки аз ҳаҷми умумии содироти кишвар дар соли 2023, 12,3%-ро ҳаҷми содирот ба Ҷумҳурии Халқии Хитой ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур солҳои қаблӣ зиёд буда, асосан, он аз ашёи хом

иборат аст, зеро мувофиқи маълумотҳои оморӣ, дар давраи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой, асосан, номгӯйи молу маҳсулотҳои гуногун, аз ҷумла металҳои қиматбаҳо, нахи пахта, алюминийи аввалия, меваҷот ва ғайраро содир намудааст, ки ҳиссаи зиёди онро (зиёда аз 80%) тиллои коркарднашуда ташкил медод.

Дар баробари ин, таҳқиқи бозори дохилии кишвар нишон медиҳад, ки вобаста ба воридоти маҳсулот Ҷумҳурии Халқии Хитой мақоми худро дар бозори дохилии кишвар хеле мустаҳкам намудааст, ки ба ҳолати мазкур асосан осон будани дастрасии маҳсулотҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба далели арзонии онҳо сабаб гардидааст. Аз ин рӯ, бо баррасии сохтори воридотии кишвар маълум гардид, ки сол то сол ҳиссаи воридоти Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон афзун гашта, (масалан, аз соли 2015 то соли 2023 55,7% афзуда, ба 1189,4 млн. доллари ИМА расидааст) таносуби он нисбат ба ҳаҷми воридоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди муайян зиёд гардидааст. (диаграммаи 2.1.2.).

**Диаграммаи 2.1.2.–Таносуби молҳои воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Халқии Хитой (бо ҳисоби %)**




**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз чой доштани тамоюли коҳишёбии ҳиссаи воридоти молҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой дар сохтори воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2015 то соли 2023 2,01% коҳиш ёфтааст), он аз рӯйи ин нишондиҳанда танҳо аз Русия қафо мондааст. Миёни солҳои 2022-2023 мувофиқи ин нишондиҳанда он аз Қазоқистон пеш гузашт. Сохтори таркибии воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби Ҷумҳурии Халқии Хитой дар соли 2023, асосан, аз дастгоҳҳои механикӣ, металҳои сиёҳ ва маҳсулоти аз онҳо сохташуда, мошинҳои баркӣ ва қисмҳои онҳо, маҳсулоти доруворӣ ва ғайраҳо иборат буд.

**Диаграммаи 2.1.3.– Тамоюли ҳиссаи содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой (бо ҳисоби %)**




**Манбаъ:**

Самти дигари ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамкориҳои молиявӣ ташкил медиҳанд. Ҳамкориҳои молиявии Тоҷикистону Хитойро метавон пуршиддат (интенсивӣ) номид, зеро ҳолати мазкур боиси рушди ҷорию минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодии дуҷониба гардидааст. Ҳоло кишварҳои мазкур ҳамкориҳои молиявиро дар ду бахш: бахши дуҷониба ва дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай амалӣ намуда истодаанд. Мавриди қайд аст, ки аввалин робитаҳои дуҷонибае, ки байни Тоҷикистону Хитой дар самти молияву қарз ба роҳ монда шуда буданд, аз

соли 2005 маншаъ мегирад. Аз давраи мазкур инҷониб сарони бонкҳои марказии ду кишвар самтҳои эҳтимолии ҳамкориҳои ин ниҳодҳоро дар бахши молияву қарз баррасӣ намуданд. Дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои дуҷониба, миёни бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои алоҳида якчанд санади қарзӣ ба имзо расидаанд. Аз ҷумла, метавон ёдовар шуд аз “Ёддошт оид ба ҳамкорӣ байни Комиссияи назорати бонкии Хитой ва Бонки миллии Тоҷикистон” (соли 2010), Созишномаи қарз байни БА ҶТ “Амонатбонк” ва Бонки рушди Хитой дар соли 2014, ҳамчунин созишномаи ҳамкорӣ байни ҶСК “Агроинвестбонк” ва Бонки кишоварзии Хитой дар ҳамон сол ва дигар санадҳои марбут мебошанд.

Гузашта аз ин, «соли 2013 баҳри тақвияти робитаҳои молиявии байни Тоҷикистону Хитой масъалаи ташкили филиалу намояндагиҳои ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳо) – и Хитоӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, дар натиҷа дар асоси он соли 2021 Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶСК “Бонки кишоварзии Хитой” иҷозати ифтитоҳи намояндагиашро дар шаҳри Душанбе дод» [33].

Ҳолати мазкур ҳамчун унсури муҳим оид ба ҷалби кумакпулиҳо ва сармоягузориҳо аз ташкилотҳои қарзию ширкатҳои ғайрибонкии чинӣ дар самти рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Яке аз чунин соҳаҳоро соҳаи маориф ташкил дода, дар ин самт кумаки молиявии ширкатҳои чинӣ дар Тоҷикистон назаррас ба чашм мерасад. Масалан, санаи 30-уми августи соли 2016 бо маблағгузории ширкати хитоии TBEA дар шаҳри Душанбе нахустин муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 2500 ҷойи нишаст сохта шуда мавриди истифода қарор гирифт. Дар баробари ин то соли 2018 ширкати мазкур дар кишвар боз дар сохтмони се муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии дигар саҳми босазое гузошт. Ҳамзамон, тибқи омори расмӣ, ҳоло зиёда аз 2200 донишҷӯи тоҷик дар беш аз 115 муассисаи таҳсилоти олии Чин таҳсил доранд. Ҳамчунин, баҳри мусоидат ба тақвияти сатҳи тахассуснокии мутахассисони ватанӣ аз ҷониби

намояндагони Ҷумҳурии Халқии Хитой семинару курсҳои омӯзишӣ ташкил гардида истодаанд, ки онҳо низ ҳамчун заминаи асосӣ дар ташаккули бахши маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамоянд.

Аз сабаби он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи истифодаи манбаҳои барқароршавандаи қувваи барқ дар ҷаҳон мавқеи шашумро дорад, бахши дигари муҳимми ҳамкории Ҷумҳурии Халқии Хитой бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши энергетикӣ (аз ҷумла бахши дастрасӣ ба қувваи барқ) ба шумор меравад.

Бар асоси хабарҳои АМИТ «Авесто»: «ширкати тиббии Чин — Tebian Electric Apparatus Stock Co., Ltd. (TBEA) дар бахши энергетикаи Тоҷикистон якчанд лоиҳаи хатҳои баландшиддати интиқоли нерӯи баркро татбиқ кардааст. Ин хатҳо, ки системаи барқии минтақаҳои марказӣ ва шимоли кишварро бо ҳам мепайванданд, аз ҷумла хатти «Ҷанубу Шимол» бо қувваи 500 кВ, «Лолазор – Хатлон» бо иқтидори 220 кВ ва «Хуҷанд – Айнӣ» бо иқтидори 220 кВ мебошанд. Таҳқиқотҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки барои татбиқи лоиҳаҳои мазкур Эксимбонки Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзҳои дарозмуддат дар ҳаҷми 377 млн. доллари ИМА бо меъёри 2%-и солона пешниҳод карда буд, ки чунин ҳолат муносибатҳои кишварҳоро дар ҷодаи дастрасӣ ба қувваи барқ боз ҳам беҳтар намудааст»[54].

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Халқии Хитой дар баробари додани қарзҳои дарозмуддат ва имтиёзнок ба Тоҷикистон пайваста кумакҳои башардӯстона мерасонад. Ин аст, ки «тайи даҳ соли охир Ҷумҳурии Халқии Хитой дар баробари Федератсияи Русия, ИМА, Ҷумҳурии Ҳиндустон ва кишварҳои дигар ҳаҷми кумакҳои башардӯстонаро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш додааст, ки қисми зиёди онро маҳсулоти ғизоӣ ташкил медиҳад. Масалан, соли 2020 Ҷумҳурии Халқии Хитой барои мубориза бо пандемияи COVID-19 ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 21 миллион доллари ИМА кумаки башардӯстона расонидааст, ки қисми зиёди онро доруҳои гуногун (ваксинаҳо) ташкил медоданд»[27].

Дар идомаи ҳамкории худ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Халқии Хитой ба сармоягузории як қатор лоиҳаҳои дигар, ба мисли лоиҳаҳои инфрасохторӣ бо мақсади таъмиру таҷдиди роҳҳо ва ғайраҳо машғул шудааст. Аз ин рӯ, барои муайян намудани самтҳои дигари сармоягузорӣ мо саҳми Ҷумҳурии Халқии Хитойро дар сохтори воридоти сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додем (ҷадвали 2.1.1.).

Мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 2.1.1. ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар соли 2023 аз рӯйи воридоти сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни кишварҳои шарик Ҷумҳурии Халқии Хитой мақоми дуюмро ишғол намудааст. Ҳиссаи сармоягузориҳои он дар давраи мазкур 16,1%-и ҳаҷми умумии сармоягузориҳои воридотиро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифтааст, ки аз он 31,8% сармоягузориҳои мустақим ва 68,2% сармоягузориҳои дигар мебошанд. Тавре маълум аст, сармоягузории мустақими Ҷумҳурии Халқии Хитой бештар ба бахшҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои сурб, руҳ ва калъагӣ, инчунин истихроҷи сангҳои табиии гаронбаҳо ва нимбаҳо (ғайр аз алмос), ҳамчунин маъданҳои металҳои гаронбаҳо равона шудааст. Соли 2023 аз рӯйи воридоти сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақоми сеюм Ҷумҳурии Италия (андозаи сармоягузориҳои он ба 253,7 млн доллари ИМА баробар гардидааст) ва дар мақоми чорум Ҷумҳурии Қазоқистон қарор гирифтаанд (андозаи сармоягузориҳои он дар давраи мазкур ба 211,5 млн доллари ИМА баробар гардидааст).

**Ҷадвали 2.1.1. - Ҳаҷми воридоти сармоягузориҳо дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар соли 2023**
**(бо ҳазор доллари ИМА)**

| | Ҳамагӣ: | аз ҷумла: | | |
|---|---|---|---|---|
| | | сармоягузориҳои мустақим | сармоягузориҳои ғайримустақим | сармоягузориҳои дигар |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| **Ҳаҷми умумии воридоти сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 2783975,2 | 284076,9 | 122,6 | 2499775,7 |
| **Ҷумҳурии халқии Хитой** | 450796,9 | 143507,0 | - | 307290,0 |
| **Ҷумҳурии Қазоқистон** | 911589,2 | 12081,6 | - | 199507,6 |
| **Италия** | 253723,6 | - | - | 253723,6 |
| **Федератсияи Русия** | 876667,0 | 41455,5 | - | 835211.5 |
| **Британияи Кабир** | 36280,0 | 9728,2 | - | 26557,6 |
| **ИМА** | 144646,8 | 6980,9 | - | 137665,9 |
| **Ҷумҳурии Люксембург** | 77407,3 | 2994,8 | - | 74412,5 |
| **Ҷумҳурии Узбекистон** | 6743,2 | 4,9 | - | 6738,3 |
| **Ҷумҳурии Сингапур** | 7917,3 | 7777,7 | - | 139,6 |
| **Ҷазираҳои Вирҷин** | 145724,7 | 6053,4 | - | 139671,3 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2024 – с. 247-248.

Таҳлилҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар соли 2023 аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои бо ташабуси кишварҳои шарик ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда (2783,9 млн. доллари ИМА) 11,2 % (312,7 млн. доллари ИМА)-и онро сармоягузориҳо ба бахши саноати истихроҷи маъдан ва конҳои рег, 2,3% (53,7 млн. доллари ИМА) сармоягузорӣ ба соҳаи саноати коркард, 2,6% (72,0 млн. доллари ИМА)-ро сармоягузорӣ ба бахши сохтмон ва ғайраҳо ташкил медиҳанд. Соҳаҳои мазкур аз рӯйи минтақаҳои кишвар нобаробар ҷойгир шуда, дар ин хусус вазъи воридоти сармоягузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи минтақаҳои кишвар низ гуногун мебошад (ҷадвали 2.1.2.).

**Ҷадвали 2.1.2. – Ҳаҷми сармоягузориҳо аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соли 2023 (бо ҳазор доллари ИМА)**

| | Ҳамагӣ: | аз ҷумла: | | |
|---|---|---|---|---|
| | | сармоягузори-ҳои мустақим | сармоягузориҳои ғайримустақим | сармоягузо-риҳои дигар |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| **Ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба ҶТ** | 2783975,2 | 284076,9 | 122.6 | 2499775,7 |
| **ВМКБ** | - | - | - | - |
| **Вилояти Суғд** | 586103,7 | 128285,7 | - | 4578677 |
| **Вилояти Хатлон** | 22626,7 | 16852,8 | 122,6 | 5651,8 |
| **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ)** | 6257,1 | - | - | 6257,1 |
| **ш. Душанбе** | 2168988,0 | 138988,9 | - | 2029999,1 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2024 – с. 249

Ҷадвали 2.1.2. нишон медиҳад, ки қисми зиёди сармоягузориҳои хориҷии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда ба шаҳри Душанбе рост омада, он ба 2168,9 млн. доллари ИМА (ё 77,9%-и ҳиссаи умумии воридоти сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва дар вилояти Суғд ҳаҷми он ба 586,1 млн. доллари ИМА (ё 21,0%-и ҳиссаи умумии воридоти сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон) рост меояд. Дар минтақаҳои дигари кишвар, аз қабили вилояти Хатлон, НТҶ ва ВМКБ ҳиссаи воридоти сармоягузорӣ нисбатан кам мебошад. Бо мақсади чалби сармояи хориҷӣ ба

минтақаҳои мазкур ҳамасола бо ташаббуси сарони давлатҳо чораҳои зарурӣ роҳандозӣ мегарданд.

Ба ҳайси яке аз чунин чораҳо «ташкили ҳамкориҳои байниминтақавии Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд. Дар ин самт барои рушди соҳаҳои афзалиятноки яке аз минтақаҳои дурдасти кишвар (аз ҷумла ВМКБ) санаи 16-уми августи соли 2023 миёни намояндагони Вилояти мухтори Синтзияну Уйғури Хитой ва намояндагони ВМКБ вохурӣ барпо гардид. Дар ин вохӯрӣ масъалаҳои зиёде баррасӣ гардида, дар он намояндагони Вилояти мухтори Синтзияну Уйғури Хитой аз самаранокии гардиши молҳо тавассути ағбаи Кулма изҳори сипос намуда, баҳри рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи иқтисодиёт, хоҷагии қишлоқ, сайёҳӣ ва ғайраҳо чораҳо андешиданд»[130].

Ғайр аз ин, барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба минтақаҳои номбаршуда дарояндаи наздик, зарур аст, ки лоиҳаҳои сармоягузории бо имтиёзҳо омода шаванд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар самтҳои гуногун, аз ҷумла самтҳои маориф, тандурустӣ, амният (мудофиа), саноат, кишоварзӣ, тиҷорат, энергетика ва ғайраҳо ҳамкориҳои судманди дуҷонибаро идома дода истодаанд. Бо мақсади рушди минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба зарурияти ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар самтҳои зерин ба миён меояд:

1. Ҳамкориҳо дар самти иқтисодиёти сабз;
2. Ҳамкориҳо дар самти рушди экология;
3. Ҳамкориҳо дар самти автомобилсозӣ;
4. Ҳамкориҳо дар самти техникаю технологияҳои навин;
5. Ҳамкориҳо дар самти тайёр намудани кадрҳои баландихтисос;
6. Ҳамкориҳо дар самти мубориза бар зидди терроризму экстремизм ва ғайра.

Навъҳои ҳамкориҳое, ки дар боло зикр гардиданд, аз назари имкониятҳои ҳар ду тараф воқеӣ мебошанд ва ба манфиатҳои дуҷониба мувофиқат мекунанд. Амалӣ гардонидани онҳо ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҳадафи чоруми Стратегияи миллии рушд то соли 2030 комилан роҳандозӣ гардад ва барои тезонидани раванди саноатикунонӣ дар сатҳи рушди инноватсионӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шавад.

## 2.2. Сармоягузории Хитой ба Тоҷикистон: миқёс ва самтҳои он

Айни замон ҷузъи марказии ҳамкориҳои Хитой ва Тоҷикистон ҷузъи иқтисодӣ мебошад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки гардиши мол байни ду кишвар бо суръати хеле баланд рушд мекунад ва ҳаҷми қарз ва сармоягузориҳои Чин дар иқтисоди Тоҷикистон, махсусан пас аз бартараф кардани монеаҳое, ки пештар вуҷуд доштанд, дар даҳ соли охир ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Дар аввали муносибатҳо фаъолияти густурда барои таҳкими робитаҳо анҷом шуд, ки ба ду омил асос дошт: аввалан, ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва дувум, баҳсҳои сарҳадӣ, ки то замони муайян шудани муносибатҳо байни ду давлат идома доштанд. Хушбахтона, ин ду омил ба зудӣ бартараф шуданд.

Дар солҳои охир муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой ба таври чашмрас рушд карда истодаанд. Аз оғози муносибатҳои дипломатӣ 18 сол гузашт ва дар ин муддат гардиши мол байни ду давлат ба таври назаррас афзоиш ёфт. Агар дар аввали соли 1992 ҳаҷми тиҷорати дуҷониба тақрибан 2,76 миллион доллар буд, пас то соли 1997 ба 20,23 миллион доллар расида, соли 2007 аз 524 миллион доллар гузашт ва дар соли 2023 ба 1,503,2 миллион доллар баробар гардид, ки қариб 2,9 маротиба афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2005 афзоиши назаррасе дар ҳаҷми муомилоти мол байни Тоҷикистон ва Чин ба назар расид, ки гардиши мол дар муқоиса бо соли

пешин беш аз 9 баробар зиёд шуд. Соли 2007 ин раванд боз як пораи рушд гирифт, ки натиҷааш тақрибан ду баробар афзоиши гардиши молии байни ду кишвар гардид. Дар солҳои баъдӣ ҳаҷми савдо дар миёнаи 10 то 20 дарсад дар сол афзудааст.

Аз соли 2005 гузаргоҳи марзии Кулма-Қарасӯ фаъол гардид, ки ҳудуди 60 фоизи интиқоли борҳо миёни ду ҷониб тавассути он мегузарад. Ҳамчунин, гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Чин аз 14,1 миллион доллар дар соли 2000 ба 1,4 миллиард доллар дар соли 2009 расид. Солҳои минбаъда болою поёнравии ҳаҷми миёнаи солонаи гардиши мол байни ду мамлакат ба чашм мерасид. Тамоюли мусоиди рушди устувори савдои тарафҳо баъди соли 2020 идома ёфт. Танҳо дар соли 2023 гардиши молии дуҷониба 24,2 фоиз афзуда, ба 1 миллиарду 503,2 миллион доллар расид.

Мавқеи Хитой дар сармоягузориҳои хориҷӣ ва хусуси сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Тоҷикистон сол аз сол афзуда истодааст. Дар ҷадвали 2.2.1. афзоиши сармоягузориҳои Хитой ба иқтисодиёти Тоҷикистон байни солҳои 2023 ва 2024 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.1. – Воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба Тоҷикистон**

| Давлатҳо | 2023 | | | | | 2024 | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Вазни қиёсӣ | Мустақим | Ҷомадонӣ | Дигар | Ҳамагӣ | Вазни қиёсӣ | Мустақим | Ҷомадонӣ | Дигар |
| **Қазоқистон** | 212096,3 | 7,5% | 12081,6 | - | 200014,7 | 204740,8 | 4.2% | 15660,2 | - | 189080,6 |
| **Русия** | 877179,3 | 30,9% | 41455,5 | - | 835723,9 | 1700520,7 | 34,7% | 28950,0 | - | 1671570,7 |
| **Ӯзбекистон** | 5802,5 | 0,2% | 9,8 | - | 5792,7 | 11927,8 | 0,2% | - | - | 11927,8 |
| **Британия Кабир** | 36333,8 | 1,3% | 9728,2 | - | 26605,6 | 81330,3 | 1,7% | 51120,7 | - | 30209,6 |
| **Ҷазираҳои Вирҷин** | 145724,3 | 5,1% | 6053,4 | - | 130671,3 | 279837,9 | 5,7% | - | - | 279837,9 |
| **Чин** | 412342,9 | 14,5% | 143507,0 | - | 268835,9 | 502693,5 | 10,2% | 150864,3 | - | 351829,2 |
| **Аморатҳои Араб** | 15150,9 | 0,5% | 689,5 | - | 14461,0 | 382603,2 | 7,8% | 65,0 | - | 382538,2 |
| **ИМА** | 147418,6 | 5,2% | 6980,9 | - | 140437,7 | 250843,7 | 5,2% | 118869,3 | 120,0 | 137854,1 |
| **Туркия** | 45472,5 | 1,6% | 29029,4 | - | 16443,1 | 26484,0 | 0,5% | 5834,4 | - | 20649,7 |
| **Швейтсария** | 26455,7 | 0,9% | 831,7 | - | 25624,0 | 29589,1 | 0,6% | 2038.4 | - | 27550,6 |
| **Ҷопон** | 22871,1 | 0,8% | 8325,5 | - | 14545,6 | 13345,0 | 0,3% | 5366,4 | 423,6 | 7555,0 |

**Манбаъ:** Омори солонаи фаъолияти иқтисодии хориҷии ҶТ. Душанбе, 2024. С. - 643

Бо кумаки Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой дар Тоҷикистон лоиҳаҳои муҳими соҳаҳои энергетика ва коммуникатсия бомуваффақият иҷро шуданд, ҳамзамон ҳамкорӣ дар бахшҳои истихроҷи маъдан ва кишоварзӣ низ густариш ёфт. Дар соли 2010 сохтмони хатти интиқоли барқи 220 кВ байни Хуҷанд ва Айнӣ шуруъ шуд, ҳамчунин сохтмони нақбҳои Чормағзак ва Шаҳристон бо комёбӣ анҷом ёфт. Тибқи нақшаи дутарафа марҳила ба марҳила татбиқи лоиҳаи умумидавлатии сохтмон ва таҷдиди шоҳроҳи Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Мурғоб – Қулма – сарҳади Ҷумҳурии Халқии Хитой идома дорад.

«Дар нишасти Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, ки 26 октябри соли 2005 дар Маскав баргузор шуд, дабири иҷроияи созмон Чжан Дегуан таъкид дошт, ки СҲШ диққати худро ба лоиҳаҳои муштараки соҳаи энергетика, аз ҷумла рушди бахшҳои нафту газ, истифодаи захираҳои карбогидрид ва об, ҳамчунин мубодилаи газ равона хоҳад кард. Ташаббуси таъсиси Клуби энергетикии СҲШ, ки истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон ва транзитори захираҳои энергетикиро ба ҳам мепайвандад, аз ҷониби роҳбарони кишварҳои аъзои созмон ҷонибдорӣ шуд. Дар ҷаласаи сарони ҳукуматҳо дар Душанбе қарорҳои мушаххас оид ба иҷроиш қабул шуданд. Соли 2007 Тоҷикистон фақат 0,3% нахи пахтаро ба Хитой содир кардааст. Нархи миёнаи нахи пахта соли 2000-ум дар муқоиса бо соли 2007-ум 1069 доллар афзуда, барои як тонна 2144,0 долларро ташкил дод. Ин нисбатан нархи баланд буд, баъдтар соли 2023 нархи 1 тоннаи он то ба 1848,6 долл. ИМА поён фаромад. Соли 2023 ҳаҷми нахи пахтаи Тоҷикистон, ки ба Хитой содир карда шудааст ба 22,2 ҳазор тонна расид, ки ба 11,2% ҳаҷми содиротии ин намуди маҳсулот баробар мебошад.

Дар доираи боздиди Сарвазири Шурои давлатии Чин Вен Ҷибао моҳи сентябри соли 2006 як изҳороти муштарак имзо гардид, ки дар он ҷонибҳо ба тавофуқ расиданд, ки ҳамкориҳоро дар татбиқи лоиҳаҳои калидӣ, аз ҷумла сохтмон ва таҷдиди Роҳи Душанбе-Чанок, хатҳои баландшиддати барқи «Ҷануб-Шимол» бо иқтидори 500 киловатт ва «Лолазор-Хатлон» бо

иқтидори 220 киловатт, ҳамчунин сохтмони нақб дар зери ағбаи Шаршар ва роҳҳои дастрасӣ ба он ва барқарорсозии хатти алоқа васеъ намоянд. Дар ҷараёни сафари меҳмони чинӣ маросими оғози сохтмони хатти интиқоли барқи «Ҷанубу Шимол» баргузор шуд, ки бо дарозии 350 километр ва иқтидори 500 МВт барои таъмини бефосилаи барқи минтақаи шимолии Тоҷикистон хизмат мекунад. Пас аз ба истифода додани неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда 1» ва «Сангтӯда 2», вилояти Суғд пурра бо барқ аз ҳисоби бозори дохилӣ таъмин шуд, ки пештар қисми зиёди барқаш аз Узбекистон ва Қирғизистон вобаста буд. Ғайр аз неругоҳи барқи 500 киловатт, Чин барои сохтмони хатти барқи «Лолазор-Хатлон» бо иқтидори 220 киловатт, ки дар муҳлати се сол ба кор андохта шуд, сармоягузорӣ кардааст. Ин ду лоиҳа барои Тоҷикистон аҳаммияти калони геополитикӣ ва геоиқтисодӣ доранд. Маблағгузории ин лоиҳаҳо аз ҷониби Бонки ЭКСИМБАНК-и Чин бо қарзи 300 миллион доллар бо фоизи солона 2,2% ва муҳлати пардохт 25 сол таъмин гардид. Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин лоиҳаҳо 40 миллион доллари амрикоиро ташкил дод.

Соҳаи дигари равобити Тоҷикистону Хитой сохтмони долонҳои байналхалқии нақлиётӣ мебошад. Яке аз нахустин лоиҳаҳои муҳими роҳсозӣ, ки татбиқаш оғоз ёфт, сохтмон ва таҷдиди масири муҳими стратегӣ аз шаҳри Душанбе тавассути Кӯлобу ағбаи Кулма то марзҳои Қайроқурум ва Тошқӯрғон мебошад. Ин хатти нақлиётӣ барои Тоҷикистон дари бевосита ба самти ҷануб ва бахрҳои гармро боз намудааст. Бо вуҷуди он ки истифодаи расмии ин роҳ тоза оғоз гардидааст, он аллакай нақши муассири худро дар рушди иқтисодӣ ва транзити минтақавӣ нишон додааст. Ҳамзамон, Хитой низ бо маблағгузорӣ ва иштирок дар сохтмони роҳе, ки аз Душанбе гузашта, тавассути Ҷиргатол то шаҳри Ош мерасад, саҳми фаъол дорад. Роҳи дигари муҳим – самти Душанбе ба Хуҷанд, ки акнун тавассути нақби Анзоб минтақаҳои ҷанубиро ба шимол пайваст мекунад, ба шоҳроҳи муосири босуръат табдил ёфта, марҳилаи навсозии он пурра анҷом ёфтааст. Бозсозӣ ва дигаргункунии роҳи Тоҷикистону Узбекистонро ширкати дигари чинӣ бо

номи «Чайна Роуд» ба анҷом расонид. Ин шоҳроҳи асосии байни ҳар ду ҷумҳурии Осиёи Миёна мебошад. Дарозии умумии ин роҳи муҳими автомобилгард тақрибан 368,2 километрро ташкил медиҳад. Дар тули он ду нақби калони нақлиётӣ мавҷуд аст, яке нақби "Шаҳристон", ки тӯлаш ба 5253 метр мерасад ва дорои нақби вентилятсионӣ ва дренажии ҷудогона бо дарозии 5286 метр мебошад; ва дигаре нақби "Майхура" бо масофаи 1047 метр. Инчунин дар ин масир се пули бузург сохта шудааст, ки дарозтаринашон 427 метрро дар бар мегирад ва маҷмуи тамоми қисмҳои кушодаи кофташуда ба 3440 метр мерасад. Аз соли 2008 то соли 2012, дар давоми чор сол, дар ин шоҳроҳ 35 пули нави хурд ва миёна бунёд гардида, ҳамчунин 22 пул аз нав барқарор карда шудаанд.

Ширкати China Road, ки яке аз ширкатҳои пуртаҷриба ва муваффақи Чин маҳсуб меёбад, дар рушди инфрасохтори Тоҷикистон саҳми арзанда дорад ва то ба имрӯз фаъолияти самарабахшро дар соҳаи сохтмон идома медиҳад. Ғайр аз ширкат дар сохтмони роҳи калидии байни Тоҷикистон ва Узбекистон, ин ширкати байналмилалӣ дар як қатор лоиҳаҳои сармоягузории муҳими кишвар, ки бо маблағгузории Бонки Осиёии Рушд, фонди ОПЕК ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешаванд, тавассути раванди тендер ғолиб омадааст. Аз ҷумла, дар марҳилаи дуюми сохтмони роҳҳои муҳими кишвар низ ширкат кардааст. Роҳи автомобилгард ба сӯйи Қирғизистон, озмуни 5-ум барои 2 марҳилаи сохтмони роҳи Тоҷикистон-Қирғизистон, шартномаи иловагӣ барои марҳилаи 2-юми сохтмони роҳи Тоҷикистон-Қирғизистон, таҷдиди хиёбони протоколии ш.Душанбе ва долони 3-юми асосии Тоҷикистон аз қабили чунин лоиҳаҳо буданд.

Ба андешаи таҳлилгарони соҳаи иқтисод, маблағгузорӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисоди миллии Тоҷикистон на танҳо рушди дохилиро таъмин мекунад, балки ба таҳкими робитаҳои дуҷониба бо кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай, хусусан бо Федератсияи Русия ва ҶХХ, низ мусоидат менамояд. Аз ҷумла, татбиқи лоиҳаҳои марбут ба таъминоти барқ,

ки ҳамчун бахше аз стратегияи миллии энергетикӣ ба шумор меравaнд, барои дастрасии васеъ ба нерӯи барқ дар саросари кишвар заминаи муҳим гузоштанд. Баробари ин, сохтмони роҳҳои автомобилгард ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ сабаб гашта, минтақаҳои гуногуни ҷумҳуриро ба маркази кишвар бо самаранокии бештар пайваст намуданд.

Гузашта аз ин, тавсеаи ҳамкориҳои бонкии дуҷониба ба сифати яке аз ҷузъҳои калидии равобити иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳамкорӣ заминаи мусоид барои таҳия ва амалӣ сохтани лоиҳаҳои шарикӣ фароҳам оварда, дар густариши низоми молиявии кишвар таъсири назаррас мегузорад. Ба наздикӣ дар байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Эксимбонки ҶХХ шартномаи ҳамкорӣ имзо карда шуд ва мувофиқи он Чин ба Тоҷикистон як қарзе ба маблағи 600 млн. долл. амрикоӣ қарзи имтиёзнок медиҳад. Мувофиқи шартҳои ин санад ҳамкорони хитоӣ вазифадор мешаванд, ки нисбат ба интихоб намудани муассисаҳои молиявие, ки чунин ҳамкорӣ хизмат мекунанд, дар самти ҳисоббаробаркуниҳо таъмини иттилооти иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва тиҷоратӣ, инчунин оид ба баланд бардоштани ихтисоси кадрҳои бонкӣ бонкҳои Тоҷикистонро дастгирӣ намояд.

Дар ин росто, лоиҳаҳои муштарак миёни Тоҷикистону Чин дар бахши энергетика, бахусус дар бунёди нерӯгоҳҳои обии барқӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ, аҳамияти хоса доранд. Аз ҷумла, масъалаи сохтмони як нерӯгоҳи обии барқӣ дар маҷрои дарёи Зарафшон ҳамчун тарҳи муҳими минтақавӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирад. Ҷониби Хитой уҳдадор шудааст, ки дар қаламрави Тоҷикистон чанд нерӯгоҳ бунёд кунад. Ҳарчанд ниятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ оид ба сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар қаламрави кишвар ҳамчун қадаме муҳим дар рушди ҳамкориҳои энергетикӣ арзёбӣ мешуданд, ин иқдомҳо бо вокунишҳои шадиди баъзе давлатҳои минтақа мувоҷеҳ гардиданд. Дар моҳи июни соли 2006 гурӯҳи мутахассисони соҳаи энергетика аз Чин барои омӯзиши имкониятҳои гидроэнергетикии дарёи Зарафшон вориди Тоҷикистон шуданд. Дар доираи

ин ҳамкорӣ, ҷониби тоҷик ба шарикони чинӣ тарҳҳои сохтмони 13 нерӯгоҳи барқи обӣ дар ин рӯдхона пешниҳод намудааст.

Дар баробари ширкати чинии эҳтимолии сармоягузор, намояндагони ширкатҳои дигар аз давлатҳои Русия, Қазоқистон ва Фаронса низ таваҷҷуҳи худро нисбат ба бунёди чунин иншоот дар Зарафшон изҳор доштаанд. Дар охири моҳи июли соли 2007, намояндагони ширкати муштараки русиву украинии “РосУкрЭнерго” низ аз водии мазкур боздид намуда, ба онҳо тарҳҳои марбут ба сохтмони се нерӯгоҳи барқи обӣ – Оббурдон, Фон-Яғноб ва Ёвон  пешниҳод гардиданд. Аз миёни онҳо тарҳи нерӯгоҳи барқи обии Фон-Яғноб ҳамчун калонтарин лоиҳа баромад мекунад, ки иқтидори тахминии он 300 мегаваттро ташкил медиҳад ва метавонад солона то 1,8 миллиард киловатт-соат барқ истеҳсол намояд.

Бо вуҷуди ин, дар фурсати кӯтоҳ, мавқеи ҷониби Чин тағйир ёфта, раванди татбиқи ин тарҳҳо ба таъхир андохта шуд. Гарчанде сабабҳои расмӣ гуногун арзёбӣ мешуданд, дар расонаҳои дохилии Тоҷикистон баҳсҳои шадид бархостанд. Бештари таҳлилгарон бар он назар буданд, ки боздоштани корҳои сохтмонӣ ба мавқеи манфии кишвари ҳамсоя – Узбекистон  иртибот доштааст. Ин кишвар дар мавқеи мухолифати шадид нисбат ба бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар қаламрави Тоҷикистон қарор дошт, новобаста аз он ки иншоот дар дарёи Зарафшон, Панҷ ё дигар рӯдхонаҳо пешбинӣ мешуданд.

Гарчанде ки ҳамкориҳои иқтисодии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ пайваста дар ҳоли рушд қарор доранд, ин равобит аз як қатор мушкилоти сохторӣ ва амалӣ холӣ набуданд. Сабабҳои ин ҳолат ба омилҳои гуногун марбут мебошанд. Аввалан, фарқи бузурги иқтидори иқтисодӣ миёни ин ду кишвар яке аз монеаҳои асосӣ ба шумор меравад. Аз дидгоҳи соҳибкорони чинӣ, аксарияти корхонаҳои саноатии Тоҷикистон аз нигоҳи сатҳи технология ва таҷҳизоти истеҳсолӣ дар сатҳи паст қарор доранд, ки барои татбиқи равандҳои тавлидоти муосир мувофиқат намекунанд. Аз ин

рӯ, онҳо шубҳа доранд, ки сармоягузориҳо метавонанд хароҷоти худро баргардонанд.

Яке аз дигар монеаҳои муҳиме, ки ҷараёни афзоиши равобити иқтисодӣ ва тиҷоратии ду кишварро кунд месозад, набудани инфрасохтори муосири нақлиётӣ, махсусан роҳи оҳан мебошад. Мушкили ҷуғрофии минтақа ва релефи душвор дар минтақаи марзӣ имкон намедиҳад, ки робитаи мустақими роҳи оҳан миёни Тоҷикистон ва Чин ба роҳ монда шавад. Ин навъи нақлиёт, ки барои интиқоли бор дар ҳаҷмҳои бузург хеле муҳим мебошад, на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои кулли кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти бузург дорад ва маҳдудиятҳои мавҷударо таҷриба мекунад. Дар замони шуравӣ тамоми шоҳроҳҳои нақлиётӣ ҷумҳуриҳоро бо марказ – Маскав мепайвастанд. Ҳоло, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ниёз доранд, иртиботи нақлиётӣ хеле муҳим мебошад. Барои ҳалли ин мушкилот давлатҳои минтақа тадбирҳои муайян меандешанд. Мисоли он роҳи фаъоли Кулма ба Қароқурум аст, ки на танҳо Тоҷикистону Хитойро мепайвандад, балки ба Тоҷикистон дастрасии мустақим ба баҳрҳои ҷанубиро низ фароҳам меорад. Бояд гуфт, ки Тоҷикистону Хитой аз имконоти ин роҳ пурра истифода намебаранд. Бисёре аз муаммоҳое, ки ин бобат вуҷуд доштанд, дар рафти сафари давлатии Раиси ҶХХ ҷаноби Си Тезин Пин 4-6 июли соли 2024 ҳаллу фасли худро пайдо намуданд.

Тоҷикистон нақши Чинро дар рушди ҳамкориҳои судманд ва амалгароёнаи дуҷониба оид ба рушди як қатор соҳаҳое, ки барои ояндаи Тоҷикистон муҳим мебошанд, аз қабили гидроэнергетика, кишоварзӣ, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, рушди инфрасохтор, ба вуҷуд овардани иқлими мусоид бо мақсади ҷалби сармояи мустақим ба таври хеле мусбат арзёбӣ менамояд.

Дар байни солҳои 1993-2024 беш аз 250 ҳуҷҷатҳои расмӣ оид ба ҳамкориҳои муштарак ба имзо расидаанд. Дар байни онҳо як созишномаи ҳамкорӣ байни Вазорати энергетика ва саноати Тоҷикистон ва ширкати азими хитоии “TBEA” имзо карда шуд. Мувофиқи ин шартнома дар водии дарёи Хингоб як нерӯгоҳи барқи обӣ сохта мешавад, ки иқтидори он ба 300

мегаватт мерасад ва барои сохта ва кор андохтани он Чин 560 млн. долл. равона менамояд. Дар айни замон, ҳамин ширкати хитоӣ дар шаҳри Душанбе як нерӯгоҳи ҳароратиеро сохта ба истифода дод, ки иқтисодораш 200 мегаватт мебошад ва маблағи сохтмони он ба 400 млн. долл. мерасад. Илова бар ин, Академияи илмҳои Тоҷикистон бо Идораи илм ва технологияи ВАСУ-и Чин ҳамкориҳои илмиро тавсеа дода, созишномаи дахлдор ба имзо расониданд. Дар соҳаи саноат низ чандин созишнома амалӣ гардид: аз ҷумла, ширкатҳои "TACHIN" ва "Сан-Бао" барои сохтмони корхонаи истеҳсоли семент бо иқтидори як миллион тонна дар сол тавофуқ карданд.

Дар доираи ҳамкориҳои муштарак, Ёддошти тафоҳум оид ба таъсиси зеркумита дар назди комиссияи муштараки Тоҷикистону Чин оид ба ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ низ ба имзо расид. Илова бар ин, ширкатҳои "Барқи Тоҷик" ва "ТВЕА" дар мавриди идомаи сохтмони хатҳои интиқоли барқ, аз ҷумла «Лолазор – Хатлон» ва «Ҷануб – Шимол» – ба маблағи 61 миллион доллар созиш карданд, ба имзо расида буданд, ки аксари объектҳои боло зикр гардида ба кор даромаданд. Дар бахши нақлиёт, Чин барои бозсозии қисмати аввали шоҳроҳи муҳими Душанбе – Данғара, ки ба масири стратегӣ то Қулма ва Қашғар пайваст мешавад, 51 миллион доллар ҷудо намуд. Айни ҳол, корҳои сохтмонӣ дар ин роҳ ба марҳилаи ниҳоии анҷом расидаанд.

Ғайр аз бахшҳои энергетикӣ ва роҳсозӣ, Чин дар рушди саноати сабуки Тоҷикистон низ саҳми назаррас гузоштааст, бахусус дар соҳаҳои парвариши пахта ва истеҳсоли абрешим, ҳамчунин коркарди алюминий. Рӯзи 21 майи соли 2008, дар шаҳри Пекин, миёни ширкати "ТАЛКО" ва Корпоратсияи миллии мошинсозии Чин қарордоде ба имзо расид, ки бунёди корхонаҳои истеҳсоли фториди алюминий ва криолитро дар ноҳияи Ёвон пешбинӣ мекард. Дар натиҷа, дар давоми як сол ду корхона бо арзиши тахминии 30 миллион доллари ИМА бунёд гардиданд, ки имрӯз манбаи ашёи хоми дохилӣ барои истеҳсоли алюминийи аввалия мебошанд ва вобастагӣ ба воридотро коҳиш медиҳанд. Маълумоти муфассал дар бораи ҳаҷми

сармоягузориҳои Чин ба иқтисоди Тоҷикистон дар ҷадвали 2.2. .2.. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.2. - Маълумотнома оид ба воридоти сармояи хориҷӣ аз Хитой барои солҳои 2004-2022 (млн. доллари ИМА)**

| Солҳо | Аз он ҷумла: | | Ҷамъи сармоягузориҳои хориҷӣ | Сармояи мустақими хориҷӣ, ҳамагӣ | Ҳиссаи Чин дар сохтори СМХ |
|---|---|---|---|---|---|
| | Сармоягузории мутақими Чин | Дигар намуди сармоягузориҳо | | | |
| 2004 | 2 | - | - | 22,35 | 9% |
| 2005 | 2,5 | - | - | 54,5 | 5% |
| 2006 | 34,8 | - | - | 385,1 | 9% |
| 2007 | 6,4 | 104,2 | 110,6 | 388,4 | 2% |
| 2008 | 17,4 | 213 | 230,4 | 425,6 | 4% |
| 2009 | 3,3 | 55,9 | 59,2 | 89,3 | 4% |
| 2010 | 31,6 | 56,2 | 87,7 | 230,9 | 14% |
| 2011 | 9,4 | 57,2 | 66,6 | 161,4 | 6% |
| 2012 | 82,9 | 41,4 | 124,3 | 391,3 | 21% |
| 2013 | 166,1 | 46,6 | 212,7 | 341 | 49% |
| 2014 | 105,3 | 46,7 | 152 | 377 | 28% |
| 2015 | 272,6 | 133,3 | 405,9 | 470,8 | 58% |
| 2016 | 322,7 | 174,7 | 497,5 | 433,7 | 74% |
| 2017 | 235,5 | 67,6 | 303 | 354,5 | 66% |
| 2018 | 238,8 | 91,6 | 330,5 | 326,7 | 73% |
| 2019 | 262,3 | 20,8 | 283,1 | 345,9 | 76% |
| 2020 | 120,3 | 31,5 | 151,8 | 162,5 | 74% |
| 2021 | 211,3 | 25,6 | 236,9 | 342,2 | 62% |
| 2022 | 430 | 64,9 | 493,2 | 618,4 | 70% |
| **Ҷамъ** | **2514,2** | **1231,2** | **3745,4** | **5921,55** | **42%** |

**Манбаъ:** Аз рӯйи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ ҳисоб карда шудааст.

Ҳамин тавр, давоми 20 соли охир сармоягузориҳои мустақими Хитой 215 маротиба афзуданд ва ба 2,5 миллиард доллари ИМА баробар шуданд. Дигар навъҳои сармоягузориҳои Хитой низ дар ин давра тамоил ба афзоиш доранд. Умуман, баъд аз соли 2007 то соли 2023 ҷамъи сармоягузории хориҷӣ 37,4 маротиба зиёд шуд, аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ аз 22,35 ба 618,4 млн. долл. расид.

Ҳамин тавр, ҳиссаи Хитой дар сохтори сармоягузории мустақими хориҷӣ аз 9% ба 70% баромад. Чунин сатҳи сармоягузории Хитой ба манфиати Тоҷикистон нест ва бояд кӯшиш намуд, то ҳиссаи давлатҳо ва

ташкилотҳои байналхалқӣ дар сохтори сармоягузории мустақими хориҷӣ баланд бардошта шавад.

Шоистаи таъкид аст, ки ҶХХ дар радифи шарикони муҳими иқтисодии Тоҷикистон қарор гирифта, ҳаҷми умумии сармоягузориҳояш ба иқтисоди кишвари мо аз марзи 3,7 миллиард доллари ИМА гузаштааст.

Аз назари амнияти иқтисодӣ чунин вобастагӣ аз воридоти сармояҳои мустақими хориҷӣ аз Хитой чандон дуруст нест. Ҳукумати Тоҷикистон ин масъаларо хеле хуб дарк намудааст ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ба Тоҷикистон аз хориҷи кишвар, бештар аз минтақаҳои дигар (Аврупо, ИМА, Канада, Бразилия, давлатҳои Халиҷи Форс ва Шарқи Наздик, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ) сармоя ворид гардад. Инчунин, дар назар бояд дошт, ки зимни гирифтани қарзҳои давлатӣ низ мо бояд ба давлатҳое муроҷиат намоем, ки фоизи қарзиашон паст мебошад. Масалан, фоизи қарзи Фаронса ба Тоҷикистон 0,15 фоизи солонаро ташкил медиҳад. Қарзҳои Эксимбонки Хитой бошанд ба 2,2 – 2,6 % баробаранд. Қарзҳои мамлакатҳои Араб, ОПЕК ва Бонки байналмилалии исломӣ низ аз фоизи қарзҳои Эксимбонк камтар мебошанд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки миёни Тоҷикистону Хитой дар соҳаи тиҷорат ва иқтисод ҳанӯз имкониятҳои зиёде барои рушд ва тавсеа боқӣ мондаанд, ки истифодаи онҳо то ҳол пурра амалӣ нашудааст. Яке аз муаммоҳои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой аз он иборат мебошад, ки сатҳи иштироки сектори хусусии Хитой дар сармоягузориҳое, ки ин давлат дар Тоҷикистон дорад чандон зиёд нест. Беш аз 70% сармоягузориҳои Чин дар Тоҷикистон ба сектори давлатӣ тааллуқ доранд. Барои бештар ба Тоҷикистон ҷалб намудани сармоягузориҳои сектори хусусӣ хеле зарур аст, ки ин сектор дорои ҳавасмандиҳои гуногун ва амалӣ гардонидани манфиатҳояш бошад. Намояндагони сектори хусусии Чин дар бораи баъзе нуқсонҳое, ки пеши роҳи сармоягузориро мегиранд хеле хуб хабар доранд ва аз ин рӯ, барои ба Тоҷикистон омадан худдорӣ мекунанд. Ба ақидаи мо, ҳавасмандии беҳтарин барои намояндагони сектори хусусии

Чин оиди ба Тоҷикистон омадан комилан барқарор намудани боварии онҳо оиди истисноӣ фасод дар Тоҷикистон мебошад. Муҳим аст, ки дар шартномае байни ширкатҳои Тоҷикистон ва Чин ба имзо мерасанд, як нуктаи махсус оид ба фасод, яъне коррупсия, ҳифз намудани соҳибкорони чинӣ мебошад. Ба ақидаи мо, роҳи асосии ба Тоҷикистон ҷалб намудани сармоягузориҳои сектори хусусии Чин кафолати давлатӣ додан ба онҳо барои аз байн бардоштани таъсири манфии фасод мебошад. Дар ҳолати вуҷуд доштани он ҳавасмандиҳое, ки аз қарорҳои ҳукумат ва супоришҳои Президент бармеояд ҳаминро гуфтан зарур аст, ки ин қарордодҳо дар сурати набудани фасод фаъолияти хеле хуб хоҳанд дошт.

Дар ин самт баъзе пешравиҳо низ вуҷуд доранд. Масалан, дар қисмати ВМКБ, ки бо ҶХХ ҳаммарз мебошад, фасод комилан вуҷуд надорад. Дар навбати аввал кӯшиш бояд ба харҷ дод, ки сармоягузории сектори хусусии Чин ба ҳамин вилоят ҷалб карда шаванд. Ин ҷо сухан дар бораи рушди истихроҷи бойигариҳои зеризаминӣ (хусусан металҳо ва сангҳои қиматбаҳо, фулузоти нодир ва пароканда), инчунин сохтани корхонаҳо ва ба амал даровардани корхонаҳо доир ба истеҳсоли металҳои тоза, маҳсулоти ҳунармандии мардумӣ аз қабили армуғонҳои Бадахшон, истеҳсоли плитаҳои мармарӣ аз конҳое, ки дар ноҳияи Ванҷ ҷойгир шудаанд ва ғайра меравад. Дар ВМКБ бо мадади сектори хусусии Чин истеҳсоли як қатор намудҳои маводи озуқавориро ба роҳ мондан мумкин аст. Сухан дар бораи истеҳсоли ҳасибҳо аз гӯшти қутос, таф додани алафҳои табобатӣ дар асоси шартномаҳое ки бо фирмаҳои Чин баста мешаванд, истеҳсоли нӯшокиҳои спиртӣ аз меваҳои тут ва ғайра.

Ба назари мо, истифодаи таҷрибаи ҶХХ дар роҳандозии саноати коркард, таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ва минтақаҳои озоди савдо, рушди соҳибкории хурду миёна, ҳавасмандсозии соҳаи сайёҳӣ, афзоиши талаботи бозори дохилӣ ва дастгирии аҳолӣ метавонад барои кишвари мо муфид бошад.

Дар маҷмуъ, пешравии муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистону Хитой дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай хусусияти мусбат дорад ва ҳар ду ҷониб имкони густариши ҳамкориҳояшонро доранд. Бо вуҷуди ин, камбудиҳо ва мушкилоти муайяне низ вуҷуд доранд, ки набояд нодида гирифта шаванд. Бо вуҷуди ин мушкилот ва чолишҳо, дар асри нав робитаҳои Тоҷикистону Хитой бар асоси фаҳмиши ҳамдигарӣ ва иродаи қавӣ барои таҳкими ҳамкорӣ таҳрик гирифта, рушд мекунанд.

Тоҷикистону ҶХХ бояд дар оянда равобити дуҷонибаашонро дар сатҳи баландтар барқарор карда, онро боз ҳам тақвият бахшанд. Функсия ва имкониятҳои Созмони Ҳамкории Шанхай зарур аст, ки барои васеъ намудани ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун, бахусус иқтисод, пурра истифода шаванд. Ин муносибатҳои мустаҳкам ва зич барои ҳар ду ҷониб манфиатовар мебошад. Созмони Ҳамкории Шанхай барои пешрафти босамари робитаҳои Тоҷикистону Чин нақши муҳим хоҳад дошт. Аз миёни кишварҳои узви ин созмон, ҶХХ таҷрибаи бойе дар ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дорад, ки барои Тоҷикистони дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ қароргирифта хеле муҳим аст.

Қарори Ҳукумати Чин барои пешниҳоди қарзи имтиёзноки содиротӣ ба кишварҳои узви СҲШ дар ҳаҷми 900 миллиард доллари ИМА нишонаи дастгирии воқеии ин созмон ва манбаи такони тоза барои рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии минтақа мебошад. Ҳанӯз моҳи июни соли 2004 раиси Ҷумҳури мардуми Хитой Ҳу Ҷинтао дар нишасти сарони давлатҳои СҲШ дар Тошканд ҳамчун намояндаи Ҳукумати Хитой дар бораи додани қарзҳои имтиёзнок ба кишварҳои узви СҲШ дар ҳаҷми 900 миллиард доллари ИМА ботантана эълон карда буд.

Ҳукумати Хитой ба Ҳукумати Тоҷикистон доимо аз идомаи шартҳои имтиёзноки истифодаи қарзҳо хабар медиҳад. Маҳз ҳамин иқдомҳо буданд, ки ҳукумати Хитой барои вусъати ҳамкориҳои иқтисодии Хитой ва Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам овард ва барои ворид шудани корхонаҳои Хитой ба иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ роҳ кушод. Тавре

қаблан қайд гардид, соли 2006 дар шаҳри Шанхай, дар заминаи ҷашни солгарди Созмони Ҳамкории Шанхай ва дар ҷараёни гуфтугӯҳои дуҷониба як маҷмуи созишномаҳо ба имзо расид, ки яке аз онҳо марбут ба ҷудо намудани қарзи имтиёзнок аз ҷониби Ҳукумати ҶХХ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ин қарз барои амалӣ намудани лоиҳаҳои минтақавӣ, аз ҷумла сохтмони роҳи автомобилгарди Душанбе-Чанок байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон равона карда шуд. Маблағи пешпардохти лоиҳа барои таҷдиди пурраи шоҳроҳ, ки 295,9 миллион долларро ташкил медод (аз ҷумла 281,2 миллион доллар ҳамчун қарз), барои иҷро дар мӯҳлати ду сол пешбинӣ гардида буд. Ин лоиҳа таҷдиди тамоми масири Душанбе-Хуҷанд-Бӯстон-Чанокро дар бар мегирифт, ки сохтмони нақби Шаҳристон бо дарозии 5 километр, 37 пули хурду хурд ва беш аз 6300 метр иншооти муҳофизатӣ аз тармафароиро низ дар бар мегирифт.

Дар давоми се сол сохтмони хатти нави баландшиддати барқи «Шимол-Ҷануб» амалӣ гардид. Ин хатти 500 - киловолтаи барқ бо дарозии тақрибан 350 километр тақрибан 281,3 миллион доллари ИМА арзиш дошт, ки аз ин маблағ 267,2 миллион доллар ҳамчун қарз ҷудо шуда буд. Лоиҳаи мазкур яке аз муҳимтарин ва таъсиргузортарин тарҳҳои соҳа ба шумор мерафт. Иншооти мазкур баъди ба кор даромадани нерӯгоҳҳои барқи обии “Сангтӯда-1” ва “Сангтӯда-2” имкон дод, ки низоми барқи вилояти Суғд, ки қаблан маҳдуд буд, ба шабакаи барқи марказии ҷумҳурӣ пайваст гардад. Ин ҳолат боиси болоравии сифати таъмини нерӯйи барқ дар вилоят ва рушди соҳаи саноат гардид. Иқтидори солонаи ин хатти барқӣ ба 8 миллиард киловатт-соат баробар мебошад. Ҳамзамон, татбиқи Созишнома оид ба сохтмони хатти интиқоли барқи 220 киловолтаи «Лолазор-Хатлон» нақши муассир дар беҳбуди таъмини барқ ва рушди иқтисоди вилояти Хатлон дошт. Маблағи умумии ин лоиҳа 55,1 миллион доллари ИМА буда, қарзи имтиёзноки дарозмуддати Ҳукумати Чин дар ихтиёри Тоҷикистон қарор дошт.

Баъд аз музокироти муштарак бо намояндагони ширкатҳои чинӣ, байни Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи миллии таҷҳизоти барқии Чин (CNEEC) шартномаи ҳамкорӣ оид ба таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обӣ имзо шуд. Дар доираи ин шартнома корҳои барқарорсозӣ ва сохтмонӣ дар нерӯгоҳҳои Қайроқум, Варзоб (каскад), Перепадная ва инчунин нерӯгоҳи барқии Душанбе сурат гирифтааст. Баъди таҷдид ин объектҳо боз ба кор шуруъ намуданд ва мавқеашон дар системаи электроэнергетикии ҷумҳурӣ боз ҳам баландтар гардид.

Дар ҳамин давра маҳсулоти асосии воридотии кишварро чунин молҳо ташкил медоданд: сӯзишвории маъданӣ, маҳсулоти нафтӣ ва ҷузъҳои дистилятсионӣ, мебел, рахтҳои хоб, маҳсулоти сафолӣ, таҷҳизоти механикӣ бо қисмҳои марбут, лавозимоти аудио ва видеоӣ, нақлиёти заминӣ бо қисмҳои эҳтиётӣ, маводҳои полимерӣ ва пластмасса, инчунин маҳсулоти тайёри онҳо, ҳамчунин маҳсулоти хӯрокворӣ, аз қабили биринҷ, чой, шири хушк ва меваҳои хушк.

Маҳсулоти асосие, ки барои содирот ихтисос дода мешуданд, аз ҷумла алюминий ва намудҳои гуногуни он, пахта, ашёи хоми чарм, абрешим, пашм, меваҳои хушк, решаи ширинбия, металҳои сиёҳ ва маҳсулоти омодашуда аз онҳо, инчунин маҳсулоти мис ва мис мебошад. Рушди муносибатҳои тиҷорӣ ва иқтисодӣ миёни ду давлатро бе тавсеаи ҳамкориҳо дар бахши нақлиёт тасаввур кардан мумкин нест. Дар солҳои охир афзоиши назарраси гардиши мол миёни кишварҳои мо равшан аст, ки ин нишонаи васеъ гардидани муносибатҳои тиҷоратии судманд мебошад. Барои таҳкими ҳамкориҳои муассир аз ҳар ду тараф саъю талошҳои зиёд ба кор гирифта шуд, ки ҳоло бештар дар се соҳаи асосӣ ҷараён доранд:

а) сохтмони роҳҳо ва объектҳои роҳсозӣ;

б) таҳкими нақлиёти автомобилӣ;

в) рушди парвозҳои ҳавоӣ.

Дар ҳолати ҳозира, бо пуштибонии молиявӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва бо иштироки ширкатҳои чинӣ як силсила

лоиҳаҳои муҳими стратегӣ амалӣ шудаанд. Дар миёни онҳо метавон зикр кард:

- дар соли 2012 таҷдиди пурраи шоҳроҳи Душанбе-Чаноқ бо дарозии 335,8 км ба анҷом расида, нақби Шаҳристон дар ин самт мавриди истифода қарор гирифт;
- таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе то сарҳади Қирғизистон низ иҷро гардид;
- бо истифода аз қарзи имтиёзноки 32,8 миллион доллари ИМА, қарордод барои сохтмони нақби Озодӣ бо дарозии 2223 метр дар зери ағбаи Шар-Шар амалӣ шуд;
- марҳилаҳои якум ва дуюми таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Данғара, аз ҷумла бунёди нақб дар ағбаи Чормағзак, анҷом дода шуд;
- бозсозии шоҳроҳи Душанбе-Турсунзода то сарҳади Ӯзбекистон бомуваффақият поён ёфт.

Ҳамчунин, дар ояндаи наздик бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ, нақшаҳои бозсозии шоҳроҳи Душанбе-Қулма дар қисмати Қалъаи Хумб то Мурғоб бо дарозии 652 километр таҳия шудаанд. Ширкати China Road, ки дар бахши сохтмон ва таҷдиди роҳу пулҳо дар Тоҷикистон фаъолият мекунад, фаъолияти муассир нишон додааст. Ҳамкориҳо дар бахши нақлиёти автомобилӣ низ пешрафт доранд ва чандин созишномаҳои байниҳукуматӣ қабул шудаанд, ки аксарияташон бомуваффақият амалӣ мешаванд. Масалан, Созишномаи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ соли 2008 ба тасвиб расид ва барои татбиқи пурраи он Низомномаи махсус қабул шуд, ки дар он гузаргоҳҳои марзӣ ва хатсайрҳои интиқоли мол муайян гардидаанд. Тоҷикистон низ тарҳи ин Низомномаро пурра таҳия ва тавассути каналҳои дипломатӣ пешниҳод кардааст.

Имзои муқаррароти татбиқи созишнома, ки равобити дуҷонибаро дар бахши нақлиёти байналмилалии автомобилӣ танзим мекунад ва ҳамлу нақли тарафҳоро тавассути қаламрави Қирғизистон ташкил медиҳад, ба сабаби набудани гузаргоҳи сарҳадии Карамиқ РТ - Иркештам дар ҳуҷҷат маҳдудият

дошт. Ин нуқта бояд дар Низомномаи татбиқи он равшан шавад. Дар давоми сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-28 октябри соли 2012 ба шаҳри Урумчӣ, ки маркази вилояти автономии Синзсяну Уйғур мебошад, тарафҳо ба чунин хулоса омаданд, ки гузаргоҳе Кулма-Каросу дар доираи режими доимӣ амал намояд, ки он барои роҳандозӣ намудани манфиатҳои ҳар ду тараф мавқеи ҳалкунанда дорад. Рӯзи 29 декабри соли 2011 оид ба режими доимии гузаргоҳи номбурда байни ҳар ду тараф як Созишномае ба имзо расид, ки мувофиқи он ба ин гузаргоҳ мақоми байналмилалӣ дода шуд ва бо ҳамин фаъолияти мавсимии ин гузаргоҳ хотима ёфт. Сол аз сол баъд аз амалӣ гардонидани ин Созишнома гардиши мол байни ду давлат суръати баланд мегирифт. Чунин дигаргунӣ барои боз ҳам рушд ёфтани робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Чин ва Тоҷикистон муҳим мебошад. Он имкон медиҳад, ки дар доираи созишномаи мазкур якчанд лоиҳаҳои роҳсозӣ ва иншоотҳои муҳими аҳамияти стратегӣ дошта дар қаламрави Тоҷикистон ба истифода дода шаванд. Ба режими доимӣ гузаронидани гузаргоҳи мазкур боиси аз 6500 тонна бори соли 2004 ба 38000 тонна соли 2007, 95000 тонна соли 2010, 125000 тонна соли 2024 расид. Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки то соли 2030 ин нишондиҳанда бештар аз ду маротиба ба боло хоҳад рафт.

Дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ низ баъд аз солҳои 90-уми асри гузашта дастовардҳои зиёде амалӣ гардиданд. Парвозҳои чартерӣ тавассути ҳавопаймоиҳои ширкати «Тоҷик Эйр» ба парвозҳои доимӣ табдил ёфтанд. Моҳи марти соли 2002 намояндагони ду давлат як Созишномаи байниҳукуматиро дар бораи ташкил кардани хатсайрҳои доимоамалкунандаи ҳавоӣ имзо намуданд. Ҳамин тавр, дар байни ду давлат парвозҳои расмӣ мувофиқи ҷадвалҳои пешакӣ тасдиқшуда роҳандозӣ шуданд. Ҳоло ҳавопаймоиҳои Тоҷикистон танҳо дар байни Душанбе ва Урумчӣ ҳар ҳафта 3 маротиба парвоз менамоянд. Ширкати ҳавопаймоии Ҷанубии Чин низ дар байни Урумчӣ-Душанбе ва Урумчӣ-Хуҷанд ҳар ҳафтае 3 маротиба парвоз доранд. Дар ин байн баъзе ташаббусҳои ҷолиб низ ба

миён гузошта шудаанд. Тарафи Тоҷикистон кӯшиш намуд, ки як масири нави байналмилалии ҳавоӣ ба номи «Топаз» - «Шаче», ки дарозиаш ба 480 километр мерасад, ба роҳ монда шавад. Ин имконият фароҳам меорад, ки парвозҳои байни ду давлат хусусияти мустақимӣ пайдо кунанд ва кишварҳои сеюм низ аз фазои ҳавоии ҳарду кишвар истифода баранд. Мутаассифона, бо сабабҳои техникӣ то ҳол ҷониби Хитой ин таклифро амалӣ нагардонидааст.

Ба истифода додани қитъаи масири Топаз (ҶТ) - Шаче (ЧНТ), ки 480 километр дарозӣ дорад ва 230 километри он аз қаламрави Тоҷикистон мегузарад, тибқи ҳисобҳои мо, ҷараёни ҳавопаймоҳоро аз баҳри Миёназамин ва Ховари Миёна ҷалб мекунад. Хитой ва минбаъд Корея ва Япония барои хатсайрхои мавҷудаи минтақавии Қазоқистон ва ФР рақобат ба вуҷуд меоварад. Илова бар ин, мавҷудияти як долон бо Хитой ба ширкатҳои ҳавопаймоӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми парвоз ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо назардошти вазъи ноустувор дар Афғонистон аз болои он парвоз накунанд.

Ин масъала дар давоми сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой, ки 17 июни соли 2010 баргузор шуд, баррасӣ гардида буд ва дар қисми дуюми Созишномаи байни Ҳукуматҳои Тоҷикистону Хитой инъикос ёфтааст. Дар ҳамон сана, масъалаи тақвияти равобити байни Тоҷикистон ва Вазорати илм ва техникаи ВАСУ-и Чин низ таъкид гардид. Хотиррасон бояд шуд, ки дар моҳи декабри соли 2011 яке аз ду ҳавопаймои навъи МА-60, ки харидорӣ шуда буд, ба фурудгоҳи Душанбе оварда шуд. Ин ҳавопаймо 29 декабри соли 2011 нахустин парвози мусофирбарии худро аз Душанбе ба Хуҷанд ва бозгашт анҷом дод. Он ҳавопаймо дар ин масир ҳар рӯз 2 парвоз анҷом медод, аммо бо сабаби нуқсонҳои техникӣ ширкати «Тоҷик Эйр» аз истифодаи ин намуди ҳавопаймоҳо даст кашид. Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» дар рушди ҳамкориҳо нақша дошт, ки соли 2012 хатсайри навро аз Душанбе ба Пекин боз кунад.  Ин хатсайр ҳам бо сабабҳои гуногун то ҳоло муттасил амал

намекунад. Тибқи маълумоти пешакии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2024 ҳаҷми гардиши мол байни Тоҷикистон ва Хитой ба 1 миллиарду 956 миллион доллар расид, ки ин нишондиҳанда баробар ба 21,8 фоизи ҳаҷми умумии савдои хориҷии Тоҷикистон мебошад. Дар соли 2024 ҳаҷми сармоягузориҳои умумии ҶХХ дар Тоҷикистон ба 502,7 миллион доллари амрикоӣ расид. Ҳамкории иқтисодӣ пайваста қувваи пешбарандаи шаклҳои гуногуни фаъолияти ташкилот гардид. Бо ҳамин сабаб дар байни се шарики пешбари муносибатҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон Хитой ҷойи аввалро ишғол мекунад. Дар соли 2024 ҳаҷми умумии савдои байни ду кишвар беш аз 1 млрд. 956 млн-ро ташкил дод ва 70%-и ин маблағ аз содироту воридот ба Синсзян иборат мебошад. Умуман корхонаҳои Синсзян ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 351 млн. долл. сармоягузорӣ кардаанд.

Ба наздикӣ дар шаҳри Душанбе Намоишгоҳи миллии тиҷорат ва сармоягузории Хитой ва Тоҷикистон баргузор шуд, ки он шаҳодати рушди босуръати робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни ду давлат буд. Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон ин бобат хабар дод, ки ин ду минтақа маҳсулоти рақобатпазир ва босифати худро дар Намоишгоҳи номбурда пешниҳод намуданд ва зимни пешниҳод намудани маводҳои худ вохӯриҳои мухталифи байни сармоягузорон ва ҳамкорони тиҷоратӣ сурат гирифт, ки дар натиҷаи чунин вохӯриҳо як қатор Созишномаҳо ба имзо расиданд ва як зумра корхонаҳои муштарак ташкил карда шуданд. Ҳар ду ҷониб умедворанд, ки баргузории намоишгоҳҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ дар рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии ду кишвар таъсири мусбат хоҳад дошт. Боиси хушнудист, ки байни солҳои 1992-2024 миёни ду кишвар беш аз 250 қарордод, протокол ва созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расидаанд. Дар давраи қайдгардида фурӯши муташаккили техникаи роҳсозӣ, тракторҳо, таҷҳизоти вазнин ва калонҳаҷми сохтмону саноат, воситаҳои нақлиёт ва қисмҳои эҳтиётӣ роҳандозӣ гардиданд. Бояд гуфт, ки ширкатҳои Тоҷикистон бештар ба харидани асбобҳои рӯзгор, маводи ғизоӣ, маҳсулоти

саноати сабук ва истеъмолӣ, таҷҳизоти баркӣ ва телекоммукатсионӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Роҳбарони корхонаҳои бинокорӣ бо шарикони хитоии худ оид ба сохтани биноҳои баландошёна ва истеҳсоли лифтҳои баландсуръат шартнома имзо карданд. Чунин ташкилотҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ бештар аз 40 заводи хишт сохтаанд, ки ҳамаи онҳо бо таҷҳизоте муҷаҳҳаз шудаанд, ки комилан истеҳсоли ҶХХ мебошанд. Соҳибкорони давлати ҳамсоя ба он ақидаанд, ки ба кишварҳои муштаракулманофеъ иқлими сармоягузорӣ хеле ҷолиб мебошад ва имконияти мусоидеро барои ташкил намудани корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои гуногуни иқтисод ба вуҷуд меорад. Ин хусусан, ба корхонаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, нақлиёт, роҳсозӣ, дорусозӣ, саноати кимиё ва дигар соҳаҳои иқтисоди Тоҷикистон дахл дорад. Мувофиқи иттилооте, ки аз идораи мушовири тиҷоратию иқтисодии Сафорати ҶХХ дар Тоҷикистон ва Вазорати тиҷорати Хитой гирифта шудааст, маблағи дар асоси созишномаҳо имзошуда ҳар сол ба ҳисоби 10-15 фоиз меафзояд. Дар ҳақиқат Тоҷикистон аз назари захираҳои табиӣ мамлакати хеле бой ба ҳисоб меравад. То ҳол дар қаламрави ин мамлакат беш аз 400 конҳои маъданҳои фоиданок кашф гардида, мавриди омӯзиши мутахассисон қарор гирифтаанд. Мувофиқи маълумоти мавҷуда захираи кони нуқра дар мавзеи Конимансур аз 55000 тонна зиёд мебошад ва ҳисобҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки ин бобат яъне ҳаҷми нуқраи кашфгардида давлати мо дар сатҳи болоӣ ҷой гирифтааст. Дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ кони нуқраи Қарасу бо нишондиҳандаи баланди худ фарқ мекунад. Ҳоло дар базаи он корхонаи хитоӣ-тоҷикии муштарак кор мекунад ва консентрати нуқра тавлид гардида, ба Хитой содир карда мешавад. Тоҷикистон бо захираҳои бузурги сурма, сурб ва рух дар ҷаҳон машҳур мебошад ва истихроҷу коркарди онҳо то ба тавлиди металли тоза метавонад, ки нисбат ба металҳои номбурда дар Хитой талаботи зиёде пайдо шавад.

Дар замони ҳозира яке аз равандҳои муҳими сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди босуръати соҳаи коркарди маъдан мебошад. Доир ба зарурати минбаъдаи рушди саноати кӯҳӣ як силсила барномаҳо тартиб дода шудаанд, ки оянддаи ин соҳаро таъмин менамоянд. Сар то сари кишвар сохтмон, азнавсозӣ ва модернизатсияи корхонаҳои саноатӣ дар доираи нақшаҳои индустриаликунонӣ амалӣ шуда истодааст ва он дар пешравии устувори иқтисоди миллӣ мувофиқат менамояд. Ин тамоюл воситаи муҳимми ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба Тоҷикистон барои ворид намудани технологияҳои навин ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии корхонаи саноатӣ дар асоси вусъат додани истихроҷи ашёи хоми маҳаллӣ ва коркарди маҳсулоти сифати баланддоштаи рақобатпазир дар бозори байналмилалӣ мавқеи худро пайдо намудааст. Имрӯз дар Тоҷикистон як қатор корхонаҳои давлатӣ ва муштарак ба монанди ТАЛКО, "Зарафшон", "Апрелевка", "Адрасман", "Ҷамаст", "Анзоб", "Тиллои тоҷик", "Тоҷикхимпром", "Тоҷиказот" ва "Востокредмет" фаъолият доранд. Онҳо барои баланд бардоштани сатҳи коркард ва вусъат додани истеҳсоли тилло, алюминий, сурма, симоб, нуқра, мис, волфрам, сангҳои қимматбаҳо ва нимқимматбаҳо, нуриҳои маъданӣ, семент, намак кори зиёдеро анҷом доданд.

Айни замон як қатор ширкатҳои бузурги чинӣ, аз қабили China Road and Bridge Construction Group (CRBC), China Railway Construction Corporation (CRCC), Sinohidro Corporation, TBEA, Zijin Mining Group Co. Ltd), инчунин бисёр корхонаҳои миёна ва хурди Хитой дар хоҷагии халқи Тоҷикистон бомуваффақият кор мекунанд.

Пеш аз ҳама, бояд сатҳи равобити тиҷоратӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Хитой дар доираи СҲШ ба талаботи қонун ҷавобгӯ бошад ва ин бобат бояд як қатор зиддиятҳо аз байн бардошта шаванд. Таъмини фаъолияти пурсамари сармоягузорон ва соҳибкорони дохилӣ бо исрор талаб менамояд, ки ин бобат иқлими зарурӣ барои фаъолият фароҳам оварда шавад.

Дуюм, нақши созмон дар минтақаи Осиёи Марказӣ боиси тавсеаи муносибатҳои гуногунҷанбаи ду кишвар мегардад, ки ин раванд ба фаъолгардонии тиҷорат ва ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат мекунад. Тоҷикистон омода аст дар оянда заминаи мустаҳками ҳамкории дуҷониба дар доираи шарикии стратегӣ фароҳам оварад.

Муносибатҳои ҳамсоягӣ бо Хитой ва инчунин давлатҳои пасошуравӣ – Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон боисрор талаб менамоянд, ки онҳо дар доираи ҳадафҳои Стратегии миллии Тоҷикистон рушд ёбад, ки мазмуни мухтасари он дар ин минтақа таъмин намудани субботу амният ва рушди босуръат ва устувори иқтисодӣ мебошад.

Сеюм, бояд дар байни Тоҷикистон ва аъзоёни СҲШ равобити тиҷоратӣ ва иқтисодӣ чунон тақвият ёбад, ки дар доираи он минтақаҳои озоди иқтисодӣ бунёд гарданд ва бо суръати баланд ба рушди иқтисодии ҷумҳурӣ таъсири муфид расонанд. Тоҷикистон бояд барои рушди минбаъдаи минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Суғд ва Хатлон таҷрибаи пешқадаме, ки шаҳрҳои Или ва Қашғари вилояти Синсзяну Уйғур ғунгардида истифода баранд, ки он метавонад дар суръати вусъат ёфтани на танҳо ин минтақаҳо, балки минтақаҳое, ки солҳои охир бунёд гардиданд ва минбаъд ҳам бунёд шаванд таъсири хеле калон расонад.

## 2.3. Омилҳои муҳимтарини рушди босуръати муносибатҳои тиҷоратию сармоягузории Тоҷикистону Хитой

Ҷумҳурии Халқии Хитой яке аз нахустин кишварҳоест, ки Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро расман эътироф намуд, ки ин раванд 4 январи соли 1992 сурат гирифт. Ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳо рушд меёбад, ки ба принсипҳои ҳамзистии осоишта ва манфиатҳои мардумон асос ёфтаанд. Пояи мустаҳками ҳуқуқии муносибатҳои ду кишвар танзими муваффақ ва ниҳоии масъалаҳои байни ду кишвари ҳамсояро фароҳам овард.

Ҳоло байни Тоҷикистон ва Хитой механизми самараноки ҳамкориҳои иқтисодӣ, ки бар пояи санадҳои ҳуқуқӣ ва аҳдномавӣ устувор сохта шудааст, амал мекунад. Дар ин замина, миёни ду кишвар чандин санадҳои муҳим ба тасвиб расидаанд, аз ҷумла: Созишнома оид ба муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, Протколҳо оиди дастгирӣ ва муҳофизати сармоягузорӣ байниҳамдигарӣ, васоити нақлиёт, ҳамкорӣ оиди рушди соҳаҳои энергетикию сӯзишворӣ, инчунин Созишномаи қарзӣ дар байни Амонатбонки Тоҷикистон ва Бонки амонатгузории давлатии рушди Хитой, ки солҳои 2007 ва 2013 ба имзо расидаанд, инчунин Созишнома дар бораи тиҷорати назди сарҳадӣ ва як қатор ҳуҷҷатҳои дигар.

«Яке аз аввалин ҳуҷҷатҳои муҳими байни ду кишвар, яъне Созишнома оид ба тиҷорат ва иқтисод, ҳангоми сафари Президенти Эмомалӣ Раҳмон ба Хитой 9 марти соли 1993 имзо гардида буд»[92]. Дар ин бора Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ бо номи “Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат” ишора менамоянд [106].

Бояд қайд намуд, ки муносибатҳо бо ҶХХ на танҳо ҷузъи муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд, балки яке аз рукнҳои асосии рушди иқтисодии кишвар низ ба шумор меравад. Тибқи назари академик Т.Назаров: «ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва мавқеи геополитикии Тоҷикистон, маҳдудиятҳо ва дурии он аз роҳҳои асосии байналмилалии нақлиётӣ, ҳамчунин набудани сарчашмаҳои муҳими энергетикӣ, ба мисли нафт ва газ, барои рушди босамари иқтисод таъсири манфӣ мегузоранд. Ба истеъмол гирифтани захираҳои фаровони гидроэнергетикии Тоҷикистон на танҳо сармоягузории бузургро талаб мекунад, балки, боиси ба вуҷуд омадани баъзе муқовиматҳои минтақавӣ низ мегардад. Аз ҳамин рӯ, мо барои густариш ва таҳкими ҳамкориҳои стратегӣ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой - ҳамсоя ва шарики муҳими худ — аҳамияти махсус дода, онро ҷонибдорӣ мекунем»[73].

Мувофиқи назарҳо, муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар солҳои охир бо суръати баланд рушд карда

истодаанд. Дар давоми 34 соли истиқрори равобити дипломатӣ миёни ду кишвар, гардиши мутақобилаи молу маҳсулот бо афзоиши назаррас рӯ ба рӯ гардидааст.

Дар замони ҳозира «вазъият ба давраи таърихие шабоҳат дорад, ки бо пайдоиши Роҳи бузурги Абрешим алоқаманд аст - замоне, ки пас аз қариб 200 соли фосила ва маҳрумият аз лашкаркашии Искандари Макдунӣ, ки «дар даст шамшер дошт», дар минтақа як фиристодаи император бо «дасти шоҳӣ» омад ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Миёнаро ба ҳамкории тиҷоратӣ ва ҳамдигарфоиданок даъват намуд»[63].

Ҳарчанд дар давраи таърихӣ ҷангҳо ва нооромиҳо рух дода бошанд ҳам, тиҷорат миёни давлатҳо тавассути Роҳи бузурги Абрешим қатъ нашудааст. Имрӯз метавон гуфт, ки ин роҳи муҳим бо кӯшишҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҶХХ дубора зинда гардида истодааст. Ҳамаи кишварҳои минтақа зарурати татбиқи ин лоиҳаро хуб дарк мекунанд. Дар ин шароит, Эмомалӣ Раҳмон, Сарвари Тоҷикистон, моҳи марти соли 1993 аввалин сафари хориҷии худро ба ҶХХ анҷом дод. Ин сафар аз нуқтаи назари сиёсӣ комёб буд ва роҳбарони Чин ӯро бо самимияти баланд қабул карданд. Рӯзи 9 марти соли 1993 дар пойтахти Чин – Пекин, роҳбарони ду кишвар ба мувофиқа омаданд ва як изҳороти муштарак оид ба асосҳои ҳамкориҳои дуҷониба ба имзо расид. Чин Тоҷикистонро ҳамчун узви арзандаи ҷомеаи байналмилалӣ эътироф намуда, омодагӣ ба густариши муносибатҳо ва ҳамкории зичро баён дошт. Бар асоси маълумоти Вазорати иқтисод ва савдои Тоҷикистон, ҳаҷми гардиши тиҷорат байни Тоҷикистон ва Хитой соли 2015 ба 793 миллион доллар расид ва соли 2016 қариб 12 фоиз афзоиш ёфта, ба 885 миллион доллар баробар шуд. Бо ин вуҷуд, соли 2017 коҳише дар ҳаҷми тиҷорати байни ду кишвар мушоҳида гардид.

«Пешрафти манфии гардиши тиҷорат дар солҳои 2016-2017 мутахассисон онро ба таъсири манфии бuҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва молиявӣ марбут медонанд. Дар ин шароит, кишварҳо талош карданд, ки то соли 2020 ҳаҷми мубодилаи тиҷоратиро ба 3 миллиард доллар баррасанд. Бо

вуҷуди ин, мутаассифона, ин ҳадаф пурра амалӣ нашуд»[129]. «Дар соли 2017 ҳаҷми мубодилаи тиҷоратӣ байни Тоҷикистону Хитой 591,6 миллион долларро ташкил дод, вале бо иқдомҳои муштараки ҳукуматҳо аллакай соли 2018 ин рақам ба 651,2 миллион доллари ИМА расид»[94].

Дар соли 2019 ҳаҷми табодули тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва ҶХХ ба 660,9 миллион доллари амрикоӣ расид, ки нишони афзоиши устувор дар робитаҳои иқтисодии ду кишвар мебошад. Дар давоми соли 2023 ин нишондиҳанда то 1,503 миллиард доллар афзуда, рушди назарраси ҳамкориҳоро нишон дод. Аз ин миқдор, воридот ба Тоҷикистон ба маблағи 1,189,2 миллион доллар ва содироти молҳо аз Тоҷикистон ба Хитой ба 314 миллион доллар баробар гардид, ки ин нишондиҳандаҳо нақши муҳими Хитойро ҳамчун шарики асосии тиҷоратии кишвар таъкид мекунанд. Дар маҷмуъ, ҳаҷми умумии табодули тиҷоратии байни ду давлат тақрибан 18% қисми савдои хориҷии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, ки боиси тақвияти иқтисоди миллӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Ин раванд нишон медиҳад, ки Тоҷикистон ва Хитой пайваста талош доранд, муносибатҳои иқтисодии худро ба сатҳи баландтар баранд ва имкониятҳои нав барои рушди дуҷониба фароҳам оранд.

Мутаассифона, дар ин бобат: «байни омори ҶХХ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқияти назаррас вуҷуд дорад. Бар асоси маълумоти мушовири Идораи иқтисод ва савдои Сафорати ҶХХ дар Тоҷикистон, ҳаҷми умумии табодули тиҷоратӣ миёни ду кишвар дар соли 2019 ба 1 миллиарду 670 миллион доллари ИМА баробар буд. Аз ин маблағ, воридот аз Хитой ба Тоҷикистон тақрибан 1 миллиарду 590 миллион долларро ташкил дод, дар ҳоле ки содироти Тоҷикистон ба Хитой ба ҳисоби миёна 85 миллион доллари амрикоӣ арзёбӣ гардидааст. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки тиҷорати байни Тоҷикистон ва Хитой дорои ҳаҷми назаррас буда, ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории иқтисодиро фаро мегиранд»[22]. Фарқият байни омори Тоҷикистон ва омори Чин оид ба гардиши савдои соли 2019 ба 1095 млн. долл. мерасад, ки аз он 2,6 маротиба бештар мебошад.

«Соли 2019 Хитой ба Тоҷикистон $210 млн., сармоягузорӣ намудааст, соли 2023 бошад, он то 450,8, яъне 2,1 маротиба афзудааст. Дар соли 2024 теъдоди корхонаҳои чинӣ дар Тоҷикистон ба 940 расида, ки ин муассисаҳо асосан ҳамчун андозсупорандагони муҳим ва содиркунандагони миёна ва калон ба ҳисоб мерафтанд»[37]. Дар солҳои охир: «Хитой бо мақоми яке аз шарикони калидии тиҷоратӣ дар Тоҷикистон дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва хориҷи дур қарор гирифтааст»[81].

Алҳол Ҳукумати Хитой яке аз сармоягузорони калидии иқтисодиёти Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки бештар дар самти такмили инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ дар ду кишвар саҳм мегузорад. Инчунин доир ба афзоиши истеҳсоли семент саноати коркард ва рушди хоҷагии қишлоқ ҳамкориҳои муфид роҳандозӣ гардидаанд. Бояд зикр намуд, ки амалӣ гардонии лоиҳаи “Як камарбанд – Як роҳ” дар доираи Осиёи Марказӣ ба афзоиши қарзҳои дар давлатҳои ин минтақа аз ҶХХ гардиданд. Хусусан қарзҳои Қирғизистон ва Тоҷикистон бо суръати баланд афзуданд. Суръати афзоиши қарзҳои бонки воридотӣ-содиротии Хитой (Эксимбонк) ба Қирғизистону Тоҷикистон аз 40% бештар буда, мутаносибан ба 1,8 ва 0,9 млрд. долл. мерасанд. Дар ҳоле ки сатҳи қарз дар Тоҷикистон 7,3% ММД аст, дар муқоиса бо он Туркманистон 16,9%, Ӯзбекистон 16% ва Қазоқистон 6,5%-ро ташкил медиҳад.

Паҳншавии пандемияи COVID-19 таъсири назаррасе бар гардиши тиҷоратии Хитой бо давлатҳои минтақа гузошт. Маҳз: «дар соли 2020 ҳаҷми тиҷорат тақрибан ба 38,55 миллиард доллар расид, ки нисбат ба соли 2019 бо 46,34 миллиард доллар қариб 17 дарсад кам гардид. Аз рӯйи маълумоти Идораи гумрукии Хитой, дар пайи таъсири пандемия гардиши молии байни Хитой ва Қазоқистон то 2,5% коҳиш ёфта, ба 21,45 миллиард доллар расид. Бо Қирғизистон ин коҳиш 54,3% буд ва ба 2,9 миллиард доллар баробар гардид. Дар тиҷорат бо Тоҷикистон коҳиши 36,5%-ро мушоҳида карданд, ки ба 1,06 миллиард доллар баробар шуд. Дар муносибат бо Туркманистон ва Узбекистон ин коҳиш мутаносибан 28,5% (6,51 миллиард доллар) ва 8% (6,63

миллиард доллар) ҳисоб шудааст. Дар ҳолатҳои муайян, масалан бо Узбекистон ва Туркманистон, хусусан содироти мол ба Хитой бештар осеб дидааст, дар ҳоле ки аксар кишварҳои дигари минтақа, ҷуз Қазоқистон, ҳам содирот ва ҳам воридоти молҳоро ба таври яксон коҳиш доданд» [115].

Ҳуҷҷати муҳим дар самти таҳкими равобити тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Хитой, ки: «санаи 16 сентябри соли 1996 ба имзо расидааст, Созишномаи ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ мебошад. Ин санадро Ҳукуматҳои ду кишвар бо ҳадафи мустаҳкам намудани эътимод ва дӯстӣ, густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва таъсиси муносибатҳои иқтисодии баробарҳуқуқ ба имзо расониданд. Созишнома барои рушди тиҷорат, афзоиши гардиши мол ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои амиқ байни субъектҳои иқтисодии ҳар ду ҷониб замина фароҳам овардааст. Ин ҳуҷҷат як қадами муҳими стратегӣ дар мустаҳкам кардани пайванди иқтисодӣ байни Тоҷикистону Хитой мебошад»[121].

Яке аз нуқтаҳои асосии ин созишнома ин буд, ки ҶХХ ба Тоҷикистон қарзи давлатӣ ҷудо намуд, то барномаи барқарорсозии пасоҷанги иқтисодии кишварро дастгирӣ кунад. Бо мақсади густариш додани сармоягузориҳои Хитой дар Тоҷикистон: «дар сатҳи ҳукуматӣ як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ тасдиқ шуданд, ки асоси ҳуқуқии ҳамкорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ бо Хитойро таъмин намуданд. Дар байни онҳо барномаи ҳамкорӣ барои солҳои 2008-2013, созишнома дар бораи пешгирии андозбандии дукарата ва пешгирии саркашӣ аз пардохти андозҳо, ҳамчунин созишномаи байниҳукуматӣ оид ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ муҳим мебошанд. Ин санадҳо асоси муносибатҳои устувор ва васеи иқтисодиро байни ду кишвар таъмин карданд»[11].

Ҳамзамон, дар ҷараёни ҷаласаҳои Комиссия барои дастгирӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба татбиқи лоиҳаҳо, ки бо истифодаи қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо амалӣ мешаванд, тарафи Чин бо дархости Тоҷикистон розӣ шуд, ки тадбирҳои зеринро иҷро кунад:

– «афзун кардани пардохтҳои пешакии Тоҷикистон дар раванди сохтмони ХББ «Ҷануб-Шимол»;

– пешкаш кардани имтиёзҳои муайяншуда дар соҳаи андоз ва гумрук барои молҳое, ки бо қарзҳо ва грантҳо ворид мешаванд;

– кумак дар бақайдгирӣ ва кушодани ҳисобҳои бонкӣ барои ширкатҳои чинӣ, ки дар татбиқи ин лоиҳаҳо ва таъмини коргоҳҳо бо мутахассисон иштирок мекунанд»[103].

Р. Алимов қайд мекунад, ки: «оғози хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ ва роҳҳои мошингард байни шаҳрҳои Тоҷикистон ва Хитой нақши муҳим дар рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бозиданд. Ин навъи алоқаҳо ба Тоҷикистон имконият доданд, ки аввалин бор дар таърихи навини худ аз бунбасти нақлиётӣ берун омада, равобити тиҷоратиро бо кишвари ҳамсоя бо тавоноӣ ва суръат инкишоф диҳад. Ҳамзамон, барои ширкатҳои хитоӣ кушодани «дарвозаҳои ғарбӣ» ба самти Тоҷикистон имкони васеи ворид шудан ба бозори кишвар ва татбиқи лоиҳаҳои калони сармоягузориро муҳайё сохт»[11].

Хитой, бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, ба кишвар кӯмакҳои қарзӣ ва сармоягузорӣ мерасонад, ки ин маблағҳо асосан барои амалӣ кардани лоиҳаҳои муҳим ва тақдирсоз истифода мешаванд. Т.Назаров, академик ва коршинос, таъкид мекунад, ки: «дар соли 2013 тақрибан нисфи ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим аз хориҷ ба Тоҷикистон ба ҳисоби Хитой рост меомад. Манбаъҳои молиявӣ ва қарзии Хитой дар рушди иқтисодии Тоҷикистон равандҳои афзоянда доранд ва яке аз омилҳои муҳими устувории иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар кишвар маҳсуб мешаванд»[74].

К. Қаюмов зикр мекунад, ки: «асоси иқтисоди Тоҷикистонро гидроэнергетика ва захираҳои обии барқароршаванда ташкил медиҳанд, ки дорои тозагии экологӣ мебошанд. Азбаски манбаъҳои дигар барои истеҳсоли нерӯ дар кишвар маҳдуданд, Тоҷикистон ба сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ бо иқтидори калон рӯй овардааст. Инчунин, бо назардошти

фаъол будани зилзилаҳои зиёд дар минтақа, истифодаи нерӯи атомӣ дар оянда барои кишвар имконнопазир ба назар мерасад»[50].

Муносибати пурарзиш ва ҳамкории судманд байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ, махсусан: «дар самти гидроэнергетика аҳамияти калон дорад. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ ва имкониятҳои энергетикӣ мебошад. Қариб 55,4% аз маҷрои умумии обҳои дарёҳои асосии Осиёи Марказӣ — аз ҷумла ҳавзаҳои Амударё ва Сирдарё - дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгир аст»[147].

«Иқтидори умумии гидроэнергетикии ҷумҳурӣ 525 млрд. кВт.соат арзёбӣ мегарданд. Иншооти нисбатан бузурги амалкунандаи гидроэнергетикӣ НБО Норак дар дарёи Вахш бо иқтидори 3,0 млн.кВт ба шумор меравад. Дар дурнамо нақшаи бунёди силсилаи нуҳ НБО дар дарёи Вахш бо иқтидори умумии тақрибан 9 млн.кВт. соат бо коркарди неруи барқи 35 млрд. кВт.соат солона пешбинӣ шудааст. Минбаъд дар дарёи Панҷ эҳтимоли бунёди силсилаи НБО бо иқтидори умумии 16,0 млн.кВт. ва коркарди солонаи нерӯи барқи зиёда аз 70 млрд. кВт.соат дар назар дошта шудааст»[50].

Дар низоми умумии манбаъҳои энергетикии Тоҷикистон: «ҳиссаи нерӯи барқи гидроӣ беш аз 95 дарсад аст. Мутобиқи омори мутахассисон, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон бо иқтидори захираҳои обӣ мақоми ҳаштумро касб мекунад. Иқтидори умумии обӣ тақрибан ба 525 миллиард киловатт-соат мерасад, ки имрӯз фақат қисмати ночизи он - камтар аз 5 фоиз истифода мешавад»[133].

Ба таври бараъло исбот гардидааст, ки истифодаи мақсадноки захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон барои рушди иқтисоди дохилӣ хеле муҳим мебошад ва қобилияти ҳамчун заминаи рушди ҳамкориҳои минбаъда бо давлатҳои дигар, аз ҷумла, ҶХХ хизмат карданро доранд. Дар ҳамин раванд: «Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон бо ҳамроҳии ширкати давлатии «Барқи Тоҷик» ва сафорати Тоҷикистон дар Чин пешниҳоди ҳамкорӣ ба ширкату корхонаҳои чинӣ дар бахши сохтмони

иншооти энергетикӣ пешниҳод намуданд. Дар байни лоиҳаҳои пешниҳодшуда барои сармоягузорӣ аз ҷониби ширкатҳои хитоӣ чунин равона карда шудаанд: таҷдиди Нерӯгоҳи Норак, навсозии Неругоҳи «Сарбанд», бунёди силсила нерӯгоҳҳои барқӣ-обӣ дар дарёи Зарафшон ва барқарорсозии шабакаҳои барқӣ ва гармидиҳӣ дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе»[103].

Маҳз: «тавассути ин кӯҳҳои баланд мутахассисони тоҷик ва хитоӣ роҳеро «рахна карданд», ки ноқили асосии тиҷоратӣ-иқтисодӣ гардид. Аз замони имзои созишномаи дуҷониба «Дар бораи нуқтаҳои гузариш дар сарҳади давлатии Тоҷикистону Чин ва тартиби фаъолияти онҳо» моҳи сентябри соли 2003, ҳаҷми гардиши тиҷоратӣ байни ду кишвар бо суръати назаррас афзоиш ёфтааст: агар дар соли 1993 ин нишондиҳанда тақрибан $8,9 миллионро ташкил медод, пас то соли 2024 ба ҳудуди $1,9 миллиард расидааст»[73].

Ҳамкории иқтисодиву тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Чин дар доираи ташаббуси стратегии роҳбари ҶХХ, ҷаноби Си Ҷинпин, таҳти унвони «Як камарбанд - Як роҳ» ҷойгоҳи махсус дорад. Тоҷикистон ба ин иқдом ҳамчун як роҳнамои муҳими рушди стратегӣ ва амалӣ кардани барномаҳои муштарак барои пешрафти иқтисодиёти худ нигоҳ мекунад. Ин кишвар яке аз аввалинҳо буд, ки бо Чин созишномаи ҳамкорӣ барои амалӣ кардани ин ташаббусро ба имзо расонд. «Як камарбанд - Як роҳ» платформаи муҳими ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад, ки барои пешбурди лоиҳаҳои бузурги муштарак имконият фароҳам меорад ва метавонад манфиатҳои воқеӣ барои мардумони ҳар ду кишвар ба бор орад. Дар баробари ин, ин ташаббус стратегияи дарозмуддат ва асоснокшудаест, ки интизориҳо ва манфиатҳои халқҳоро дар назар дорад. Аз лиҳоз, Тоҷикистон ҳамкории тиҷоратӣ дар чаҳорчӯбаи ин лоиҳаҳо ба якчанд омилҳои муҳим такя мекунад: «...

– воридшавии Тоҷикистон ба занҷираи глобалии арзишнокии иловашуда бо эътибори бартарафсозии маҳдудиятҳои инфрасохторӣ дар бахши нақлиёт ва тиҷорати байналмилалӣ, ки яке аз мушкилоти ҷиддии

кишвар маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, рушди мақсадноки хатсайрҳои нақлиёти байналмилалӣ барои Тоҷикистон аҳаммияти афзоянда пайдо мекунад;

– таҳким ва васеъшавии имкониятҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақим ва густариши содирот, ки ба раванди рушди иқтисод мусоидат хоҳад кард»[133].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамеша диққати махсусро ба мулоқот бо намояндагони бахши соҳибкорӣ равона мекунад. Дар доираи сафарҳои хориҷии худ, ӯ ҳатман бо соҳибкорони сатҳи баланд вохӯриҳо доир менамояд, ки ин сиёсати дурбинонаи ӯ натиҷаҳои мусбат ба бор меорад. Пас аз чунин вохӯриҳо: «сармоягузориҳои калон ба иқтисоди ҷумҳурӣ ҷалб мешаванд. Масалан, 19 майи соли 2013 дар шаҳри Пекин Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони чанд ширкати калон ва Иттифоқи саноати кӯҳӣ мулоқот кард. Дар он вохӯрӣ масъалаҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла васеъ намудани истеҳсолот дар корхонаи муштараки истихроҷи маъдан «Зарнисор», ки байни Тоҷикистон ва Хитой таъсис ёфтааст, баррасӣ шуданд. То имрӯз ширкати «Чайна Глобал» беш аз 250 миллион доллари амрикоӣ дар марҳилаи аввалини сохтмон ва рушд дар лоиҳаи мазкур сармоягузорӣ кардааст. Дар асоси созишномаҳои қаблӣ, ин ширкат вазифадор аст, дар шаҳри Истиклол (собиқ Табошар) як комбинати калонтарини металлургиро ташкил диҳад»[40].

Натиҷаи асосии ҳамкории байни Тоҷикистон ва ҶХХ: «имзои Эъломияи муштарак оид ба таъсиси муносибатҳои шарикии стратегӣ буд, ки 20 майи соли 2013 дар Пекин байни Эмомалӣ Раҳмон ва Си Ҷин Пин ба тасвиб расид. Ин санад на танҳо равандҳои мусбати сиёсиро бо афзоиши эътимоди тарафайн тасдиқ мекунад, балки барои расидан ба сатҳи баланди муносибатҳои дуҷониба ва ҳамкории стратегӣ поя мегузорад»[133].

«Санаи 4 сентябри соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар

доираи сафари корӣ ба шаҳри Сямэн дар музофоти Фусзян бо Президенти ширкати маъруфи истихроҷи маъданҳои кӯҳии Зиҷин, ҷаноби Чэн Ҷин Хэ, мулоқот анҷом дод. Дар ин вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба рушди ҳамкории минбаъда байни ширкати Зиҷин ва Тоҷикистон дар бахши афзоиши истеҳсол ва коркарди тилло дар корхонаи муштараки Зарафшон табодули афкор карданд. Гуфта шуд, ки дар давоми даҳ соли фаъолият, ширкати Зиҷин беш аз 450 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ кардааст. То он замон ҳаҷми истеҳсоли тилло ба 20 тонна расида, шумораи кормандон беш аз 2 ҳазор нафар, ки беш аз 98%-и онҳо мутахассисони маҳаллӣ мебошанд, ташкил медод.

Дар давоми сафари кории худ ба музофоти Хэнан, ки 11 июни соли 2018 баргузор шуд, Сарвари давлат бо роҳбарони якчанд ширкатҳои бузурги чинӣ вохӯрӣ дошт. Дар он мулоқотҳо ҷиҳати тақвияти рушди иқтисоди Тоҷикистон тавассути ҷалби сармоя ва таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ баррасӣ гардид»[39].

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳкими равобити тиҷоратӣ-иқтисодии Тоҷикистону Хитой: «таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ мебошад. Сафири ҶХХ дар Тоҷикистон, ҷаноби Лю Бин, изҳор дошт, ки имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 400 корхонаи чинӣ фаъолият дошта, онҳо ҳамчун бузургтарин андозсупорандагон ва содиркунандагони кишвар шинохта мешаванд. Ин корхонаҳо беш аз 130 миллион сомонӣ маблағро ба корҳои хайрия равона кардаанд. Ҳамзамон, ширкатҳои чинӣ дар доираи 14 лоиҳа, ки аз ҷумлаи онҳо 5 лоиҳаи байналмилалии сохтмонӣ мебошанд, дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди Тоҷикистон саҳмгузорӣ доранд»[48]. Роҳбарияти ҶХХ зимни гуфтушунидҳо хоҳиши тарафи Тоҷикистонро оид ба баланд бардоштани сатҳи коркарди ашёи хоми маҳал ба назар мегирад. Мувофиқи маълумотҳо ба Тоҷикистон аз Хитой миқдори зиёд молҳое ворид мешаванд, ки барои истеҳсоли онҳо дар Тоҷикистон шароитҳои мусоид, аз ҷумла ашёи хом ва қувваи корӣ вуҷуд дорад.

Муаррих Ш. Шарипов чунин назар дорад, ки: «Тоҷикистон ҳамчун манбаи муҳимми ашёи хом, махсусан барои кишварҳои пешрафтаи соҳаи нассоҷӣ, шинохта мешавад. Ба гуфтаи ӯ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ Ҳукумати кишварро водор сохт, ки вобастагии аз ҳад зиёди иқтисоди миллӣ ба ашёи хомро коҳиш диҳад ва ба самти коркарди амиқи маҳсулот гузарад. Яке аз аввалин иқдомҳо дар ин самт соли 1996 дар шаҳри Хуҷанд бо таъсиси корхонаи муштараки «Кообол Текстайлз» гузошта шуд, ки ба коркарди пахта барои истеҳсоли нах, ришта ва матоъ равона шудааст. Соли 1997 дар шаҳри Ҳисор корхонаи муштараки «Ришта» бо иштироки сармояи чинӣ таъсис ёфт, ки ҳамчун намунаи равшани ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Хитой хизмат мекунад. Ин иқдомҳо оғози раванди саноатикунонии коркарди маҳсулоти хом дар кишвар буданд»[151].

Заводи коркарди нефт «дар ноҳияи Данғара яке аз намунаҳои барҷастаи ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Хитой маҳсуб меёбад, ки дар асоси сармоягузории муштараки ширкатҳои ду кишвар бо номи «ТК-Oil» таъсис ёфтааст. Сохтмони ин иншооти стратегӣ соли 2014 оғоз гардида, маблағи умумии ҷалбшуда барои сохтмон ва таҷҳизоти он беш аз 90 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Завод дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ҷойгир буда, дар марҳилаи аввал иқтидори коркарди то 500 ҳазор тонна нефт дар як солро доро хоҳад буд. Ба гуфтаи коршиносон, дар давраҳои баъдӣ иқтидори корхона ба 1,2 миллион тонна расонида мешавад, ки дар он навъҳои мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ - бензини Евро-4 ва Евро-5, инчунин гази моеъ, дизел, парафин ва битуми сохтмонӣ истеҳсол хоҳанд шуд. Ин иқдом заминаи устувор барои тақвияти амнияти энергетикии кишвар ва рушди саноати коркарди нафт ба ҳисоб меравад»[95].

Мутаассифона, бо сабабҳои номаълум ин корхона то ба ҳол ба истеҳсоли маводи нефт шуруъ накардааст, ки ин боиси аз даст додани имкониятҳои зиёд дар пешравии иқтисоди ҷумҳурӣ гардид.

Имрӯз бахши истеҳсоли семент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан бо сармоягузориҳои ширкати ҶХХ фаъолият мекунад. «Корхонаҳои муштараки «Чунгтсай Моҳир Семент», «Хуаксин Ғаюр Семент» ва «Хуаксин Ғаюр Суғд Семент» ҳамчун истеҳсолкунандагони калидӣ дар бозори дохилии семент шинохта шудаанд. Ин се ширкат беш аз 85 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти сементии кишварро таъмин мекунанд. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории онҳо, ҳаҷми истеҳсоли семент дар давоми солҳои 2013 то 2023 беш аз 11 маротиба афзоиш ёфтааст - аз 385 ҳазор тонна ба 4,4 миллион тонна. Ин пешравӣ нишон медиҳад, ки сармояҳои хориҷӣ, бахусус аз ҷониби ширкатҳои хитой, нақши муҳимеро дар рушди инфрасохтори саноатии Тоҷикистон мебозанд»[107]. Соли 2023 940,8 ҳазор тонна портландсемент ё 20,4 фоизи ҳаҷми солонаи он ба кишварҳои дигар содир карда шуд.

Шарикии иқтисодии Тоҷикистону Чин дар бахши истихроҷ ва коркарди маъданҳои қиматбаҳо назаррас аст. Як мисоли барҷастаи он ин лоиҳаи муштараки «Зарафшон» мебошад, ки дар ноҳияи Панҷакент ҷойгир буда, беш аз 60 % фоизи тилои кишварро истеҳсол мекунад. Соли 2007 саҳмҳои асосии корхонаро ширкати бритониёии Common wealth & British Minerals PLC соҳибӣ мекард, аммо моҳи феврал 2018 онҳоро ба ширкати хитойии Zi jin Mining Group бо арзиши рамзӣ – 1 доллар фурӯхтанд. Ҳоло саҳмияҳо чунин тақсим шудаанд: Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 % ва Zi jin 70 % дар сармоя.

Ба ғайр аз «Зарафшон» дигар корхонаҳои муштараки тоҷикӣ-хитоӣ низ фаъолияташон дар соҳаи истихроҷи металлҳои қиматбаҳо ҷараён дорад. «Масалан, «Пакрут» дар ноҳияи Ваҳдат ба истихроҷи тилло машғул аст. Ширкати TVEA дар ноҳияи Айнӣ барои коркарди маъдани «Дуоба ва Кумарги боло» иҷозат гирифта, дар баробари лоиҳаҳои энергетикӣ фаъолият дорад. Каши Синюй Дади Майнинг Investment Ltd. дар кони «Якҷилва» (мавзеи Мурғоб) фаъол мегардад. Инчунин, Ширкати тоҷикӣ-хитоии саноати кӯҳӣ маъдани қурғошимӣ-синкии Олтин-Топкан ва Пай-

Булоқро истихроҷ ва коркард мекунад, ва Бартек Тоҷикистон майнинг дар кони Мушистон иқдом мекунад.

Ин ҳолат далели равшани рушд ва тавсеаи ҳамкориҳои Донор-Чин дар бахши маъдан ва металлҳои махсус мебошад, ки таҷрибаҳои навини коркард ва равандҳои навро дар саноати Тоҷикистон ба роҳ мондааст»[86].

«Huawei, ки соли 1987 дар Ҷумҳурии Мардумии Хитой таъсис ёфтааст, аз соли 1999 фаъолияти худро дар Тоҷикистон оғоз кард. Намоишгоҳи он дар Тоҷикистон соли 2005 қайд шуд ва дар соли 2009 ҳамчун ширкате бо саҳмияҳои маҳаллӣ амал намуд. Huawei бо операторони мобилии тоҷик ҳамкории зич барқарор намуда, нақши муҳим дар рушди инфрасохтори телекоммуникатсия, омӯзиши мутахассисон ва эҷоди ҷойҳои корӣ барои мутахассисони техникӣ дошт. Минтақаи барномаҳо дар соли 2012 бо Вазорати корҳои дохилӣ лоиҳаи “Шаҳри бехатар” - системаҳои видеоназорати роҳҳоро роҳандозӣ кард, ки бо сифати баланд ва сари вақт мавриди истифода қарор гирифт.

Боз як ширкати муҳими хитоӣ, TBEA, ҳамчун пудратчиёни генералӣ дар сохтмони лоиҳаҳои муҳимми энергетикӣ дар Тоҷикистон фаъолият дорад. Онҳо дар сохти хатҳои интиқоли барқии 220 кВ «Лолазор–Хатлон», 500 кВ «Ҷануб–Шимол», хатсайри 220 кВ Хуҷанд–Айнӣ ва низоми ягонаи энергетикӣ дар шимол саҳм гузоштаанд. Ин лоиҳаҳо бо истифода аз қарзҳои имтиёзноки Хитой дар доираи СҲШ татбиқ ёфта, пеш аз муҳлат иҷро ва ба истифода дода шуданд.

Ин намунаҳо таъкиди равшани ҳамкории технологӣ ва энергетикии Тоҷикистон бо ширкатҳои пешқадам аз Чин мебошанд, ки боиси тақвияти инфрасохтори миллӣ, рушди қобилиятҳои техникӣ ва эҷоди замина барои тараққиёти иқтисодӣ гардиданд»[125].

Дар Тоҷикистон ҳамчунин шумораи зиёди ширкатҳои чинӣ фаъолият мебаранд, ки дар пешрафти иқтисоди кишвар нақши калидӣ доранд. Аз ҷумла, ширкатҳои мисли ZTE, ки дар соҳаи телекоммуникатсия ва таҷҳизоти шабакавӣ тахассус доранд, Sinohydro, ки таҷрибаи калон дар

сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ-обӣ дорад, ҳамчунин ширкатҳои истихроҷи маъдан ва металлургӣ ба монанди ZiJin ва CRBC, ки дар сохтмони роҳу пулҳо саҳм мегузоранд.

Таъкид бояд кард, ки воқеаи муҳиме, ки ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Чинро мустаҳкамтар кард, вохӯрии 14 апрели соли 2019 байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Чин Си Ҷинпин буд. Ин мулоқот дар доираи Форуми сатҳи баланд "Як камарбанд – як роҳ" дар шаҳри Пекин баргузор шуда, заминаи нави густариши муносибатҳои дуҷонибаро фароҳам овард ва дар бахшҳои сармоягузорӣ, тиҷорат ва нақлиёт дастгирӣ бахшид.

Дар ҷараёни вохӯрӣ масъалаҳои муҳимми ҳамкории дӯстӣ ва ҳамсоягии хуб миёни Тоҷикистон ва ҶХХ, ки дар чорчӯбаи шарикии стратегӣ қарор доранд, баррасӣ гардиданд. Эмомалӣ Раҳмон ва Си Ҷинпин таъкид карданд, ки ду кишвар равандҳои ҳамкориро дар сатҳи сиёсии боло ва бахшҳои иқтисод ва гуманитарӣ тақвият медиҳанд ва барои амалӣ намудани созишномаҳои қаблан имзошуда заминаҳои қавӣ фароҳам меоранд. Президенти Тоҷикистон нақши муҳим ва мусбати ҶХХ-ро дар рушди иқтисоди миллӣ, ҷалби сармоягузориҳои хитоӣ, афзоиши ҳаҷми гардиши мол ва пешбурди стратегияи миллии рушд ва саноаткунонии кишвар таъкид намуд.

Ҳамчунин: «дар доираи сафари Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Чин ҷонибҳо ба идома додани муборизаи муштарак бар зидди хатарҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ, ҷудоихоҳӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир изҳори омодагӣ карданд»[105].

Дар таърихи 4-6 июли соли 2024 Раиси ҶХХ Си Ҷинпин бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оварда буд. Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои гуногуни ҳамкории дуҷониба ва бисёрсоҳавиро миёни Тоҷикистон ва Хитой баррасӣ карданд. Зикр гардид, ки ташаббуси «Як камарбанд - Як роҳ» ва татбиқи босамари барномаи ҳамкории ду кишвар

накши муҳим дар амалӣ сохтани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 доранд.

Тоҷикистон ва Хитой зимни гуфтушунид ба мустаҳкам намудани муносибатҳои стратегӣ ва вусъат додани ҳамкориҳо дар соҳаи тиҷорат ва иқтисод маблағгузорӣ намудан ба лоиҳаи инвеститсионии аз тарафи Тоҷикистон пешниҳод гардида, бунёди паркҳои истеҳсолӣ ва корхонаҳои муштараки саноатӣ, рушди соҳаи истеҳсоли барқ тавассути вусъати истифодаи захираҳои бузурги обии Тоҷикистон, инчунин ҳамкориҳо дар соҳаҳои технологӣ, фарҳанг, илм, маориф, кишоварзӣ ва нақлиёт ақидаҳои худро баён намудаанд.

Инчунин, тарафҳо оид ба ҳамкории муштарак бар зидди таҳдидҳои амниятӣ – ифротгароӣ, ҷудоихоҳӣ, терроризм, ҷиноятҳои фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии нашъа, киберҷиноятҳо ва ғайра ҳамақидагии худро баён намудаанд.

Дар ин доира тарафҳо оиди масоили таъмини амнияти минтақа гуфтушунид карданд ва зарурияти ҳамкориҳоро дар соҳаи ҳарбию техникӣ, амнияти сарҳадӣ, инфрасохторҳои амниятӣ ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси низомӣ қайд намудаанд.

«Баъд аз анҷоми мулоқот дар Қасри миллат бо ширкати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Чин Си Ҷинпин маросими ифтитоҳи биноҳои нави Парламент ва Ҳукумати Тоҷикистон баргузор шуд.

Иншооти мазкур бо кумаки бепули Ҳукумати Чин, ки маблағи он тақрибан 1,5 миллиард юан (беш аз 230 миллион доллари ИМА)ро ташкил медиҳад, сохта ва ба истифода дода шуданд»[53].

Дар доираи лоиҳаҳои сохтмони биноҳои Парлумон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарҳи намоиши онҳо бо истифода аз унсурҳои фарҳангии миллӣ ва ҳунари баланди меъмории муосир омода карда шуд. Ин биноҳо бо услуби хоси миллӣ ва нақшу нигорҳои анъанавӣ сохта шудаанд. Ҳуҷраҳо, толорҳои маҷлисӣ ва пештолорҳо бо санъати гаҷкорӣ, кандакорӣ,

шишабандӣ ва инчунин бо сангҳои табиӣ оро ёфта, ба онҳо зебоии хосса бахшида шудааст.

Пас аз анҷоми мулоқот ва музокироти сатҳи олӣ, бо иштироки сарони давлатҳо дар Қасри миллат маросими оғози сохтмони ин биноҳо баргузор гардид. Ҳамзамон дар ин маросим сарварони ин ду мамлакат дар ҳузури ҳамдигар 29 санади муҳимро имзо карданд. Ҳамчунин, дар доираи сафари давлатии Раиси ҶХХ боз 3 санади тиҷоратӣ ба имзо расид:

Яке аз ҳуҷҷатҳои калидӣ Изҳороти муштараки Тоҷикистон ва Чин дар бораи таҳкими муносибатҳои ҳамаҷонибаи стратегӣ буд, ки онро ду сарвари давлат ба имзо расонданд, аз ҷумла:

1. Ёддошти тафоҳум оид ба мубодилаи ҳамкорӣ миёни Ҳизби Халқи Демократии Тоҷикистон ва Ҳизби Коммунистии Чин;

2. Номаҳои табодулӣ оид ба таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи рушди захираҳои инсонӣ байни Тоҷикистон ва Чин дар самти нерӯи таҷдидшавандаи чаҳорчӯби Ташаббуси ҷаҳонии рушд;

3. Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии Ҷумҳурии Мардумии Чин;

4. Созишнома байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба эътирофи мутақобила ва баробарарзишии ҳуҷҷатҳои тахассусӣ, дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ;

5. Созишнома байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва технологияҳои иттилоотии Ҷумҳурии Мардумии Чин;

6. Ёддошти тафоҳум байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати савдои Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба маъданҳои нави энергетикӣ;

7. Ёддошти тафоҳум оид ба тақвияти ҳамкорӣ бо мақсади рушд ва мусоидат ба амалишавии Ташаббуси рушди ҷаҳонӣ миёни Вазорати рушди

иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии рушди ҳамкорӣ байналмилалии Чин;

8. Ёддошти тафоҳум байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии Чин оид ба ҳамкории байналмилалӣ оид ба пешбурди лоиҳаҳои кумакҳои бебозгашт дар соҳаи инфрасохтор;

9. Созишномаи байниидоравӣ оид ба рушди иқтисодӣ миёни Департаменти робитаҳои байналмилалии Комиссияи миллӣ оид ба рушд ва ислоҳоти Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10. Ёддошти тафоҳум оид ба рушди ҳамкории сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикаи нав миёни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тиҷорати Ҷумҳурии Мардумии Чин;

11. Номаҳои табодулӣ оид ба гузаронидани тадқиқоти техникӣ — иқтисодӣ роҷеъ ба сохтмони гузаргоҳи бисёрсатҳа дар шаҳри Душанбе;

12. Созишнома оид ба пешниҳод намудани кумаки бебозгашт байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин.

13. Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Медиакорпоратсияи Чин CMG;

14. Созишнома оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин;

15. Протокол байни Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Саридораи гумруки Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба талаботи фитосанитарӣ доир ба содироти хурмои тару тоза аз Ҷумҳурии Тоҷикистон;

16. Ёддошти тафоҳум дар самти карантини воридот ва содироти ҳайвонҳо ва гиёҳҳо байни Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати гумруки Ҷумҳурии Мардумии Чин;

17. Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати давлатии радиошунавонӣ ва телевизиони Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ”;

18. Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва сайёҳии Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи мусоидат ба сафарҳои гурӯҳии сайёҳони чинӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

19. Ёддошти тафоҳум байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Идораи миллии матбуот ва интишороти Чин оид ба тарҷума ва нашри осори классикон;

20. Ёддошти тафоҳум байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои кишоварзии Синзяни Ҷумҳурии Мардумии Чин;

21. Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар самти тиҷорати электронӣ байни Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тиҷорати Ҷумҳурии Мардумии Чин;

22. Созишномаи ҳамкорӣ байни Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва иттилооти Ҷумҳурии Мардумии Чин;

23. Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкории Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маъмурияти миллии бехатарии корҳо дар соҳаи кӯҳкории назди Вазорати эътино оид ба ҳолатҳои фавқулодаи Ҷумҳурии Мардумии Чин;

24. Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин;

25. Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкории мутақобилаи Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар”-и Тоҷикистон ва рӯзномаи “Жэнмин Жибао”-и Чин;

26. Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар” ва Медиакорпоратсияи Чин CMG;

27. Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Муассисаи давлатии “Телевизиони Сафина” ва Медиакорпоратсияи Чин CMG;

28. Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Муассисаи далватии “Ҷаҳоннамо” ва Медиакорпоратсияи Чин CMG. [112].

Пас аз анҷоми маросими имзои санадҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Си Ҷинпин нишасти матбуотӣ ороста, натиҷаҳои мулоқоту музокироти Тоҷикистону Чинро неку самарабахш арзёбӣ намуданд

Дар ҷараёни таҳқиқоти ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой маълум шуд, ки:

1. Муносибатҳои дуҷониба бо суръати баланди рушд ва дар сатҳи баланди сиёсӣ ҳамроҳ бо пойгоҳи ҳуқуқии устувор таъмин шудаанд. «То имрӯз зиёда аз 200 санади ҳуқуқӣ ва созишномаҳои гуногунсоҳа байни ду давлат ба имзо расидааст. Аз ҷумла, метавон ба Эъломияи муштараки принсипҳои асосии ҳамкорӣ, ки 9 марти соли 1993 дар Пекин қабул гардид, Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамсоягӣ ва ҳамкорӣ, ки 15 январи соли 2007 дар ҳамон ҷой имзо шуд ва инчунин Эъломияи муштараки сарварони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи таъсиси шарикии стратегӣ (20 майи соли 2013, Пекин) ишора кард»[150].

2. Дар оғози солҳои 1990-ум, муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Хитой дар сатҳи поёнӣ қарор доштанд, ки ин ба сабаби навтаъсис будани давлат ва оғози мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ бо сабабҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ марбут буд.

3. Пас аз ҳалли мушкилоти дохилӣ, аз ҷумла поёни ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва танзими баҳсҳои марзӣ бо ҶХХ, муносибатҳои иқтисодии ду кишвар дар марҳилаи нави рушди босуръат қарор гирифт.

4. Дар натиҷаи гуфтушунидҳои роҳбарони байни ду давлат оид ба рушди савдои байниҳамдигарӣ гардиши мол байни Тоҷикистону Хитой

танҳо аз 2,75 миллион доллари соли 1992 ба 1503,2 миллион доллари соли 2024 расонида шуд;

5. Дар давраи ҳозира дар Тоҷикистон зиёда аз 600 корхонаҳои муштараки тоҷикиву хитоӣ фаъолият доранд. Ширкатҳои хитоӣ дар соҳаи инфрасохтор, аз ҷумла сохтмони роҳҳо, нақбҳо, хатҳои интиқоли барқ ва зеристгоҳҳо, як қатор лоиҳаҳои калони стратегӣ амалӣ менамоянд.

## ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ

Аз таҳлили матнҳои дар боло овардашуда, ки боби 2-ро дар бар мегиранд, чунин хулосагирӣ намудан мумкин аст.

1. Аз соли 1991 то инҷониб миёни Тоҷикистон ва Чин суръати баландтарини гардиши мол ба чашм мерасад. Ин бобат Чин дар байни шарикони тиҷоратии Тоҷикистон ҷои дуюмро ишғол менамояд. Вобаста ба ин масоили душвортарин ин таносуби ғайриоқлонаи мийни содироту воридот мебошад. Ҳаҷми воридоти молҳо ба Тоҷикистон аз Чин нисбат ба ҳаҷми содироти он беш аз се маротиба зиёд мебошад. Мутаассифона, аз Чин ба Тоҷикистон ба миқёси бузург молҳое ворид мегарданд, ки барои истеҳсоли он дар Тоҷикистон ашёи хоми босифат ва пурсамар вуҷуд доранд.

2. Чунин вазъияти дар боло гуфташуда ба амалӣ гардонидани сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба табодули воридот ба таври ҷиддӣ таъсири манфӣ мерасонад. Бояд ин масъала аз тарафи комиссия муштарки ҳамкории иқтисодӣ ва илмӣ техникӣ бояд ба таври доимӣ муҳокима гардад ва қарорҳое қабқл карда шаванд, ки хусусияти комилан воқеӣ дошта бошанд.

3. Вазъияти муосири гардиши мол ва таносуби воридот ва содирот боиси афзудани вобастагии Тоҷикистон аз иқтисоди Чин мегардад. Ҳоло сиёсати Чин нисбат ба Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ғояҳои неолибералиро дар бар гирифтааст. Хеле хуб мешуд агар Чин аз чунин сиёсати ғайриоқилона нисбат ба давлатҳои ҳамсоя даст мекашид.

4. Чин дар байни сармоягузорони бурунмарзӣ оид ба сармоягузорӣ ба Тоҷикистон мақоми аввалро касб намудааст. Дар таркиби сармоягузорони Чин ҳиссаи сармоягузории ғайримустақим нисбати сармоягузорони мустақим хеле баланд мебошад. Чин кушиш менамояд, то бештар ба амалӣ гардонида лоиҳаҳои байналмилаӣ дар қаламрави Тоҷикистон таваҷҷӯҳ намояд. Миёни онҳо роҳҳо, ки асосан аз долонҳои байналмилалии нақлиётӣ иборат мебошанд ва инчунин, хатҳои электрикии баландшиддат мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Вақти он расидааст, ки Чин дар ҳамкориҳои худ ба рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва паҳн намудани инноватсияҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд.

5. Сармоягузориҳои Чин аз назари барҳам додани таносуби иҷтимоӣ-иқтисодии байни минтақаҳо ягон нақш намебозанд. Беш аз 70%-и маблағгузориҳои Чин ба шаҳри Душанбе равона карда мешаванд. Зарур аст, ки минбаъд сармояҳои Чин барои аз байн бардоштани нобаробариҳои иқтисодӣ-иҷтимоии минтақавӣ бештар истифода гарданд.

6. Таркиби ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузории байни Тоҷикистону Чин ба такмил ниёз доранд. Зарур аст, ки таркиби чунин ҳамкориҳо ба манфиати иқтисоди сабз, рушди экологӣ, таъмини техникаю технологияи нав, хусусан дар саноат ва кишоварзӣ, омоданамоии мутахассисони соҳибкасб, истифодаи манбаъҳои барқароршаванда, равона гарданд. Чунин ҳамкориҳо барои муваффақ гардидани Тоҷикистон нисбати ҳадафи чоруми стратегии Тоҷикистон, яъне саноатикунонии босуръат муҳим мебошад.

7. Зарур аст, то таносуби байни қарзҳо ва сармоягузории мустақим ба нафъи сармоягузорҳо тағйир дода шавад. Афзоиши сармоягузориҳои мустақим то ба сатҳи қарзҳо ва болоравӣ нисбати онҳо имкон медиҳад, ки масоили муҳимтарини рушди иҷтисодии Тоҷикистон дар солҳо наздик ҳалли худро пайдо намоянд.

8. Ҳамкориҳои Тоҷикистону чин муҳтоҷи диверсификатсия мебошанд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини робитаҳои номбурда ин афзоиши саҳмгирии

Чин оид ба афзудани нерӯи содиротии Тоҷикистон мебошад. Хуб мешуд, ки Чин ба Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи бисёрсолааш чунон мададе расонад, ки аз як тараф таносуби содироту воридоти Тоҷикистон баробар гардад ва аз тарафи дигар мавқеи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ мустаҳкам ва рақобатпазир шавад.

# БОБИ 3. ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА ХИТОЙ ДАР ҚАРИНАИ ВАЗЪИ КУНУНИИ ГЕОИҚТИСОДӢ

## 3.1. Таъсири омилҳои геоиқтисодӣ ба рушди минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Хитой

Хитой аз соли 2005 инҷониб ба қатори се шарики иқтисодии хориҷии Тоҷикистон ворид шуд ва ҳоло бузургтарин сармоягузор ба иқтисоди Тоҷикистон мебошад. Соли 2006-ро метавон дар таърихи навини ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии дуҷониба "марҳилаи гардиш" номид. «Дар санаи 14 июни соли 2006 дар Шанхай ва бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Ҳу Ҷинтао, як маҷмуи созишномаҳои қарзӣ байни Вазорати молияи Тоҷикистон ва Эксимбонки Хитой ба имзо расид. Дар тули як моҳ бо ширкати бузургтарини чинӣ дар Тоҷикистон иҷрои тарҳҳои зерсохтҳои саросарии кишвар, аз ҷумла тарҳҳои дорои аҳаммияти минтақавӣ оғоз шуданд»[15, С.38]. Дар натиҷаи амалӣ гардонидани тарҳҳои номбаршуда даромади реалии аҳолӣ хеле зиёд шуд. [15, С.12]. Мамлакат ба вусъат додани сохтмон ва соҳибкорӣ сар кард. Фазои соҳибкории кишвар низ дар натиҷаи ислоҳот хеле беҳтар гардид. Чунин беҳбудӣ дар воридшавии назарраси сармояи хориҷӣ аз ҷумла, сармоя ҶХХ ба Тоҷикистон инъикос ёфт.

«Ҳукумат векторҳои нави рушди иқтисодиро муайян намуда, консепсияи рушди соҳаи гидроэнергетикаи кишвар ва истифодаи оқилонаи захираҳои гидроэнергетикиро таҳия кардааст. Танҳо дар чор соли охир (2020-2024) бо назардошти лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ба соҳаи энергетикаи кишвар ҳудуди 1,5 миллиард доллар ҷудо шудааст»[16].

Дар бахшҳои алоқа, саноати сабук ва истихроҷи маъдан корхонаҳои муштараки зиёде таъсис ёфта, фаъолияти пурсамар доранд. Дар ин корхонаҳо ҳам мутахассисону коргарони тоҷик ва ҳам хитоӣ фаъолият мекунанд. Дар соли 2023 ҳаҷми умумии қарзҳои имтиёзнок ва

сармоягузории Ҳукумати ҶХХ ба иқтисоди Тоҷикистон тақрибан 3,7 миллиард долларро ташкил дод, дар ҳоле ки сармоягузории мустақими ширкатҳои чинӣ аз соли 2005 то ҳол наздик ба 2,5 миллиард доллар аст. Гарчанде сохтори молиявии муомилоти дуҷониба гуногун ва нобаробар бошад, он бештар имкониятҳои иқтисодии ду кишварро нишон медиҳад. Масалан, дар содироти молҳо аз Хитой ба Тоҷикистон, ғайр аз маҳсулоти анъанавии истеъмолӣ, маҳсулоти нассоҷӣ ва либосу пойафзол, ҳиссаи маҳсулоти мошинсозӣ ва электроника дар солҳои охир ба таври назаррас афзудааст.

Ширкатҳои чинӣ саъй доранд ба он бахшҳое, ки ҷониби Тоҷикистон бештар ба онҳо таваҷҷуҳи зиёд дорад: саноати кӯҳӣ, нассоҷӣ, телекоммуникатсия ва сохтмон фаъолона ворид шаванд. Майлу хоҳиши тарафайн дар доираи кооператсия ҳамаи марҳалаҳои «сикли ҳаёти маҳҳсулот»-ро фаро мегирад. Соҳаи ғайриистехсолӣ низ босуръат тараққӣ мекунад. Мушаххас аст, ки бозори Тоҷикистон бо фазои мусоиди сармоягузорӣ барои ширкатҳои чинӣ бештар ҷолибтар мешавад.

Таҳлили сол аз сол ба қайд гирифташуда, яъне хронологӣ нишон медиҳад, ки устувор гардидан ва афзудани миқёси робитаҳои гуногунҷабҳаи байни ҶТ ва ҶХХ дар чорчӯбаи СҲШ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамчун самти муҳимтарин ва афзалиятнок мавқеи худро пайдо кардааст.

Дар ин замина, Хитой ҳамчун давлати абарқудрат ва босуръат рушдёбанда дар ҷаҳон пазируфта мешавад, ки дар солҳои охир мақоми содиркунандаи молу сармояро дар арсаи ҷаҳонӣ тақвият бахшидааст. Тоҷикистон, ки дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва барқарорсозии пас аз ҷанг қарор дорад, барои татбиқи лоиҳаҳои муҳими рушди иқтисодии худ ба сармояи хориҷии калони стратегӣ эҳтиёҷ дорад. Аз ин рӯ, Хитой метавонад ҳамчун манбаи муҳими алтернативии сармоягузорӣ барои Тоҷикистон хизмат кунад.

Ҳузури иқтисодии Хитой дар Тоҷикистон бо назардошти ҳаҷми иқтисодии кишвари мо аҳаммияти зиёд дорад. Ин ҳузур: «бештар дар соҳаи

тиҷорат ва низ дар шакли ёрӣ ва кумакҳои молиявӣ, аз ҷумла қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо таҷассум меёбад. Ҳукумати Хитой дар нақши қарздиҳандаи аслӣ барои Тоҷикистон аз созмонҳои молии байналмилалӣ ва давлатҳои дигар хеле пешсаф аст. Роҳбарони ду давлат барои татбиқи лоиҳаҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки қарзҳои имтиёзноки ҳукуматии Хитойро дар бар мегиранд, тактикаи муваффақро истифода бурдаанд. То моҳи январ 2023 ҳаҷми умумии сармоягузории молиявӣ аз ҷониби Хитой дар Тоҷикистон на камтар аз 1,95 миллиард долларро ташкил дода, тақрибан 40-50 дарсади бахши энергетика ва сӯзишвориро фаро мегирад.

Саноати барқи Тоҷикистон яке аз соҳаҳои аввалин буд, ки аз сармояҳои молиявии Хитой баҳра бурд. Дар ин бахш, лоиҳаҳои мухталифе, аз ҷумла хатҳои интиқоли барқи баландшиддати «Лолазор-Хатлон» ва «Ҷануб-Шимол», ки соли 2009 мавриди истифода қарор гирифтанд, амалӣ шуданд. Инчунин, нақшаҳои сохтмони нерӯгоҳҳои барқии Нуробод-2 ва Зарафшон таҳия ва таҳрим шуда буданд. Дар солҳои охир низ Тоҷикистон бо маблағгузории молии Хитой як қатор тарҳҳои муҳими инфрасохториро, аз қабили таҷдиди роҳи Душанбе-Хуҷанд-Чанок, сохтмони нақби роҳи Шаҳристон (180 км шимолтар аз Душанбе) ва нақби роҳи оҳани Шаршар (80 км ҷанубу шарқ аз пойтахт) амалӣ намудааст» [15, С.35].

Дар солҳои охир ҶХХ таваҷҷуҳашро ба захираҳои металлҳои қиматбаҳо, ранга ва нодиру парокандаи Тоҷикистон бештар зоҳир кардааст. Ин раванд асосан ба эҳтиёҷоти афзояндаи иқтисодиёти рушдёбандаи Хитой вобаста аст, зеро истифодаи металҳои ранга ва нодир барои рушди саноат, бахусус мошинсозӣ ҳатмӣ мебошад. Дар байни металлҳои муҳим барои Хитой дар Тоҷикистон махсусан тилло, нуқра ва алюминий ҷойгоҳи аввалро доранд. Ин бобат дар Тоҷикистон нақшаҳои зиёди муштараке татбиқи худро ёфтаанд. Аммо имкониятҳои хеле зиёде вуҷуд дорад, ки онҳо то ҳол мавзуи баррасии идораҳои давлатӣ ва ширкатҳои калонтарини Чин қарор гирифтаанд. Хусусан ин бобат азхуд кардани конҳои маъдани “московит” дар ноҳияи Дарвоз ва сионитҳо дар ноҳияи Ғарм мақоми махсус доранд. Дар

Хитой технологияҳои аз московит ва сионит истеҳсол намудани алюмини сифати аввалиндошта ҳанӯз дар солҳои 2000-ум сохта шуда буданд. Истифобараии чунин технология дар Тоҷикистон имконият медиҳад, ки истеҳсоли арзиз якчанд маротиба зиёд карда шавад ва аз маъданҳои боло номбурда миқдори зиёд металҳои ранга, нодир ва пароканда инчунин баъзе намудҳои маводи кимиёвӣ истеҳсол карда шаванд. Ғайр аз ин, ҳамкориҳои ду кишвар ба соҳаҳои нақлиёт, энергетика, бахусус гидроэнергетика, савдои наздисарҳадӣ ва дигар равандҳои иқтисодию тиҷоратӣ равона шудаанд. Ҳамаи ин бахшҳо дар чаҳорчӯби созишномаҳои ҳамкорӣ ба лоиҳаҳои мушаххас табдил ёфта, мустақилона амалӣ мешаванд. Бо кумак ва сармоягузории имтиёзноки Хитой дар Тоҷикистон бунёди роҳҳо, пулҳо, нақбҳо, хатҳои баландшиддати барқ ва корхонаҳои саноати сабук ва маъдан идома дорад.

Барои Тоҷикистон яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ин рушди соҳаи гидроэнергетика мебошад. Ояндаи иқтисод ва сатҳи зиндагии мардум бевосита ба пешрафти ин соҳа вобаста аст. Аз ин рӯ: «гидроэнергетика дар ҳамкориҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Хитой ҳамчун бахши афзалиятнок шинохта шудааст. Тоҷикистон дорои захираҳои обии фаровон ва шароити мусоид барои рушди нерӯгоҳҳои обӣ мебошад. Тибқи гуфтаҳои мутахассисони Тоҷикистон, иқтидори захираҳои обии кишвар дар сатҳи ҷаҳон дар ҷойи ҳаштум қарор дорад. Ин иқтидор тақрибан 525 миллиард киловатт-соатро ташкил медиҳад, ки айни замон камтар аз 5 фоизи он истифода мешавад» [15, С.27].

Фаъолияти пурсамари ширкатҳои чинӣ боиси он гардид, ки дар Тоҷикистон омодагӣ барои афзун гардонидани нақши Чин дар бунёди пойгоҳҳои энергетикӣ афзудааст. Дар Тоҷикистон олимон ва мутахассисон хуб медонанд, ки танҳо рушди босуръати сохтмони неругоҳҳои нав метавонад ба ҳамаи бахшҳои иқтисод ва таъмини нерӯи барқ барои аҳолӣ таъсири муфид расонад ва онҳоро аз ҳаргуна мушкилӣ берун созад. Зеро Тоҷикистон захираҳои назарраси нафт ва газ надорад, ки камбудии нерӯро

ҷуброн намояд. Ҳамчунин, рушди иқтисоди Тоҷикистон минбаъд ба тахкими саноати маъдани кӯҳӣ ва металлургия, ки ба барқ талаботи баланд доранд такя мекунад. Ҳамчунин, ширкатҳои чинӣ ин вазъиятро хуб мефаҳманд, чунки онҳо аллакай дар баъзе минтақаҳои истихроҷи маъданҳои Тоҷикистон фаъолият мекунанд.

Тибқи маълумотҳо, дар Тоҷикистон ҳудуди 400 кони маъданҳои фоиданок мавҷуд аст, ки аз онҳо тақрибан 100 кон барои истифодаи саноатӣ мувофиқ эътироф шудаанд. Тараққиёти саноати маъданӣ мустақиман ба захираҳои энергетикии кишвар вобаста аст. Бояд дар назар дошт, ки рушди гидроэнергетика барои сармоягузороне, ки ба бахшҳои барқталаби иқтисодиёт маблағгузорӣ мекунанд, судманд хоҳад буд, зеро нерӯйи барқе, ки дар нерӯгоҳҳои барқии обӣ истеҳсол мешавад, арзиши пасти як воҳиди нерӯйи истеҳсолшуда дорад. Аз ин рӯ, муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Хитой, ки бар пояи ҳамсоягии хуб ва эътимоди тарафайн устувор шудаанд, дар ҳоли рушд ва густариш мебошанд ва хусусияти муваққатӣ надоранд, балки барои дарозмуддат пешбинӣ шудаанд. Тоҷикистон аз имкониятҳои ҳамкориҳои судманд бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва захираҳои дохилии худ барои тақвияти истиқлолияти давлатӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ истифода бурда, талош мекунад сатҳи зиндагии аҳолии ниёзмандро беҳтар ва камбизоатиро кам кунад.

Дар ҷумҳурӣ стратегияи раҳоӣ аз бунбасти нақлиётӣ амалӣ мегардад. Ин раванд асосан: «ба таъсиси як шабакаи ягонаи нақлиётӣ дар дохили кишвар ва пайвастани он бо низоми ҷаҳонии нақлиёт тавассути ҳамсояҳо, инчунин ҳамроҳ шудан ба созишномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия асос ёфтааст. Дар давраи солҳои 2005 то 2023 афзоиши миёнаи солонаи сармоягузорӣ ба соҳаи коммуникатсияҳои нақлиётӣ тақрибан 11,5 дарсадро ташкил дод. [15, С.21]. Тайи 20 соли ахир ба шарофати сармоягузориву бурсияҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон 62 лоиҳа, аз ҷумла 1,9 ҳазор километр шоҳроҳи ҷумҳуриявӣ, 35 пул, 29 километр нақб ва роҳҳои ба тарма тобовар амалӣ гардиданд ва ё дар марҳилаи ниҳоии

татбиқ қарор доранд. Дар ин раванд нақши Хитой хеле муҳим ва таъсиргузор аст. Ҳиссаи ин кишвар дар рушди инфраструктураи нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ дар Тоҷикистон хеле назаррас мебошад» [15, С.28].

Бо мақсади мустаҳкам намудан ва инкишоф додани алоқаҳои иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ як қатор самтҳои перспективии ҳамкориро муайян кардан мумкин аст, ки амалӣ гардонидани онҳо барои тезонидани раванди саноаткунонии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад:

Дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ:

1. Омӯзиши ҳамаҷонибаи геологии конҳои назарраси нафту гази ҷумҳурӣ тавассути ташкили гурӯҳи махсуси корӣ;

2. Коркарди конҳои ангишти Тоҷикистон бо роҳи ташкили корхонаҳои муштарак;

3. Сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4. Ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи энергияи офтоб.

5. Азнавтаҷҳизонии техникии заводи шишаи «ЛАЪЛ» дар шаҳри Хуҷанд;

6. Сохтмони корхонаҳои хурди истеҳсоли маводҳои сафолӣ;

7. Ташкили корхонаи муштарак барои истихроҷ ва коркарди сангҳои мармар;

8. Дар базаи заводи трансформатори Кургонтеппа ташкил намудани корхонаи муштаракм доир ба тавлид ва таъмири трансформаторҳо;

9. Аз асосҳои табиӣ ва синтетикӣ тавлид намудани рангу лакҳо дар доираи корхонаи муштарак;

10. Ба кор андохтани корхонаҳои муштарак бо мақсади афзоиши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ (зарфҳои чинӣ, сафолӣ, маснуоти заргарӣ, коркарди чарм, истеҳсоли термос, собун, маводи шустушӯйӣ ва ғайра).

11. Вусъат dодани истеҳсол ва коркарди пилла дар заминаи ҶСК «Тоҷикатлас»;

12. Ташкили корхонаи муштарак доир ба тавлиди маводи кабелӣ дар базаи ҶСК «Тоҷиккабел»;

13. Таъсиси корхонаҳои гуногуни муштарак оид ба истеҳсоли масолеҳи сохтмон;

14. Таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба ташкили васеи ҳамкориҳо вобаста ба истихроҷ ва коркарди маъданҳои зеризаминӣ, металҳои ранга ва қиматбаҳо, ашёи хоми кимиёвӣ ва сангҳои қиматбаҳо ва нимқимматбаҳо;

15. Ташкили корхонаи муштарак оид ба истеҳсоли лампаҳои каммасраф. Ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия:

– ташкили корхонаи муштараки васлкунии мошинҳо дар заминаи корхонаҳои таъмири мошинҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии масъалаи иштирок дар маблағгузории сохтмони роҳи автомобилгард дар қитъаи Мурғоб – Тохтамиш ва сохтмони гузаргоҳҳои пулӣ дар қитъаи Анҷироби Поён – Шагон;

– анҷоми сохтмони гузаргоҳи Хоруғ – Мурғоб - Кулма ба сӯйи роҳи автомобилгарди Кароқурум.

Ёрии техникии молиявӣ ва иқтисодии Чин хусусан барои барқарор намудани он сектори Роҳи Абрешим, ки тавассути Бадахшону Кӯлоб ба Душанбе омада ба қисматҳои Ғарбӣ ва Шимолии Тоҷикистон равон мегардад, калон мебошад. Ширкатҳои хусусии Чин метавонанд, ки дар ду тарафи Роҳи абрешим, ки ҳоло ба автомагистрали асосӣ байни Тоҷикистону Чин табдил ёфтааст объектҳои инфрасохтори руироҳиро бунёд созанд ва бо ин роҳ самаранокии иқтисодии долонҳои байналмилалии иқтисодиро такон диҳанд.

### 3.2. Самаранокии ҳамкориҳои иқтисодии байни Тоҷикистону Хитой омилҳои баланд бардоштани он

Мамлакатҳое, ки дар паҳлуи якдигар ҷойгиранд ва бо марзҳои муштарак пайванд доранд, дар як минтақаи воҳиди ҷуғрофӣ қарор гирифта, аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хусусиятҳои шабеҳи зиёд доранд. Маҳз: «таркиби аҳолӣ, заминаҳои таърихии этникӣ ва низоми хоҷагидории онҳо дар бисёр мавридҳо ба ҳам наздик мебошанд. Ин наздикӣ ва ҳаммонандӣ шароити мусоидеро барои ташаккули равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҳамоҳанг фароҳам меорад, ки дар заминаи ҳамкориҳои байналмилалӣ, имкони баромад намудани ин давлатҳо ҳамчун бозигарони муассир ва воқеӣ дар саҳнаи иқтисоди ҷаҳониро афзоиш медиҳад»[26].

Арзёбии амиқи фарқиятҳои ҷойдошта миёни кишварҳо дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки роҳандозии сохторҳои мутаҳид, аз ҷумла иттиҳоди гумрукӣ, бозори ягона ва якпорчагии иқтисодӣ дар чаҳорчӯби Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё як ҷараёни тулонии вақтталаб аст. Яке аз омилҳои асосие, ки дар ин раванд нақши калидӣ мебозад, мутобиқ намудани низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишварҳои узв мебошад.

Дар баробари омилҳои зикршуда, як қатор сабабҳои иловагӣ ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитойро то андозае маҳдуд месозанд, аз ҷумла:

- бартарияти идоракунии иқтисодӣ бо усулҳои маъмурӣ дар сохторҳои давлатӣ;
- мизони баланди фасодкорӣ ва паҳншавии густардаи иқтисоди ношаффоф (ғайрирасмӣ);
- камбуди муҳити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ;
- чораҳои нофилои ҳукуматӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи мунтазами сиёсати муҳофизакорона нисбат ба ширкатҳои хориҷӣ, аз ҷумла аз кишварҳои ҳамсоя;

- сатҳи пасти гуногунсози (диверсификатсионӣ) иқтисоди миллӣ ва такяи асосӣ ба ашёи хом дар бахшҳои истеҳсолот ва содирот.

Ин гуна монеаҳо метавонанд суръат ва самаранокии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Чинро коҳиш диҳанд ва истифодаи босамари имкониятҳои рушди минтақавиро ба таъхир андозанд. Бояд гуфт, ки гардиши сусти савдои чакана низ ба рушди ҳамкориҳо дар бахшҳои калидӣ: тиҷорат, логистика ва ҳамлу нақл монеа эҷод мекунад. Зикр кардан ҷоиз аст, ки ҳамин гуна монеаҳо то имрӯз ба рушди иқтисоди баъзе кишварҳои берун аз Иттиҳоди Авруосиё низ таъсири манфӣ расонида, кишварҳое чун Чин, Эрон, Туркия ва Ҷумҳурии Корея дар муқоиса бо давлатҳои дигари минтақа ба чунин мушкилот тезтар ва муассиртар посух додаанд.

Дар Тоҷикистон соҳаҳои истеҳсолии иқтисод ва солҳои баъди истиқлол барои қонеъ гароднидани талаботи бозори дохилӣ равона шудаанд. Ин вазъият барои ҳамгироии минтақавӣ мушкилоти муайянеро ба вуҷуд овардааст. Чунин соҳаҳо аз қабили истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва худи сохтмон, инчуни саноати хӯрокворӣ, хизматрасониҳои рӯзғор ба таври назаррас афзоиш меёбанд. Аммо корхонаҳое, ки барои содирот ба бозорҳои хориҷӣ кор мекунанд, ба ғайр аз корхонаҳои маводи нафтӣ, гази табиӣ ва алюминии хом истеҳсолкунанда начандон дорои суръати баланд мебошанд.

Дар солҳои охир, ихтилофҳо миёни кишварҳои болооби ҳавзаи Арал ва онҳое, ки захираҳои сӯзишвории карбогидридӣ истеҳсол мекунанд, бештар зуҳур кардаанд. Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки дар манотиқи болооб ҷойгиранд, барои ба даст овардани нақши бештар дар истифодаи захираҳои обӣ талош доранд, бо истифодаи онҳо дар истеҳсоли нерӯи барқ. Дар муқобил, кишварҳои соҳиби карбогидрид бештар манфиатдори содироти ин захираҳо ба хориҷ буда, ба идеяи муомилаи об бо энергетика чандон розӣ нестанд. Онҳо муътақиданд, ки масъалаҳои вобаста ба об бояд миёни ҳамаи кишварҳои ҳавза баробар ҳал шаванд.

Аз нигоҳи Тоҷикистон ва Қирғизистон, об як манбаи стратегии миллӣ буда, бояд зери ихтиёри мустақими онҳо бошад. Онҳо пешниҳод доранд, ки

оби ҷамъшуда дар обанборҳо чун як захираи арзишманд метавонад дар шакли фурӯш истифода шавад. Ҳамчунин, ташкили бозори минтақавии обро ҳамчун воситаи муташаккил барои танзими муносибатҳои захиравӣ мебинанд. Баъзе далелҳо зарурати мубодилаи об бо манобеи энергетикиро дар минтақа тасдиқ мекунанд, ки метавонад замина барои як ҳамкории мутақобилан судманд гардад.

Нобаробариҳо ва ихтилофҳое, ки дар чаҳорчӯби Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ҷой доранд, то ҳол пурра рафъ нагаштаанд. Бо вуҷуди ин, интизор меравад, ки дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) барои ҳалли чунин масъалаҳо равишҳои муассир ва боадолат пайдо хоҳанд шуд. Дар ин замина, андешаи иқтисоддони маъруф У. Алимов қобили таваҷҷуҳ аст. Ба гуфтаи ӯ: «Созмони Ҳамкории Шанхай, ки дар назди худ ҳадафҳои фарох ва муҳим гузоштааст ва ба масъалаҳои иқтисодиву сиёсӣ аҳамияти махсус медиҳад, дорои иқтидори бештар барои расидагӣ ба чунин мушкилот мебошад»[10].

Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамчун яке аз бозигарони асосии минтақа, метавонад нақши муҳим дар рушди ҳамгироии энергетикӣ ва захираҳои обӣ дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) дошта бошад. Дар сурати муайян гардидани мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои захираҳои табиӣ, саҳми Пекин метавонад дар самти истифодаи дурусти об ва энергетика боз ҳам муассиртар гардад. Чин, дар ҳамкорӣ бо Федератсияи Русия, тавоноии ҷалби сармоя ва технологияро барои татбиқи тарҳҳои бузург дар соҳаи гидроэнергетика дар кишварҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва ҳатто Афғонистон доро мебошад.

Захираҳои фаромарзии об, бахусус оби дарёи Панҷ, барои Тоҷикистон аҳаммияти стратегӣ доранд. Агар Чин дар ин самт бо иқдомҳои молиявӣ ва техникӣ баромад намояд, метавонад қисми нерӯи барқи истеҳсолшуда дар иншооти гидроэнергетикӣ ба минтақаҳои норасоии энергетикии ғарби Чин интиқол ёбад. Ин раванд, на танҳо ба таъмини устувории низоми

энергетикии Чин, балки ба беҳбуди вазъи экологӣ ва кам шудани сатҳи ифлосшавӣ низ мусоидат хоҳад кард.

Бо вуҷуди ин имкониятҳо, баъзе равандҳои сиёсии солҳои охир ба иҷрои бархе лоиҳаҳо монеа эҷод карданд. Барои мисол, ширкати чинӣ “Sinogidro” аз иҷрои лоиҳаи нерӯгоҳи Зарафшон пас кашид, ки тибқи бархе маълумот, сабабаш норозигии ҷониби Ӯзбекистон буд, ки он замон мавқеи мухолифро ишғол карда буд. Бо вуҷуди ин, интизор меравад, ки Чин дар ҷустуҷӯи механизмҳо ва усулҳои созиш миёни кишварҳои минтақа дар бахши захираҳои обиву энергетикӣ нақши мусбат ифо намояд.

Дар ҳамин замина, Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш аз иқтисоди барқароршаванда ба иқтисоди сармоягузорӣ қарор дорад. Ин тағйирот ҳамчун як ҷузъи зарурии рушди устувор арзёбӣ мешавад. Иқтисоди миллӣ торафт бештар ба воридшавии сармояҳои дохилӣ ва хориҷӣ вобастагӣ пайдо мекунад. Танҳо дар соли 2023, ҳаҷми сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар кишвар беш аз 24 фоиз афзудааст, ки нишонаи фаъолнокии рӯзафзуни сармоягузорони байналмилалӣ мебошад.

Дар ин раванд, лоиҳаҳои муштарак бо иштироки сармоягузорони Чин, аз ҷумла дар бахши роҳсозӣ ва энержӣ, инчунин сармоягузории Русия ва Эрон ба нерӯгоҳҳои Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2, нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон ба як самти ҷалби сармоя ва рушди зерсохторҳои стратегии минтақавӣ табдил ёфтааст.

Бо вуҷуди пешрафтҳои муайян, бояд таъкид кард, ки равандҳои мавҷуда асосан ба сохтмони иншооти нав равона шудаанд ва ҳанӯз масъалаи таҷдиди фондҳои кӯҳнаи асосии истеҳсолӣ дар минтақа боқӣ мемонад. Ин ҳолат дар шароите рух додааст, ки минтақа то ҳол қобилияти нигоҳ доштани ҷаззобияти худ барои сармоягузоронро нигоҳ медорад.

Дар ҳамин ҳол, сармоягузорони хусусӣ ва муассисаҳои молиявии байналмилалии боэътимод, ки асосан дар кишварҳои пешрафта фаъолият доранд, то ҳол таваҷҷуҳи ҷиддие барои ворид кардани маблағҳои худ ба иқтисоди Тоҷикистон зоҳир накардаанд. Омилҳои асосии боздоранда ба

набудани муҳити боэътимоди сармоягузорӣ дар дохили кишвар иртибот доранд.

Таҳлили вазъ нишон медиҳад, ки чандин мушкилоти низомӣ ва маъмурӣ монеаи рушди сармоягузорӣ гаштаанд. Аз ҷумла:

- ✓ Фаъолият дар шароите сурат мегирад, ки низоми мустақили додгоҳӣ ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст ва наметавонад кафолати ҳуқуқии сармоягузорро таъмин намояд;
- ✓ Қарорҳои додгоҳҳои байналмилалӣ ва арбитражҳо дар мавридҳои зарурӣ аз ҷониби шарикони маҳаллӣ ва идораҳои давлатӣ кам ба назар гирифта мешаванд;
- ✓ Дастгирии муассир аз тарафи мақомоти давлатӣ барои ҳалли мушкилоти пешомада аксаран вуҷуд надорад;
- ✓ Қабули қарорҳо ва тартиби бартарафсозии монеаҳо равшану возеҳ нест, ки ин боиси ноэътимодӣ дар миёни сармоягузорон мегардад.

Ғайр аз ин, муқаррароти ҳуқуқии марбут ба сармоягузорӣ дорои номуайянӣ ва номувофиқӣ мебошанд, ки фазои ҳуқуқиро барои фаъолиятҳои иқтисодӣ ноустувор месозанд. Ҳамчунин, дахолати беасоси мақомоти маъмурӣ ба фаъолияти ширкатҳо ва набудани кафолати воқеии ҳифзи моликият, сабаб шудааст, ки бисёре аз сармоягузорони хориҷӣ аз воруди маблағ худдорӣ кунанд.

Ҳолати номусоиди мавҷуда ба сармоягузорони кишварҳои минтақа ва инчунин ба сармоягузорони хориҷӣ бо таъсири баробар таъсир мерасонад. Дар натиҷа, ин омилҳо қобилияти ҳамаи сармоягузоронро барои ташаккули ва пешбурди ҳамкориҳои минтақавӣ маҳдуд месозанд.

Бояд махсус қайд намуд, ки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ворид намудани сармоя дар муқоиса бо сармоягузорони давлатҳои узви ИИАО каме хатарнок ва бохтнок мебошад.

Сухан дар бораи он меравад, ки ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ на ҳамавақт дорои натиҷаҳои мусбат мегарданд. Ин ҷо ба ҳолатҳои манфӣ низ тез-тез дучор шудан мумкин аст. Ба ҳамаи ин нигоҳ нокарда натиҷаҳои

мусбӣ зиёдтар ба чашм мерасанд. Ин маънои онро надорад, ки дар минтақа имконияти пешгирӣ намудани натиҷаҳои номатлуб набошад. Чунин имкониятҳои вуҷуд доранд ва онҳо аз таҳлилу аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани қарорҳои қабулшуда вобастагӣ доранд.

Сар то сари ҷаҳон дар самти баҳодиҳӣ дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ таҷрибаи бузурге ғун гардидааст. Дар минтақаҳо як қатор муассисаҳое пайдо шудаанд, ки тахассусашон пешбарии ҳамгироии иқтисодӣ мебошад. Чунин муассисаҳо таҷриба ва дорои фаъолияти мусбӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки дигаргуниҳои сиёсӣ ба фаъолияти чунин ниҳодҳо чандон таъсири манфии назаррас надоранд. Баръакс, ИА ҳамчун як иттиҳоди минтақавӣ раванди ҳамгироиро ба таври ҷиддӣ дастгирӣ мекунад. Аксари омилҳо аз сатҳ ва сифати аъзогии кишварҳо дар ин ё он иттиҳод вобастагӣ доранд. СҲШ муттассифона то ҳоло наметавонад, ки барои тезонидани ҳамгироии минтақавӣ аз иқтидори сиёсӣ ва қудрати назаррасаш истифода барад.

Вохӯрии ба наздикӣ дар Самарқанд барпогардидаи ИА ва сарони давлатҳои Осиёи Маркази ин ояндаи умедбахш мебошад. Ҳоло ҳар ду тараф кӯшиш дорад, ки қарорҳои қабулкардаро ба иқдомҳои амалӣ табдил диҳанд.

Баъзе марказҳои ҳамгироии иқтисодӣ ҳаҷм ва самаранокии чорабиниҳои интегратсиониро бо назардошти натоиҷи таҳқиқоти илмӣ, намояндагони гурӯҳҳои соҳибкории кучак, миёна ва бузург, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ ва инчунин, бо назардошти мавқеи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявию иқтисодӣ мушаххас мегардонанд. Аксари кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ ниҳода манфиатҳои иқтисодӣ-иҷтимоии худро дар ҳамкориҳои минтақавӣ тавассути мақомоти иттилоотии мамлакатҳои муттараққӣ сар то сари ҷаҳон таблиғ мекунанд.

Он чизе, ки дар боло зикр гардид, таълифи маҷмуаҳои назариявӣ ва консептуалӣ, ҳамчунин пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати беҳбуди муносибатҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии

Хитойро тақозо менамояд ва дар ин замина барои онҳо аҳамияти махсус қоил мешавад.

Талаботҳои зикршуда чанд ҷанбаи муҳимро фаро мегиранд:

- Дар давраи дарозмуддат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷои як намуди модели рушд як модели дигар ҷойгузин мешавад, ки асосаш ба воридоти васеи сармояи дохилӣ ва хориҷӣ такя мекунад. Ин тағйирот бояд ба бозсозии сохтори муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва Чин оварда расонад;
- Модели нави иқтисодии Тоҷикистон таҳия шудааст, то суръати рушди иҷтимоӣ ва иқтисодиро тез кунад ва сатҳи рақобатпазирии иқтисоди кишварро баланд бардорад;
- Амалӣ сохтани модели нав вобаста ба таъмиру таҷдиди фонди асосӣ нишон медиҳад, ки талабот ба он хеле зиёд аст. Тоҷикистон имконият дорад, ки барои таҷдиди инфрасохтори худ аз кишварҳои бо саноати пешрафта, аз ҷумла Чин, истифода барад ва ширкатҳои чинӣ бо дигар ширкатҳои минтақавӣ барои гирифтани фармоишҳои истеҳсолӣ рақобат кунанд;
- Афзоиши талаботҳои истеъмолӣ дар Тоҷикистон, махсусан ба маҳсулоти босифати ғизоӣ, ашёи рӯзгор ва либосу пойафзол, талабот ба таҷҳизоти муосирро зиёд месозад. Ин метавонад боиси болоравии нархҳо гардад, зеро маҳсулоти сифатнок арзиши бештар доранд. Ҳукумат бояд барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат чораҳои зарурӣ андешад ва афзоиши нархҳоро дар доираи назорат нигоҳ дорад;
- Модели нав ба рушди босуръати инноватсияҳо дар тамоми бахшҳои иқтисод равона аст ва истифодаи таҷҳизоти фарсударо маҳдуд намуда, такя ба техникаи нав ва пешрафтаро талаб мекунад, ки ба беҳтар шудани ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунад. Тавре доктор Шамшод Ахтар таъкид мекунад, омилҳои муҳимтарини инкишофи ҳосилнокӣ ин сифати қувваи корӣ, саломатӣ, навоварӣ, сармоягузории хориҷӣ,

инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ ва дастрасии осон ба маблағгузорӣ мебошанд;

- Модели нави сармоягузорӣ, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, пайгирӣ мекунанд, таъкид мекунад, ки иқтисод бояд диверсификатсия шавад ва бахшҳои бо арзиши изофаи баланд афзоиш ёбанд. Ин раванд метавонад ба тағйироти куллӣ дар муносибатҳои тиҷоратӣ ва саноатии байни Тоҷикистон ва Чин оварда расонад;
- Афзоиши ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни Тоҷикистон ва Чин метавонад сохтори муносибатҳои тарафайнро тағйир диҳад, махсусан дар самти сиёсати ҷойивазкунии воридот, ки солҳои охир барои бисёр кишварҳои минтақа маъмул гаштааст. Ин сиёсати нав воридоти молу хизматрасониҳоро, ки қаблан асосан аз кишварҳои сеюм мерасиданд, ба бозорҳои дохилӣ ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё равона мекунад. Ин раванд нақши Чинро дар ин минтақа дар амри диверсификатсия ва кам кардани вобастагӣ аз воридот тағйир медиҳад.

Ба ақидаи мо, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар раванди рушд ва густариши муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо ҶХХ мавқеи ягона ва муттаҳид дошта бошад. Ин мавқеъ бояд дар шакли стратегия ё барномаи расмӣ, ки метавонад дар чаҳорчӯбаи Созмони Ҳамкории Шанхай ё ба таври ғайрирасмӣ қабул шавад, ифода ёбад.

Зарурати сиёсати ягона барои Тоҷикистон аз он маншаъ мегирад, ки Хитой барои ҳар кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон, сиёсати мухталиф ва махсусро роҳандозӣ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки муносибати Чин бо ҳар кишвар вобаста ба манобеи табиӣ ва сатҳи рушди ҳамкориҳо фарқ мекунад. Тоҷикистон дар ин замина ҳоло платформаи ягонаи фарогир барои ҳамоҳангсозии муносибатҳояш бо Чин надорад.

Баръакс, баъзе кишварҳои минтақа асосан маводи хоми нафту газ ба Чин содир мекунанд ва дар натиҷа балансисавдо мусбат аст. Тоҷикистон бошад, боқии савдо бо Чин манфӣ аст ва ҳамзамон қарзҳои гирифтааш аз Чин сол то сол зиёд мешавад, ки ин метавонад мушкилот эҷод кунад. Ҳамин

тариқ, Тоҷикистон бори муносибатҳои иқтисодии бо Чинро танҳо бар дӯш мегирад, дар ҳоле ки дар минтақа ҳамоҳангсозии муштарак барои сиёсати ягона нисбат ба Чин вуҷуд надорад.

Дар натиҷа, аз муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии бо Чин ҳам кишварҳои боқии манфӣ ва ҳам боқии мусбат зарар мебинанд, ки ин вазъ ба таъмини манфиатҳои тарафайн халал мерасонад.

Ин масъала ба ҳамаи маводе дахл мекунад, ки барои истеҳсоли онҳо дар Тоҷикистон захираҳои зарурии ашёи хом мавҷуданд. Тоҷикистон бояд бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамоҳангии бештар дошта бошад, то Ҷумҳурии Халқии Хитой тавонад нақши муҳимтарро дар рушди тиҷорат ва ворид кардани технологияҳои саноатӣ ва истеҳсолӣ дар доираи стратегияҳои саноатикунонии иқтисоди ин кишварҳо иҷро кунад.

### 3.3. Самтҳои ояндадори тақвияти ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодии Тоҷикистону Хитой

Рушди иқтисод дар шароити имрӯза бо тавсеа ва воридшавии сармоя дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ алоқамандии қавӣ дорад, зеро ҳамин равандҳо сабаби саноатикунонии васеъ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва болоравии бойигарии умумимиллӣ мегарданд. Аз ин рӯ, дар назарияҳои муосири иқтисодӣ сармоягузорӣ ба бахшҳои мухталифи хоҷагии халқ ҳамчун унсури асосии таъминкунандаи рушди устувор баррасӣ мешавад.

Сармоягузориҳо дар иқтисоди мамлакат ба рушди иқтисодӣ таъсири назаррас дошта, баривоҷи потенсиали истеҳсолӣ, болоравии истеҳсолоти саноатӣ ва, дар умум, ба баланд бардошатни некӯаҳволии аҳолӣ боис мегарданд.

Барои муайян намудани таъсири сифатӣ ва миқдории сармоягузорӣ ва таъсири он ба рушди иқтисод, истифодаи васеи усулҳои таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ тавсия дода мешавад.

Усули аз ҳама афзалиятноки таҳқиқи алоқамандии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишвар усули моделсозии эконометрӣ мебошад, ки имкони арзёбии рушди иқтисодиро дар вобастагӣ аз аломати омилӣ дорад.

Мувофиқи таҳқиқоти мутахассисони дохиливу хориҷӣ, моделҳои рушди иқтисод вобаста ба сармоягузорӣ дар равандҳои иқтисодӣ бо тарзҳои гуногун таҳлил шудаанд. Барои таҳлили алоқамандӣ ва таъсирҳо, истифодаи усулҳои омории аз қабили квадратҳои хурдтарин ва барномаҳои замонавии таҳлилгарӣ, ки шумораашон рӯз то рӯз зиёд мешавад, маъқул аст. Дар раванди моделсозӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои дақиқ моделҳои компютерӣ низ коркард карда мешаванд.

Аввалан, муносибати байни нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки дар ҷадвали зерин оварда шудаанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Барои таҳияи модели регрессонӣ маълумотҳои омори расмии зеринро дорем:

**Ҷадвали 3.3.1. - Маълумотҳои ибтидоӣ барои тартиб додани таҳлили коррелятсионнӣ-регрессионӣ**

| солҳо | ММД | Сармоягузории мустақими Чин | Ҳамагӣ: сармояи мустақими хориҷӣ |
|---|---|---|---|
| 2004 | 6167,2 | 2 | 22,35 |
| 2005 | 7206,6 | 2,5 | 54,5 |
| 2006 | 9335,2 | 34,8 | 385,1 |
| 2007 | 12804,4 | 6,4 | 388,4 |
| 2008 | 17706,9 | 17,4 | 425,6 |
| 2009 | 20628,5 | 3,3 | 89,3 |
| 2010 | 24707,1 | 31,6 | 230,9 |
| 2011 | 30071,1 | 9,4 | 161,4 |
| 2012 | 36163,1 | 82,9 | 391,3 |
| 2013 | 40525,5 | 166,1 | 341 |
| 2014 | 45606,6 | 105,3 | 377 |
| 2015 | 50977,8 | 272,6 | 470,8 |
| 2016 | 54790,3 | 322,7 | 433,7 |
| 2017 | 64434,3 | 235,5 | 354,5 |
| 2018 | 71059,2 | 238,8 | 326,7 |
| 2019 | 79109,8 | 262,3 | 345,9 |
| 2020 | 83958,3 | 120,3 | 162,5 |
| 2021 | 101076,3 | 211,3 | 342,2 |
| 2022 | 118181,7 | 430 | 618,4 |

**Манбаъ:** Маълумотҳои Кумитаи сармоягузорӣ ва амволи двалатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо ин мақсад матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияро барои маълумотҳои дар ҷадвали 3.3.1. овардашуда ҳисоб мекунем. Коэффитсиенти коррелятсия дар таҳлилҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосӣ барои муайян кардани зичии робита байни нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба кор бурда мешавад. Ин коэффитсиент қиммате байни ±1 ва 0 мегирад. Қиммате, ки ба 1 ё -1 наздик аст, нишон медиҳад, ки байни ду нишондиҳанда робитаи мустаҳкам ва мусбӣ ё манфӣ вуҷуд дорад. Қиммати манфӣ алоқамандии баръаксро нишон медиҳад. Агар коэффитсиент ба сифр наздик бошад, ин маънои надоштани робита миёни нишондиҳандаҳоро дорад.

Дар ҷадвал нишондиҳандаҳои дорои робитаи хаттӣ ва қавии миёни худ бо рамзҳои ғафс (серранг) қайд шудаанд. Масалан, алоқамандии ММД аз маблағгузории мустақими Чин бениҳоят зич буда, коэффитсиенти корреллятсия ба 0,842 баробар аст (ҷадвали 3.3.2.).

**Ҷадвали 3.3.2. - Ҷадвали коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт**

| | ММД | Сармоягузории мустақими Чин |
|---|---|---|
| Сармоягузории мустақими Чин | 0,842 | |
| Ҳамагӣ: сармояи хориҷӣ | 0,483 | 0,672 |

Аз ҷадвали боло дида мешавад, ки ММД танҳо бо сармоягузории мустақими Чин алоқамандии зич дорад, бинобар ин модели якомиларо дар асоси лаги тартиби се таҳия менамоем.

Вақте ки таъсири сармоягузорӣ ба рушди иқтисодиёт таҳқиқ карда мешавад, модели регрессия нишон медиҳад, ки ин таъсир метавонад бо таъхир ба амал ояд. Дар чунин ҳолат, модел бо шакли тақсимоти лагӣ тасвир мешавад:

Yt=a+b0xt+b1xt−1+b2xt−2+⋯+bkxt−q+ε,Y_t = a + b_0 x_{t} + b_1 x_{t-1} + b_2 x_{t-2} + \dots + b_k x_{t-q} + \varepsilon,Yt=a+b0xt+b1xt−1+b2xt−2+⋯+bkxt−q+ε,

ки дар он Y_t нишондоди ММД дар вақти t буда, x_t сармоягузории мустақими Чин дар вақти t мебошад; x_{t-1}, x_{t-2} ва ғайра ҳолатҳои қаблӣ (лагиҳо) мебошанд.

Барои арзёбии модел аз усулҳои оморӣ истифода мешавад: F-меъёри Фишер барои санҷиши аҳамияти умумии регрессия, t-меъёри Стюдент барои баҳогузории параметрҳо ва коэффитсиенти детерминатсия $R^2$, ки нишондиҳандаи сифати мутобиқат ба модел мебошад.

Бо пас аз амалиёти муайяншуда дар яке аз барномаҳои амалии MS Excel, натиҷаҳои моделсозии регрессия, ки дар поён оварда шудаанд, ҳосил мегарданд:

**Ҷадвали 3.3.3. - Натиҷаҳои моделсозии регрессионӣ**

| *Омори регрессионӣ* | | | |
|---|---|---|---|
| Коэффитсиенти коррелятсия | 0,9235 | | |
| Коэффитсиенти детерминатсия | 0,8529 | | |
| Миқдори мушоҳидаҳо | 19 | | |
| *F-меъёри Фишер* | 29,005 | | |
| | *Коэффитсиентҳо* | *t-омор* | |
| Y-аъзои озод | 16037,52 | 3,36 | |
| $x_t$ | 9,831 | 2,51 | |
| $x_{t-2}$ | 3,689 | 0,70 | |
| $x_{t-3}$ | 13,825 | 2,27 | |

**Манбаъ:** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф тартиб дода шудааст.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 3.3.3., шакли модели регрессия ба таври зайл муайян карда мешавад: Yt = 16037,52 + 9,831xt + 3,689xt-2 + 13,825xt-3 + ε (1)

Барои ҳамаи коэффитсиентҳои тағйирёбандаҳои модел арзишҳои t-меъёри Стюдент омории назаррасро нишон медиҳанд ва аз арзиши ҷадвалӣ (tҷадвалӣ = 1,51) баландтаранд. Ин маълумот гувоҳи он аст, ки коэффитсиентҳои регрессия тасодуфан аз сифр фарқ карда, таъсири сармоягузории мустақими Чин ба ММД-ро нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои омории модели регрессия аҳаммияти илмӣ доранд ва сифати хуби моделро исбот мекунанд. Коэффитсиенти коррелятсия ба 1 хеле наздик буда, иртиботи зичи байни сармоягузорӣ ва ММД-ро баён мекунад.

Ҳамчунин, коэффитсиенти детерминатсия наздикии модели сохташударо ба воқеият тасдиқ мекунад. Қимати F-критерияи Фишер 29,005 буда, ки нисбат ба арзиши ҷадвалӣ (Fҷадвалӣ = 3,13) дар сатҳи аҳаммиятнокии α=0,01 ва α=0,05 болотар аст. Ин натиҷа маънои рад кардани гипотезаи сифрии H0-ро дорад. Бо ин шарҳ, муодилаи регрессия аҳамияти илмӣ дорад ва барои таҳқиқоти минбаъда ва пешгӯии таъсири сармоягузории мустақим ба рушди ММД метавонад истифода шавад.

Барои боварӣ ҳосил кардани векеияти пешниҳодшуда қиматҳои воқеӣ ва ҳисобии ММД-ро бо таъсири сармоягузории Чин дар диаграммаи зерин ҷойгир менамоем:



**Диаграммаи 3.3.1. - ММД-и воқеӣ ва ҳисобӣ, ки бо модели 1 ҳисоб карда шудааст.**

Коэффитсиентҳои назди $x_t$ коэффитсиентҳои регрессия номида мешаванд ва маънои онро доранд, ки ҳангоми ба 1 воҳид афзудани омили мувофиқ нишондиҳандаи вобаста ба чӣ миқдор меафзояд.

Коэффитсиенти назди $x_t$ ба 9,831 баробар буда, маънои онро дорад, ки ҳангоми ба 1 млн афзудани сармоягузории Чин нишондиҳандаи ММД дар соли якум ба 9,83 млн. сомонӣ ва дар соли сеюм ва чорум мувофиқан ба 3,689 ва 13,825 млн. сомонӣ меафзояд.

Ин коэффитсиентҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки сармоягузории имсол анҷомдодаи Чин дар солҳои минбаъада низ ба рушди иқтисоди кишвар ва афзоиши ММД боис мегардад.

Фаъолияти самарабахши иқтисодиёт ва ноил шудан ба рушди иқтисодии кишвар ва минтақаҳои алоҳида, ки дар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ифода ёфтаанд, таҳлили амиқи вазъи иқтисодиёт ва андешидани тадбирҳои мушаххаси ҳукуматиро барои беҳтар намудани он тақозо менамояд. Мақсади ин таҳқиқот пажӯҳиш ва таҳлили вазъи фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заминаҳои макроиқтисодии рушди он мебошад.

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амвол, дар нимсолаи аввали соли 2023 беш аз 82 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ бо маблағи умумии 49,1 миллиард сомонӣ (4,50 миллиард доллари амрикоӣ) иҷро карда шудааст. Аз оғози иҷрои ин лоиҳаҳо, 21,3 миллиард сомонӣ (1 миллиарду 950 миллион доллар) маблағҳои сарфшуда мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар соли ҷорӣ маблағи 3,26 миллиард сомонӣ (298,7 миллион доллар) азхуд карда шуда, ки ин ба 106 дарсади нақшаи молиявии ҳамин давра баробар мебошад.

Аз ҷумла, дар соҳаҳои зерин сармоягузорӣ карда шудааст:

– *энергетика* - дар доираи 17 лоиҳа 873,0 млн. сомонӣ (80,0 млн. доллар);

– *нақлиёт* - дар доираи 14 лоиҳа 1315,1 миллион сомонӣ (120,5 млн. доллар);

– *тандурустӣ* - дар доираи 9 лоиҳа 260,0 миллион сомонӣ (23,8 млн. доллар);

– *бахши хоҷагии манзилию коммуналӣ* - дар доираи 13 лоиҳа маблағи 196,4 миллион сомонӣ (баробар ба 18,0 миллион доллар) сарф шудааст;

– *хоҷагии кишоварзӣ* - дар доираи 3 лоиҳа 88,4 миллион сомонӣ (8,1 млн. доллар);

– *ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулода* - дар доираи 8 лоиҳа 81,0 миллион сомонӣ (7,4 млн. доллар);

– *маориф ва илм* - дар доираи 6 лоиҳа 134,2 миллион сомонӣ (12,3 миллион доллар);

– *обёрӣ* - дар доираи 4 лоиҳа 77,5 миллион сомонӣ (7,1 миллион доллар);

– *дар дигар бахшҳо* - дар доираи 8 лоиҳа маблағи 233,5 миллион сомонӣ (21,4 миллион доллар) маблағгузорӣ шудааст.

Барои амалӣ кардани лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар бахшҳои афзалиятнок бо ҳамкориҳои рушд созишномаҳои наве ба маблағи зиёда аз 2,3 миллиард сомонӣ (баробар ба 208,6 миллион доллар) ба имзо расонида шудааст, ки қисми зиёди онҳо, яъне 99 фоиз, грант мебошанд. Тибқи маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон, дар ин муддат ба кишвар сармояи хориҷӣ ба миқдори 906 миллион доллар ҷалб карда шудааст. Барои беҳтар намудани ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2023, имзои панҷ созишномаи сармоягузорӣ бо арзиши умумии зиёда аз 4 миллиард сомонӣ дар назар аст. Бо мақсади муаррифии имкониятҳои сармоягузорӣ ва зиёд кардани ҷалби сармояҳои мустақим, бо кишварҳои Британияи Кабир, Русия, Швейтсария, Испания, Озарбойҷон, Қазоқистон, Туркманистон, Ҷумҳурии

Халқии Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва Чехия зиёда аз даҳ форум ва конфронс баргузор шуд.

Дар ин чорабиниҳо беш аз 120 санади тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни саноат, кишоварзӣ, сайёҳӣ, энергетика, дорусозӣ, молия ва тиҷорат ба имзо расида, айни замон ба тадриҷ амалӣ мешаванд.

Дар давраи нимсолаи аввали соли 2023 як қатор корҳо доир ба самти дастгирии тиҷорат, васеъгардонии системаи мониторинг ва назорат ба сомон расонида шуданд. Барои санаи 1 июли соли 2023 шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ ба 345,3 ҳазор расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 ҳазор адад ё 1,4 фоиз бештар мебошад. Аз ҷумла, 311,9 ҳазор нафар соҳибкорони инфиродӣ ва 33,4 ҳазор шахсони ҳуқуқӣ мебошанд.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати баланд бардоштани дониши иқтисодию ҳуқуқии соҳибкорон ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири тиҷорат тадбирҳои амалӣ андешида истодааст.

Дар ин самт, бо мақсади беҳтар кардани сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ, Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №50 аз 1 марти соли 2023 тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад. Мувофиқи Барнома татбиқи як қатор ислоҳот барои тараққиёти саноат пешбинӣ шудааст.

Қонуни «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар кардани шароити фаъолияти соҳибкорӣ, ислоҳоти равандҳои иҷозатномадиҳӣ ва содда кардани талаботҳои қонунгузорӣ таҳия гардида, рӯйхати ҳуҷҷатҳоро то 60 фоиз коҳиш медиҳад. Ин санад дар таҳрири нав ва бо дарназардошти қонунҳои амалкунандаи соҳа омода шуда, 22 июни соли 2023 бо рақами 1968 қабул ва мавриди амал қарор гирифтааст. Ҳамчунин, дар ин давра дар натиҷаи татбиқи ислоҳот дар соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ шумораи мақомоти тафтишотӣ аз 27 ба 23 адад кам карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби ташкилотҳои молиявию қарзӣ барои бахши хусусии кишвар зиёда аз 9,3 млрд сомонӣ сармогузорӣ шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба миқдори 1,3 миллиард сомонӣ ё 34,4 % зиёдтар аст.

Дар нимсолаи аввали соли 2023 аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амвол ҷиҳати истифодаи самаранок ва мақсадноки моликияти давлатӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шуда, дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда аз ҳисоби хусусигардонӣ ва самаранок истифода бурдани моликияти давлатӣ зиёда аз 80,0 млн сомонӣ маблағ ба буҷети давлатӣ ворид карда шуд.

Дар бобати самаранок ва мақсаднок истифода бурдани моликияти давлатӣ 917 объекти моликияти давлатӣ ба маблағи 33,5 млн сомонӣ аз тавозуни як мақомот, корхона ва ташкилот ба тавозуни дигар мақомоти давлатӣ, корхона ва ташкилот гузаронда шуд.

Дар соли 2023, аз моҳи январ то декабр, воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон ба 2690,4 миллион доллар расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 4,4 фоиз ё 113,6 миллион доллар зиёдтар мебошад. Дар давраи гузашта сармоягузориҳо аз 65 кишвари ҷаҳон ворид шудаанд, ки дар ин миён Чин, Русия, Бритониё, ИМА ва Қазоқистон саҳми назаррас доранд. Чин аз соли 2010 то кунун бузургтарин сармоягузори иқтисоди Тоҷикистон шинохта шудааст ва ҳаҷми умумии сармояҳои воридшуда аз ин кишвар тақрибан 2,7 миллиард долларро ташкил медиҳад, ки дар 11 соли охир нақши асосиро дорост.

Пас аз Чин Русия бо сармоягузории умумии 1,2 миллиард доллар дар мақоми дуюм қарор дорад. Дар ин рӯйхат Британияи Кабир бо 671 миллион доллар, ИМА 577 млн доллар ва Қазоқистон 149 млн. доллар ҷойгиранд.

Дар давраи январ–декабри соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ аз 10 кишвари пешсаф дар муқоиса бо соли 2022 кам шуда, танҳо аз Люксембург афзоиш ба миқдори 35,2 миллион доллар ё 83,7 фоиз ба қайд гирифта шудааст. Азбаски қисми асосии афзоиши сармоягузорӣ ба гурӯҳи «дигар

давлатҳо» мансуб аст, ҳаҷми он ба 839,4 миллион доллар ё 85,4 фоизи умумии воридот рост меояд.

**Ҷадвали 3.3.4. - Воридоти ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ ва кишварҳои шарик дар солҳои 2022-2023 (млн. долл.)**

| Кишварҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | **2022** | **2023** |
| Хитой | 429,8 | 109,2 |
| Фаронса | 50,8 | 2,9 |
| Россия | 41,7 | 30,4 |
| Англия | 40,3 | 9,1 |
| ИМА | 15,9 | 6,9 |
| Сингапур | 9,3 | 7,8 |
| Туркия | 8,6 | 12,8 |
| Қазоқистон | 4,9 | 12 |
| Ҷопон | 3,5 | 8,2 |
| Ҷазираҳои Вирҷиния | 3,3 | 6 |
| Кишварҳои дигар | 10,3 | 16,1 |

***Манбаъ:***

ҶХХ бузургтарин сармоягузор дар иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ширкатҳои чинӣ дар сохтмони роҳҳо, амалӣ намудани лоиҳаҳои муштарак ва сохтмони иншооти калони саноатӣ фаъолона ширкат меварзанд. Сармоягузориҳои Чин асосан ба бахшҳои коммуникатсия, сохтмон, хизматрасониҳои молиявӣ, истихроҷи маъдан ва насби таҷҳизоти коркард равона шудаанд.

Соли 2012 дар ҷараёни сафари Президенти Тоҷикистон ба Пекин Чин ваъда дод, ки ҳаҷми сармоягузориҳояшро дар кишвар ба як миллиард доллар мерасонад. Аз он замон ин ду кишвар муносибатҳои стратегӣ ва ҳамкории иқтисодиро бо суръати зиёд рушд дода, ҳаҷми сармоягузориҳо мунтазам афзоиш ёфтааст. Дар соли 2016 афзоиши назаррасе дар сармоягузории Чин дида шуд, вале бо фаро расидани пандемияи COVID-19

ин раванд ба муддате суст гардид. Аз соли 2021 раванди барқароршавии воридоти сармояи мустақими Чин ба Тоҷикистон шуруъ шуд.

**Ҷадвали 3.3.5. - Воридоти ҳаҷми сармоягузории мустақими кишварҳои шарик дар солҳои 2010-2021 (ҳаз. долл.)**

| Давлатҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хитой** | 87744,3 | 66952,6 | 124308,1 | 212660,3 | 152021,5 | 405936,3 | 429398,5 | 303042,6 | 330081,1 | 283078,8 | 151744,5 | 236972,34 |
| **Русия** | 64173,7 | 89175,7 | 110374,4 | 344019,3 | 183471,1 | 81054,8 | 91832,72 | 65357,3 | 21534,8 | 35407,3 | 15195,6 | 1928,87 |
| **Англия** | 42095 | 40101,6 | 67666,7 | 32645,3 | 69036,6 | 128938,3 | 29661,1 | 136345,4 | 28335,1 | 35020,2 | 13993,6 | 20402,38 |
| **ИМА** | 63702 | 282284 | 66360 | 38773 | 87358,4 | 23095,6 | 18405,38 | 208924,6 | 8726,3 | 16298,7 | 7652,3 | 10030,17 |
| **Қазоқистон** | 6997,6 | 2187,5 | 14084,3 | 24781,3 | 41943,4 | 32599,6 | 3962,34 | 1836,6 | 3278,8 | 129,8 | 8106,4 | 8478 |

***Манбаъ:***

Яке аз хусусиятҳои махсуси сармоягузорони чинӣ ин аст, ки онҳо сармоягузории мустақимро дар иқтисоди Тоҷикистон бештар интихоб мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки ширкатҳои чинӣ дар кишвар корхонаҳои худро таъсис медиҳанд ё саҳмияҳои корхонаҳои маҳаллии Тоҷикистонро харидорӣ менамоянд.

Илова бар ин, Чин қарзҳои имтиёзнокро бо фоизи солонаи паст (одатан 2-3%) ва барои муддати беш аз 20 сол пешниҳод мекунад. Аммо, аксаран барои гирифтани чунин қарзҳо шарт мегузоранд, ки лоиҳаҳо бояд бо иштироки ширкатҳои чинӣ амалӣ шаванд.

Мисоли равшане ин аст, ки соли 2020 ширкати сохтмони роҳҳои мошингард аз Чин бо маблағгузории ҷудокардаи худ дар қисмати марзии Қалъаи Хумб – Ванҷ – Рӯшон корҳои сохтмонӣ ва омодагӣ оғоз намуд. Ҳамчунин, ширкатҳои чинӣ дар навсозии роҳҳои муҳими кишвар, монанди Душанбе-Чанок (бо дарозии беш аз 400 км), Душанбе-Ваҳдат-Данғара-Кӯлоб ва нақбҳои Шаҳристону Дӯстӣ, Хатлон ва Озодӣ саҳм доранд ва ин лоиҳаҳо бо маблағҳои ҷудокардаи Чин амалӣ шуданд.




**Диаграммаи 3.3.2. - Тамоюли сармоягузории кишварҳои шарик**

Ба назар мерасад, ки Чин барои сохтмон ва таҷдиди баъзе корхонаҳо, ки ширкатҳои чинӣ масъул ҳастанд, қарзҳои бо имтиёз медиҳад. Ин қарзҳо бештар ба ширкатҳои чинӣ ҷудо мешаванд ва қисми маблағҳои ҷудошуда ба иқтисоди Чин бармегарданд, дар ҳоле ки Тоҷикистон то муддати дароз боқӣ мемонад, ки ин қарзҳоро баргардонад.

Русия, ки муддати тулонӣ яке аз шарикони муҳими иқтисодии Тоҷикистон маҳсуб мешавад, сармоягузориҳои мустақимро ба бахшҳои мухталифи иқтисод равона кардааст. Сармоягузориҳои Русия бештар ба соҳаҳои сохтмон, коммуникатсия, истихроҷи маъдан, тандурустӣ, саноати сохтмон ва энергетика равона мебошанд.

Дар бахши энергетика ва маориф низ Русия тарҳҳои муҳимеро дар Тоҷикистон амалӣ мекунад. Масалан, соли 2009 нахустин марҳилаи “Лоиҳаи дӯстӣ”-и Тоҷикистону Русия, ки нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯдаро

ташкил медиҳад, мавриди истифода қарор гирифт. Ин неругоҳ бо афзоиши тавлиди барқ ба миқдори ҳашт миллион киловатт, мушкили камбуди барқ дар фаслҳои тирамоҳу зимистонро қисман бартараф намуд.

Русия инчунин бунёди муассисаҳои таҳсилоти бо забони русӣ дар панҷ шаҳри ҷумҳурӣ - Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Турсунзода ба уҳда дорад. Дар соли 2019 байни ҳукуматҳои ду кишвар созишномаи дахлдор имзо шуд ва барои амалӣ кардани ин тарҳ, Русия 150 миллион доллар ҷудо кард. Дар ин мактабҳо омӯзгорони рус фаъолият намуда, барномаи таълимӣ барои шароити Тоҷикистон мутобиқ гардонда шудааст.

Сармоягузориҳои Русия дар Тоҷикистон аз аввали солҳои 2000 оғоз ёфтанд ва дар он давра тарҳҳои калон амалӣ мешуданд. Аз ҷиҳати ҳаҷми сармоягузорӣ, Русия то соли 2014 пешсафи иқтисоди Тоҷикистон буд, вале аз соли 2015 Чин ин мавқеъро гирифт ва ҳоло сармоягузории Чин ба таври назаррас аз Русия пеш гузаштааст.

Ҳамин тавр, тамоюли пастравии сармоягузориии кишварҳои шарик ба иқтисоди кишварро чунин хулоса кардан мумкин аст, ки як қатор омилҳо ва шарту шароит дар кишвар ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонанд. Аз омилҳо метавон камравии рушди институтҳои демократӣ, вайрон шудани принсипи волоияти қонун ва паст будани сатҳи рушди ҷомеаи гуногунандешӣ ном бурд.

Ҳамзамон, омилҳои дигаре низ ҳастанд, ки ҷалби сармояи хориҷиро ба иқтисоди Тоҷикистон маҳдуд мекунанд. Аз ҷумла, муҳити номусоиди сармоягузорӣ, бюрократия ва монеаҳои маъмурӣ, сатҳи поёни рушди инфрасохтор барои сармоягузорӣ, номукаммалии низоми андоз ва набудани имтиёзҳои кофӣ, доминиру кардани қисматҳои муайяни бозор, сатҳи фасод ва рақобати ғайрисолим ба ҷалби сармояи мустақим ба кишвар монеъ мешаванд.

Барои боз ҳам ҷолиб намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар ниҳодҳои дахлдорро лозим аст, ки сабабҳо ва омилҳои паст рафтани ҷалби сармояро омӯхта, ба институтҳои молиявӣ тавсияҳои судманд ироа

намоянд. Новобаста ба ҳамаи ин, Чин ягона кишвари пешрав дар сармоягузории мустақими хориҷӣ боқӣ мемонад.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулосагирӣ ва пешниҳодҳо метавон кард:

1. Омилҳои геоиқтисодӣ ба рушди муносибатҳои минбаъдаи Тоҷикистону Хитой таъсири назаррас мерасонанд. Сухан дар бораи натанҳо ҳамсоягии Тоҷикистону Чин ва сарҳади беш аз 350 км байни онҳо меравад. Тағйироте, ки дар миқёси ҷаҳонӣ дар соҳаи иқтисод амалӣ гардидаанд ва боиси шадид гардидани рақобати байни иқтисодҳои давлатҳо шудаанд, талаб менамояд, ки Тоҷикистон дигаргуниҳои қатъиеро ҳам дар таркиби иқтисод, ҳам дар ҷорӣ намудани комёбиҳои навтарини инноватсионӣ паси сар намояд. Иттифоқчиёни пештараи Тоҷикистон дар доираи фазои пасошуравӣ, аз ҷумла Русия, Украина, Қазоқистон ва Беларус оид ба амалӣ гардонидани чунин тлаботи аз рушди иқтисоди ҷаҳонӣ бармеомада ба Тоҷикистон мадад расонида наметавонанд. Чунин ёрӣ танҳо аз ҷониби Хитой ба Тоҷикистон омода хоҳад шуд. Дар назар аст, ки давлати Чин низ барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодию инноватсионии Тоҷикистон ва хусусан рақамикунонии он ҳавасманд мебошад. Ба ғайр аз ин, дар хотир бояд нигоҳ дошт, ки тамоми намудҳои молҳои инноватсионӣ ва хизматрасониҳои ба онҳо пайвастбуда нисбат ба қиматҳои ҷаҳонӣ пасттар мебошанд;

2. Дар гуфтушунидҳое, ки байни роҳбарони сатҳи аввали Тоҷикистону Чин ҳар замон амалӣ мегарданд, масоили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии робитаҳои байни Чин ва Тоҷикистон баррасӣ мегарданд. Тоҷикистон бештар барои он манфиатдор аст, ки робитаҳои қайдгардида боиси баланд бардоштани сатҳи шуурнокии васеи аҳолӣ ва хусусан аҳолии деҳот гарданд ва сатҳи бекориро то ба дараҷаи нормативӣ оварда расонанд. Ба ғайр аз ин Тоҷикистон мехоҳад, ки болоравии сатҳи шуурнокӣ дар асоси хеле такмил ёфтани фазои касбу кории мардум гардад. Яъне, сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти баланд бардоштани робитаҳои

тиҷоратию сармоявии байни Тоҷикистону Чин бештар ба он сатҳе, ки дар кишварҳои мутарракӣ паҳн гардидааст, наздик шудан гирад;

3. Чин дар навбати худ ҳавасманди ширкат варзидан барои аз худ намудани бойигариҳои зеризаминии Тоҷикистон мебошад. 10 соли охир ин бобат ҳамкории байни Тоҷикистону Чин ба маротибҳо афзудааст. Хеле муҳим аст, ки ин ҳамкориҳо ба кризиси экологӣ дар Тоҷикистон оварда нарасонад ва муҳити атрофро вайрон накунад. Ҳоло Чин технологияҳое дорад, ки онҳоро барои азнавбарқароркунии муҳити атроф дар минтақаҳое, ки корхонаҳои муштарак оиди истихроҷи маъданҳои гуногун самаранок истифода бурдан мумкин аст. Дар чунин радиф зарур аст, ки истихроҷ ва коркарди маъдан то ба сатҳе, ки флузоти ниҳоӣ пайдо мегардад бурда шавад ва дар айни замон, тамоми консентрати аз чунин истихроҷ пайдо гардида дар қаламрави Тоҷикистон коркард гардад;

4. Таносубҳои байни содироту воридот дар гардиши мол ва хизматрасониҳо барои барқарор намудани мутавозиниат эҳтиёҷи ҷиддӣ дорад. Аз ин рӯ, солҳои минбаъда бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки дар робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ тарафи Чин ба амалӣ гардонидани сиёсати табодулоти воридот ва тезонидани суръати содирот ба давлатҳои хориҷӣ таъсири муфид расонад. Хусусан, ёрии ҶХХ барои бунёди босуръати соҳаҳои меҳнатталабу илмталаб зарур мебошад. Бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки шабакаҳои НИОКР дар Тоҷикистону Чин ба ҳамдигар ҷисман пайваст бошанд ва ҳамаи навгониҳое, ки дар истеҳсолот, хизматрасониҳо ва ҷомеаи чиноӣ амалӣ мегарданд дар ҳолатҳои зарурӣ бидуни ҳаргуна мамониат дар Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

## ХУЛОСАИ БОБИ СЕЮМ

Оид ба рушди ҳамкориҳои байни Тооҷикистону Чин дар нуктаҳои поён инъикос ёфтаанд.

1. Минбаъд дар таркиби сармоягузориҳо ва тиҷорати Чин дар Тоҷикистон ҳиссаи Чин баро сохтмони пойгоҳҳои энергетикӣ дар ВМКБ бояд афзун гарданд. Чунин пойгоҳҳоро зарур аст, то хусусияти

содиршавандагӣ дошта бошанд. Муҳим аст, ки пойгоҳҳои нави энергетикӣ дар дарёҳои Ғунд, ванҷ, Бартанг, Язғулом ва Хумбоб бунёд гардида, сатҳи содироти Тоҷикистонро баланд бардоранд ва барои баробаршавии воридоту содирот дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳиссагузор бошад.

2. Мавқеи Чин дор ба вусъат додани омӯғзиши геологӣ дар куҳистони Тоҷикистон ва зхусусан дар ВМКБ муҳим мебошад. Ин бобат ҳарду тараф кӯшиш ба харҷ диҳанд, то конҳои нави металлҳои нодир ва пароканда, инчунин сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хом барои истеҳсоли аллюминий кашф гарданд.

3. Бо сабаби он, ки аз назари истифодаи нерӯи офтоб Чин дар ҷои аввал меистад, он бояд бо Тоҷикистон оид ба сохтани корхонаи калон ҷиҳати истеҳсоли таҷҳизот барои неругоҳҳои офтобӣ мадад расонад.

4. Маълум аст, ки аз замонҳои қадим Чин макони аввалини истеҳсоли пилла ва нахи абрешим мебошад. Бо назардошти он, ки Тоҷикистон дорои базаи нерумандтарини истеҳсоли пилла мебошад, дар қаламрави кишвар чунон пойгоҳи истекҳсоли пилла ва нахи абрешим аз нав эҳё гардад, ки дар дурнамои наздик мавқеи Тоҷикистон дар бозори байналмилалии абрешим дар яке аз ҷойҳои аввалин бошад.

5. Дарояндаиназдик бояд сар то сари Тоҷикистон корхонаҳои меҳнатталаб ва илмталаб аз нав эҳё гарданд ва ҳалли пурсамари ин масъала аз Чин вобаста мебошад, зеро ин мамлакат дорои технологияи босифат ва арзон мебошад. Ин имкон медиҳад, ки воридоти маводе, ки барои тавлиди он дар Тоҷикистон ашёи хоми пурсамар вуҷуд дорад ба маротиб камтар гардад.

6. Ширкатҳои чинои метавонанд ба Тоҷикистон оид ба сохтмону ба истифода додани корхонаҳои масолеҳи сохтмон кумаки ҷиддӣ расонанд. Дар байни чунин корхлнаҳо хзусусан коркарди санги мармар ва хоро, инчунин сангҳои сунъӣ мақоми махсус дорад. Истифодаи технологияи

арзони чинӣ имкон медиҳад, то истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар Тоҷикистон торафт бештар хусусияти мутавозинӣ пайдо намояд.

7. Дар замони ҳозира сохтмони шоҳроҳи Қулма-Хоруғ барои Тоҷикистон аҳамияти бузурги геоиқтисодӣ пайдо менамояд. Он имкон медиҳад, ки захираҳои бузурги табиӣ, ки дар Помири Шарқӣ ва инчунин, дар ду тарафи дарёи Ғунд ҷойгир шудаанд, ба гардиши иқтисодӣ пайваст шаванд. Ҳамзамон, сохтмони роҳи мазкур имконият медиҳад, ки дар Хоруғу Рушон пойгоҳи тиҷорати яклухти молу маҳсулоти истеъмолӣ ва истеҳсолӣ ҷойгир шаванд. Ин чорабинӣ қодир аст, ки буҷаи вилоят ва ноҳияҳои ВМКБ-ро аз вазъи дотатсионӣ берун барорад.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

### *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

